ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 + 809.155.0 (2Т)

**ФАТУЛОҶОНИ УМАРЗОДА**

# ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ Ӯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Мақсудзода Бадриддин Мақсуд

ДУШАНБЕ – 2024

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.....................................................................................4-7**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ...............................................................8-12**

**БОБИ I. ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АДАБИИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ ..........................................................................13-48**

1.1. Шарҳи ҳоли илмии Ҳумоми Табрезӣ.......................................................13-27

1.2. Мероси адабии шоир..................................................................................28-48

1.2.1. Девони Ҳумоми Табрезӣ ва нусхаҳои хаттии он.................................28-34

1.2.2.Таснифоти жанрии ашъори Ҳумоми Табрезӣ........................................34-48

1.2.2.1. Ғазал.........................................................................................................34-42

1.2.2.2. Рубоӣ.........................................................................................................42

1.2.2.3. Қасида.......................................................................................................42-43

1.2.2.4. Қитъа.........................................................................................................43-44

1.2.2.5. Фард..........................................................................................................44-45

1.2.2.6. Тарҷеъбанд...............................................................................................45

1.2.2.7. Маснавии «Суҳбатнома»........................................................................46-47

1.2.2.8. Маснавии «Китоби маснавиёт»..............................................................47-48

**БОБИ II. МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ...........................................................................49-89**

2.1. Шеваҳои офариниши маънӣ дар қолаби ғазал........................................49-64

2.2. Ишқ дар ғазалиёти шоир.............................................................................65-76

2.3. Мадҳ дар ғазал..............................................................................................77-85

2.4. Афкори дидактикии шоир...........................................................................86-89

**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ.........................................................................90-174**

3.1. Устухонбандӣ.................................................................................................90-99

3.2. Ҷанбаҳои мусиқоии каломи шоир.............................................................100-118

3.3. Вазн.....................................................................................................119-124
3.4. Қофия ва радиф........................................................................................125-133
3.5. Орояҳои бадеӣ..........................................................................................134-174

**ХУЛОСА.................................................................................................175-176**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........................................................................................177**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.............................................................................178-193**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ...194-195**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳумоми Табрезӣ шоири ғазалсаро ба забони форсии тоҷикӣ дар асри XIII буда, асосан, дар пайравии Саъдӣ ғазал сурудааст.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, асри XIII дар таърихи кишварҳои Шарқу Ғарб яке аз давраҳои мудҳишу нооромбудааст. Бо ин вуҷуд, ин давра дар ҳаёти адабию фарҳангии мардуми тоҷику форс хеле пурсамар воқеъ шудааст, зеро шеъру адаби форсии тоҷикӣ дар ҳамин давра аз ҳама ҷиҳат пеш рафтааст. Аксари шоирони бузурги ғазалсарои адабиёти форсу тоҷик, аз қабили Саъдии Шерозӣ, Фахриддини Ироқӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳумоми Табрезӣ ва дигарон дар ҳамин аср ба арсаи эҷод омадаанд.

Яке аз адибони ғазалсарои ин давр Ҳумоми Табрезист, ки, мутаассифона, таҳқиқи аҳволу осори ӯ аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст. Ҳамин ҳолат зарурати омӯзиши рӯзгору осор, таркиби жанрии девон ва таҳлили ғазалиёти ӯро пеш меорад. Мубрамии мавзуи таҳқиқ боз дар он дида мешавад, ки то ҳамаи ғазалсароёни давраи классикии адабиётамон ва, махсусан, ҳамасрони Ҳумом ва ашъори онҳо пурра омӯхтаву таҳқиқ карда нашавад, дар бораи ташаккулу пешрафти ғазали классикии форсу тоҷик ба таври қатъӣ мулоҳиза рондан имконнопазир мебошад.

Мо дар диссертатсия масоили марбут ба рӯзгору ашъори Ҳумоми Табрезӣ, таснифоти жанрии девони ин шоир, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти ӯро таҳқиқ кардаем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** То ҳол дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Ҳумоми Табрезӣ таҳқиқоти комил, ки битавонад тамоми паҳлуҳои ҳаёт ва мероси адабии ӯро фаро бигирад, ба анҷом нарасидааст. Аввалин маълумотро дар хусуси Ҳумом, рӯзгор, осор ва ҳунари эҷодии ӯ дар девони худи шоир метавон пайдо кард. Шоир дар ғазалҳо, қасидаҳо ва маснавиёташ доир ба баъзе ҳолот ва ҷузъиёти зиндагонӣ, дӯстон, шогирдон ва ҳунари ғазалсароии худ ишораҳо кардааст. Гузашта аз ин, дар ағлаби тазкираҳои дар замони зиндагии ӯ ва баъд аз ӯ таълифёфта, таърихномаҳо, ҷунгу сафинаҳо, ҳамчунин, дар китобҳои ба

таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бахшидаи донишмандони Эрон, Аврупо ва баъзан Тоҷикистон доир ба Ҳумоми Табрезӣ ишораҳо ба назар мерасад.

Куҳантарин тазкирае, ки дар хусуси Ҳумоми Табрезӣ маълумот ироа кардааст, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мебошад. Дар ин тазкира ҳикояи ҷолиби вохӯрии Ҳумом ба Саъдӣ низ хеле шавқовар оварда шудааст, ки минбаъд маълумоти нисбат ба Ҳумоми Табрезӣ овардаи ӯ дар дигар тазкираву сарчашмаҳо, амсоли «Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор»-и Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондмир, «Равзот-ул-ҷинон ва ҷаннот-ул-ҷанон»-и Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Райҳонат-ул-адаб»-и Муҳаммадалии Табрезӣ, «Наштари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ, «Рӯзи равшан»-и Сабо ва дигар китобҳои ба таърихи адабиёт бахшидашудаву баъзе осори таҳқиқии имрӯза, ба мисли «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабии Эрон»-и Эдуард Браун, «Суханварони Озарбойҷон»-и Азизи Давлатободӣ, «Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён»-и Абдуррафеъи Ҳақиқат, «Таърихи адабиёти Эрон»-и Ризозода Шафақ, «Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ»-и Забеҳуллоҳи Сафо ва ғайра зикр шудааст.

Вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ дар Эрон вазъ каме дигархелтар аст. Ҷустуҷӯи мо нишон дод, ки исми Ҳумом дар донишномаву луғатномаҳо, аз ҷумла, «Луғатнома»-и Деххудо, «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин ва «Донишномаи забону адаби форсӣ» омадааст. Ҳамчунин, дар хусуси сабки баён, мазмуну муҳтаво ва дигар ҷанбаҳои шеъри Ҳумоми Табрезӣ аз ҷониби баъзе донишмандону муҳаққиқони дигари Эрон, аз қабили Аббосзода Фозил [160; 161; 162], Носири Ализода [64], Шоҳини Гешагӣ [84], Муҳаммадризо Ҳисоракӣ [170], Рашиди Айвазӣ [62] ва дигарон мақолаҳо навишта шудаанд. Муайяди Собитӣ аввалин бор девони Ҳумомро мураттаб ва чопи замонавӣ кардааст. Рашиди Айвазӣ ба ҷуз он ки дар хусуси Ҳумоми Табрезӣ мақолаҳои алоҳида дорад, ҳамчунин, бори дувум девони шоирро бо муқоиса ба дигар нусахи мавҷуди он мураттабу чоп кардааст [34], ки ҳоло беҳтарину комилтарин

чопи девони шоир мебошад ва мо низ дар навиштани кори худ аз ҳамин чопи девони шоир кор гирифтем. Ҳамчунин, дигар донишмандони Эрон, аз қабили Азизи Давлатободӣ, Фарниё Сафдарпур, Ризозода Шафақ ва Забеҳуллоҳи Сафо дар китобҳои таърихи адабиёти худ дар хусуси Ҳумоми Табрезӣ ва эҷодиёти ӯ ҳатталимкон маълумот додаанд.

Аз миёни муҳаққиқони номбурда саҳми Муайяди Собитӣ, Рашиди Айвазӣ ва Аббосзода Фозил дар шинохти Ҳумом ва осору ашъори ӯ фарохтар аст. Гарчанде ки рӯзгор ва осори Ҳумом дар Эрон ба таври комил таҳқиқ нашудааст, дар муқаддимаи чопи имрӯзаи девони шоир, ки аз ҷониби Рашиди Айвазӣ ба нашр омода шудааст, дар бораи аҳволи Ҳумом баъзе таҳлилҳои шарҳиҳолӣ ироа шудаанд.

Дар баъзе китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, ки дар Тоҷикистон ба нашр расидаанд, номи Ҳумом дар зумраи шоирони соҳибноми асри XIII номбар шудаасту бас [61, 250-286-288]. Дар ҷилди 8-уми «Энсиклопедияи советии тоҷик» [82, 417] ва дар ҷилди 3-юми «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [81, 477] роҷеъ ба Ҳумом мақолаи кӯчаки энсиклопедӣ аз ҷониби С. Воҳидов навишта шудааст. Донишманди тоҷик А. Афсаҳов дар рисолаи хеш «Сайфи Фарғонӣ» зимни шарҳу баррасии қасоиди Сайфи Фарғонӣ аз шоири ҳамасри ӯ Ҳумом ёд карда, аз якчанд қасоиди ӯ намуна меорад [69, 116-118]. А. Афсаҳзод дар рисолаи «Ҷомӣ – шоири ғазалсаро» зимни шарҳи мухтассоти жанрии ғазал то давраи Ҷомӣ, аз Ҳумоми Табрезӣ ҳамчун шоири ғазалсарои асри XIII ном мебарад [68, 35-63]. Ҳамчунин, У. С. Казакова дар мақолаи «Таъсирпазирии Салмони Соваҷӣ аз шуарои бузурги пешин» як ғазали Ҳумомро меорад, ки Салмон ба ӯ назар доштааст [96, 129]. Ба ҷуз аз инҳо, ки зикр кардем, дар Тоҷикистон дар хусуси Ҳумоми Табрезӣ ахбори дигаре ба даст наомад.

Тавре зикр шуд, роҷеъ ба аҳволи Ҳумом дар илми шарқшиносии Ғарбу Шарқ мақолаҳои алоҳидаи илмӣ таълиф шудаанд, аммо рисолаи яклухте, ки тавонад паҳлуҳои гуногуни ҳаёту осори ӯро фаро гирад, нашр нашудааст.

Ағлаби ахбори дар сарчашмаҳо омада нақл аз рӯйи якдигар мебошанд. Маълумоти овардаи баъзе муҳаққиқони таърихи адабиёт дар замони муосир низ ҳамин ҳукмро дорад. Гузашта аз ин, аксари муҳаққиқон на танҳо саҳву хатоҳои дар тазкираву сарчашмаҳо ҷойдоштаро ислоҳ накардаанд, балки онҳоро дар осори хеш такрор низ кардаанд. Бо ин вуҷуд, маълумоти овардаи онҳо барои баҳс ва барқарорсозии шарҳи ҳолу таҳлилу баррасии ашъори адиб мусоидат карда метавонанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил карда, дар асоси нақша марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадафи асосиии мо дар навиштани диссертатсия таҳқиқу баррасии рӯзгор, осор ва таҳлилу баррасии мундаричаи ғоявӣ ва бадеиёти ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ мебошад. Барои амалӣ кардани аҳдофи худ кӯшиш кардем, ки дар асоси таҳлилу баррасии ахбори сарчашмаҳо, тазкираҳо ва манобеи мухталифи илмию адабӣ ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Ҳумоми Табрезиро барқарор карда, дар бораи сохтори ғазалҳо, мазмуну мундариҷа, вежагиҳои жанрӣ, маъниофарӣ, бадеиёт, вазну қофияи ғазалҳои шоир таҳқиқоти илман асоснок ироа намоем.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқ дар хусуси рӯзгору осор ва ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ масоили зер ба миён гузоштаву ҳал карда шудаанд:

– баҳси ному насаб ва алқоби Ҳумоми Табрезӣ;

– дақиқ муайян намудани соли таваллуд ва вафоти шоир;

– барқарор намудани паҳлуҳои дигари зиндагиномаи шоир;

– таҳқиқ ва тавсифи нусхаҳои хаттии девони Ҳумом;

– таҳқиқи анвои адабии таркиби девони шоир;

– таҳлил ва баррасии мундариҷаи ғоявии ғазалиёт;

– муайян намудани маъниофарии шоир дар ғазал;

– таҳқиқ ва муайян кардани сохтору устухонбандии ғазалҳо;

– таҳқиқи ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳои Ҳумом;

– таҳқиқи авзони ғазалҳо;

– муайян кардани анвои қофияву радиф дар ғазалҳо;

– таҳқиқ ва баррасии санъатҳои бадеии ғазалҳои шоир.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқ дар рисолаи мо ашъори ғиноии асри XIII форсу тоҷик, махсусан, жанри ғазал мебошад.

**Предмети таҳқикро** дар диссертатсия девони ашъори лирикии Ҳумоми Табрезӣ ва, ҳамчунин, осори дигари назмии ӯ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқ, навиштан ва бандубасти диссертатсия бархурди сирф илмӣ сурат гирифтааст ва ҳамчунин, ба афкори

назарӣ ва таҳқиқии донишмандони ватанию хориҷӣ, аз қабили Е.Э. Бертелс, Э. Браун, Я. Рипка, Саъид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маликушшуаро Баҳор, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Садриддин Айнӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Абдуманнони Насриддин, Носирҷон Салимӣ, Бадриддин Мақсудзода, Мирзо Солеҳов, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Муҳриддин Низомӣ, Умеда Ғаффорова ва дигар донишмандону назариядонон ба назар гирифта шуд. Ҳамчунин, барои таҳлили ғазалҳои шоир асарҳои таҳқиқии ба ғазал ва дигар анвои адабӣ бахшидаи муҳаққиқон дар давраҳои гуногуни адабиёти форсии тоҷикӣ, аз қабили А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Алимардонов, Б. Мақсудзода, У. Тоиров, М. О. Солеҳов, М. Нарзиқул, М. Низомӣ, ховаршиносону адабпажӯҳони хориҷӣ, ба мисли Шиблии Нуъмонӣ, Зайнулобуддини Муътаман, Ҳусайни Размҷӯ, Дориюши Сабур, Ҷалолиддини Ҳумоӣ, Мансури Растагори Фасоӣ, Сируси Шамисо, М. Ш. Кадканӣ, М. Ҷ. Каззозӣ, И.С. Брагинский, М. Л. Рейснер ва дигарон дар назар гирифта шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси равишҳои муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, истидлолӣ, тавсифӣ, оморӣ ва дигар равишҳои адабиётшиносии муосир таълиф ёфтааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Диссертатсия дар асоси нусахи хаттӣ ва чопии девони Ҳумоми Табрезӣ, бавижа, нусхаҳои чопии мураттабкардаи Рашиди Айвазӣ ва Муайяди Собитӣ, ҳамчунин, тазкираву таърихномаҳо, ҷунгу сафинаҳое, ки дар бораи Ҳумоми Табрезӣ маълумот додаанд, таълиф гардидааст. Ба ҷуз аз инҳо, осори илмӣ, таҳқиқӣ ва адабие, ки дар бахши китобномаи диссертатсия зикр шудаанд, ба сифати манбаъҳои назарӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои зиндагинома, мероси адабӣ, нусхаҳои хаттии девон, таркиби жанрии девон, мундариҷаи ғоявӣ ва бадеиёти ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ мавриди таҳқиқи комили илмӣ қарор мегирад. Аз ҷумла, дар

асоси таҳлилу муқоисаи маълумоти сарчашмаҳои гуногуни илмию таърихӣ ва осори худи шоир ному насаб, алқоби фахрӣ, санаи таваллуд, устодон, наздикон ва ҷараёни зиндагии Ҳумоми Табрезӣ муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ҳумоми Табрезӣ шоири форсу тоҷики асри XIII буда, ному насаби комили ӯ Хоҷа Ҳумомуддин ибни Алои Табрезист. Ӯ шоири ғазалсаро буда, дар пайравии Саъдии Шерозӣ ғазал эҷод мекард. Аз Ҳумоми Табрезӣ ҳамагӣ як девони ашъор ба мо расидааст, ки соле пас аз марги шоир бо амри Рашидуддини Фазлуллоҳ – вазири Элхониён, тадвин шудааст.

2. Таҳлилу муқоисаи маълумоти сарчашмаҳо ва осори худи Ҳумоми Табрезӣ моро ба чунин хулоса овард, ки ӯ тахминан байни солҳои 1230-1237 м. ба дунё омада, соли 1314 м. аз дунё гузаштааст.

3. Ҳумом аз шогирдони алломагони замонаш – Хоҷа Насираддини Тӯсӣ ва Кутбиддини Шерозӣ будааст. Аз ин бармеояд, ки Ҳумом ғайр аз шеъру шоирӣ, ҳамчунин, донишманди соҳаи мантиқу фалсафа низ буда ва аз улуми нуҷуму ҳайат низ огоҳ будааст.

4. Аз ишораҳои шоир дар девонаш маълум карда шуд, ки ӯ низ мисли ҳамасронаш Саъдии Шерозӣ ва Фахриддини Ироқӣ суннии шофеӣ будааст.

5. Аксари ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ тибқи суннати ғазалҳои ирфони хуросонӣ суруда шуда, ба тавсифу ситоиши маъшуқи азалӣ, қурб ҷӯстан ба ӯ ва худро фидо кардан дар роҳи ӯ навишта шудаанд. Гузашта аз ин, баъзе ғазалҳои Ҳумом мазомини панду андарзӣ, ахлоқию тарбиятӣ дошта, дар миёни онҳо ғазалҳои комиле ҳам ҳастанд, ки мадҳӣ мебошанд ва ба ин ё он шахси машҳури замони шоир бахшида шудаанд. Нуқтаи ахир яке аз вежагиҳои ғазалиёти Ҳумом мебошад.

6. Дар халлоқияти адабӣ шоир аз қонунияти адабии қолабгароӣ берун нарафтааст ва гоҳ-гоҳе тавассути ошноизудоӣ ва ё аҷибсозӣ ҳунарсозаҳои масдуди пешиниёнро боз намуда, маъниҳои бадеии тозае офаридааст.

7. Аз саноеи маънавии бадеӣ, ба мисли тавсиф, ташбеҳ, истиора, маҷоз, талмеҳ, иҳом, тазодду муқобала ва ғайра хеле олӣ ва шоирона кор гирифтааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ҳангоми баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, аз ҷумла, таърихи адабиёти асри XIII, таҳлили маъноӣ ва шаклии ғазал, назарияи шеър, сохтори ҳунарӣ ва нақди адабӣ мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки минбаъд ба пажӯҳиши масъалаҳои гуногуни адабиёти бадеии асри XIII иқдом менамоянд, маводди назарӣ дода метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводди онро ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, ҳамчунин, мақолаву рисолаҳои илмӣ ҳамчун манбаъ метавон истифода бурд. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия барои донишҷӯёни риштаи филологӣ зимни таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ метавонанд мусоидат кунанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Бо маслиҳату машварати роҳбари илмӣ масъалаҳои асосию фаръии таҳқиқшаванда дар диссертатсия пешниҳод гардида, фарзияҳои илмӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия тайи солҳои таҳқиқ рӯи масъалаҳои таҳқиқаш силсилаи мақолаҳоро чоп намудааст, ки ҳама фарогири мавзуъҳое мебошанд, ки ба диссертатсия дахл доранд. Муаллиф тавонистааст бо чопи мақолаҳои алоҳида баъзе аз фаслу бобҳои диссертатсиро қаблан ба ҷомеаи илмӣ муаррифӣ намояд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилҳои илмию амалӣ (солҳои 2015-2024) маърузаҳо хондааст. Бахшҳои асосии

диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №16 аз 14.06.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон» ва «Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» чоп шудаанд, ки теъдодашон ба шаш адад мерасад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, ду зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 195 сафҳаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АДАБИИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ

## 1.1. Шарҳи ҳоли илмии Ҳумоми Табрезӣ

Ҳумоми Табрезӣ шоири ғазалсарои асри XIII ба шумор рафта, даврони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ ба замони ҳукмронии Элхониёни муғул рост омадааст. Дар ин фасл шарҳи илмии аҳволи Ҳумом барқарор карда мешавад. Агар аз ин нигоҳ ба таърихчаи таҳқиқи аҳволи шоир бингарем, маълум мешавад, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба ӯ чандон зиёд нест. Дар хусуси зиндагии Ҳумом зиёда аз 25 тазкира, таърихнома ва ҷунгу баёзҳо маълумот медиҳанд.

Соли таваллуди шоир дар манбаъҳои асримиёнагӣ зикр нашудааст. Аммо миёни муҳаққиқон ва пажуҳишгарони муосир доир ба санаи дақиқи таваллуди ӯ ихтилофи назар зиёд аст. Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар китоби «Таърихи муғул» соли таваллуди ӯро 591 ҳ.қ. /1195 м. зикр кардааст [132, 130]. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» санаи 632 ҳ.қ. /1240 м.-ро зикр мекунад [147, 712]. Аммо Рашиди Айвазӣ – мураттиби девони Ҳумом зикр мекунад, ки санаи валодати Ҳумом 434 ҳ. қ./ 1043 м. аст [34, 14]. Ба назари мо, дар санаи мазкур ғалати техникӣ рӯй додааст, зеро агар онро ҳамчун санаи саҳеҳи валодати шоир қабул кунем, давраи валодат ва фаъолияти ӯ ба асри XI рост меояд. Шояд қасди Айвазӣ аз арқоми оварда 634 ҳ. қ. /1237 м. бошад ва ин сана ба ҳақиқат наздиктар аст.

Дар бораи даврони туфулият, наврасӣ ва ҷавонии Ҳумом аз ҳеч сарчашмае ва, ҳатто, аз ашъори худи шоир иттилое ба даст намеояд. Чун Ҳумом шоири машҳури замонаш буд, бадеҳист, ки шахси таҳсилкарда ва соҳибмаълумоте буд. Падари Ҳумом – Алои Табрезӣ, шахси донишманд ва шоир будааст, маълум, ки Ҳумом таҳсилоти аввалияро дар назди падар фаро гирифтааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ мегӯяд, ки ӯ «аз ҷумлаи шогирдони Хоҷа Насриддини Тӯсӣ» ва аз «ақрони аллома Қутбиддини Шерозӣ» будааст [31, 164]. Мавлавӣ

Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо дар тазкираи «Рӯзи равшан» иттилои Давлатшоҳро айнан такрор мекунад: «Хоҷа Ҳумомиддини Табрезӣ аз ақрони аллома Қутбиддини Шерозӣ ва таломизаи Хоҷа Насриддини Тӯсӣ буда, дар илму фазлу давлат аз амосилу ақрони ғайр имтиёз дошт ва ба домани давлати Хоҷа Шамсиддини Соҳибдевон тамассук намуда ва ба тараққиёти гуногун расида, ба айшу ишрат мегузаронида» [32, 967]. Дар «Райҳонат-ул-адаб» зикр шуда, ки «бо Қутбиддини Шерозӣ ҳамдарс ва аз таломизаи Хоҷа Насири Тӯсӣ будааст» [22, 370]. Муаллифи «Наштари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ низ мегӯяд: «Вай аз шогирдони алломаи марҳум Хоҷа Насриддини Тӯсӣ ва аз аҳфоди Қутбиддини Шерозӣ аст» [4, 1799]. Дар «Риёз-ул-орифин» ба ин нукта чунин ишора шуда, ки дар назди «Хоҷа Насриддини Тӯсӣ таҳсил намуда ва бо Мавлоно Қутбиддин Алломаи Шерозӣ нисбати сабабият дошта... » [44, 300].

Муҳтавои ашъори Ҳумом ҳокӣ аз он аст, ки ӯ бар донишу фунуни адаби форсӣ ва арабӣ вуқуфи комил доштааст. Насиридини Тӯсӣ аз бузургтарин донишмандони асри XIII буд ва «Устодулбашар» хонда мешуд. Ҳумом шояд қобилияте дар ин ё он навъи илм ё ҳунар дошта буд, ки дар силки шогирдони ин алломаи замон баршумурда шудааст.

Дар ашъори бозмонда аз Ҳумом ҳеч гуна шеър ё мадҳияе дар бораи Насриддини Тӯсӣ ва робитаи ӯ бо Ҳумом наомадааст. Аммо дар бораи Қутбиддини Шерозӣ шоир чанд қитъа ба забони арабӣ сурудааст. Маълум, ки охирӣ низ аз алломаҳои замони зиндагии шоир буд. Доштани чунин қитъаҳо вазъияти равобити ӯро бо донишманди мазкур бармало месозад.

Роҷеъ ба издивоҷ ва хонавода барпо кардани шоир на дар сарчашмаҳои қурунивустоӣ, на дар осори таҳқиқии муосир хабаре нест.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар таъйини номи комили шоир аст. Дар сарчашмаҳои мавҷуда ва осори таҳқиқии имрӯза доир ба номи пурраи Ҳумом ихтилофи назар зиёд аст. Муаллифони асримиёнагӣ, аз қабили Давлатшои Самарқандӣ [31, 164], Ризоқулихони Ҳидоят [44, 400], Ҳусайни Сабо [32, 967], ӯро бо номҳои «Ҳумом», «Ҳумомуддин» ва «Муҳаммад» зикр кардаанд.

Чунонки аз шаҳодати сарчашмаҳо бармеояд, лақаби шоир «Ҳумомуддин» будааст. Дар «Райҳонат-ул-адаб» омадааст: «Муҳаммад мулаққаб ба Ҳумомуддин, мутахаллис ба Ҳумом маъруф ба Хоҷа Ҳумомуддин ё Хоҷа Ҳумом» аст [22, 370]. Тахаллусашро шоир аз ҳамин лақаб ихтиёр кардааст ва дар ғазалҳояш тахаллуси «Ҳумом» дорад:

Аз дидаи Ҳумом хаёлаш намеравад,

Он ҷо фироқ нест, ки пайванд бо дил аст [34, 118].

Вожаи Ҳумом дар луғат ба ду маъно меояд. Агар ба ҳ-и ҳуттӣ (ح) навишта шавад, дар шакли حمام, маънои «кабӯтар»-ро дорад. Саъдӣ мегӯяд:

Хӯриш деҳ ба гунҷишку кабку ҳумом,

Ки як рӯзат афтад ҳумое ба дом [54, 112].

Агар бо ҳ-и ҳавваз (ه) навишта шавад, дар шакли همام, маънои «марди бузург», «калонтари қавм» ва монанди инҳоро дорад. Фирдавсӣ мегӯяд:

Ба Золи сипаҳбад супурд он ҳумом,

Заминро бибӯсид Дастони Сом [38, 347].

Номи шоир маънои дуюми калима мебошад, чунки бо ҳ-и ҳавваз навишта мешавад. Калимаи «Хоҷа»-ро Давлатшоҳи Самарқандӣ ба номи шоир ҳамроҳ кардаст [31, 164]. Тазкиранигорони баъдӣ – Ризоқулихони Ҳидоят [44, 400] ва Муҳаммадалии Табрезӣ [22, 370] ба Давлатшоҳи Самарқандӣ пайравӣ карда, минбаъд ӯро ба унвони «Хоҷа» ном мебаранд.

Дар бораи муҳити хонаводагӣ ва падару бобоёни Ҳумом иттилоъи комил дар даст надорем. Ба ҷуз як ишораи кӯчаке, ки дар ашъораш дида мешавад, на дар тазкираҳо, на дар таърихҳои адабиёт ва на дар дигар осори таҳқиқии ба Ҳумом бахшида дар ин бора хабаре нест. Шоир дар мақтаи як ғазалаш ба падари худ ишора кардааст:

Ғазале лоиқи самъат набувад в-ар бошад,

Ҳам ғазалҳои Ҳумом ибни Алои ту бувад [34, 90].

Аз ишораи ин байт бармеояд, ки падари Ҳумом «Алои Табрезӣ» ном доштааст. Дар ҳеч яке аз сарчашмаҳо ишорае ба падари Ҳумом ва наздикони ӯ

нарафтааст. Азизи Давлатободӣ дар китоби «Суханварони Озарбойҷон» ӯро «халафи Алоӣ» зикр кардааст, ки бардошти ӯ низ аз байти фавқ аст [13, 214].

Рашиди Айвазӣ зикр мекунад, ки «вақти ҷустуҷӯ дар бораи шарҳи ҳоли Ҳумом ҷунгеро пайдо кардам, ки он дар бораи падари Ҳумом ва шуҳрату бузургии ӯ маълумоти ҷолибе медиҳад. Ҷунги мазкур, ки бино ба қароин, набояд дертар аз қарни ҳаштум [асри XIV мелодӣ – Ф. У.] истинсох шуда бошад, ҳашт байт аз падари Ҳумом ба унвони «Алоуддин Фаридун падари Мавлоно Ҳумомуддин Табрезирост» оварда мешавад» [34, 13]. Пас, бояд гуфт, ки Ҳумом дар байти мазбур ба ном ва лақаби падараш ишора кардааст.

Дар ашъори Ҳумом доир ба зодгоҳаш ишораи сареҳе нашудааст, лекин дар табрезӣ будани ӯ ҳеч ҷойи тардид нест. Аксари муаррихон ва сарчашманигорон, ба монанди Давлатшоҳи Самарқандӣ зодгоҳи ӯро Табрез зикр кардаанд. Муҳаммадалии Табрезӣ дар «Райҳонат-ул-адаб» ӯро аз бузургони «табрезиасл» ва «аз арбоби сарвати Табрез» менависад [22, 105]. Ҳумом бисёр адиби халқпарвар ва ватандӯст будааст. Ба рубоие, ки дар ҳаҷви мардуми Табрез навиштаанд, чунин ҷавоб навиштааст:

Эй боди Мароға, ҳоли ёрон чун аст?
В-он ёри маро ҳоли парешон чун аст?
Хун гашт дилам зи дарди нодиданашон
Гӯӣ, дили нозанини эшон чун аст? [34, 134].

Ҳумоми Табрезӣ ба мисли дигар бузургони давр сафарҳои зиёде карда, чун Саъдии Шерозӣ «зи ҳар хирмане хӯшае ёфтааст». Ӯ ба шаҳрҳои Бағдод, Рум, Макка ва ғайра сафар карда, дида ва шунидаҳояшро дар маснавиҳои «Суҳбатнома», «Китоби маснавиёт» ва дигар ашъораш дарҷ кардааст. Суоле матраҳ мешавад, ки барои Ҳумом, ки як шоири ғазалсаро буд, чӣ зарурати сафар пеш меомад? Албатта, ҷавоб ин аст, ки ӯ дар ибтидои умр яке аз омилони дарбор ва яке аз вазирони ҳукумати Озарбойҷон ба ҳисоб мерафт ва ҳамвора дар «ҷоҳу ҳашмат ва иқтидору нусрат» зиста ва «ҳуккому салотини он рӯзгор қоидаи адаб ва ҳурмат бо вай маслук медоштанд» [143, 712]. Доштани ҳамин масъулияти давлатию дарборӣ ӯро, албатта, ба сафарҳо водор мекард. Аз ин

сабаб, ӯ ба шаҳрҳои «Бағдод ва Рум сафар карда ва гӯё ба зиёрати Хонаи Худо низ ноил шудааст» [13, 215]. Шоир дар қасидае, ки ҳоло маълум нест ба кӣ бахшидааст, дар бораи сафари худ ба Бағдод чунин мегӯяд:

Касе, ки дида бувад рӯзгори ҳиҷронро,
Ба ихтиёр наҷӯяд видои ёронро.
Ҳаёти хештан аз даст медиҳам, чӣ кунам,
Ки ихтиёр чунин аст ҳукми Яздонро?!
Намуда ашк ба ағёр ҳоли ман, оре,
Видоъ кашф кунад розҳои пинҳонро.
Дар иштиёқи ту чашмам зи хиттаи Бағдод
Ба туҳфа Даҷла барад хок **Озарбойҷонро.**
Зи хидмати ту сафар мекунам, вале ҷонам
Бар остони ту бигзид ҷойи дарбонро.
Бадал ба хоки дарат мекунам бар оташ дил,
Ҳавои ҷониби Табрезу рӯди Меҳронро [34, 49].

Дар қасидаи боло, ки аз шоир овардем, сактаи вазн вуҷуд дорад ва дар калимаи «Озарбойҷон» як ҳиҷои дароз барзиёд омадааст.

Дар девони Ҳумом ду бор ба иқомати ӯ дар Рум ишора шудааст:

Ба Рум бӯйи хушат аз шимол мешунавам,
Ғуломи боди шимолам, ғуломи боди шимолам [34, 42].

Дар бораи сафари Ҳумом ба Макка ва ҳаҷ кардани ӯ дар сарчашмаҳо ишораи сареҳе нест. Аммо аз мазмуни баъзе ашъораш бармеояд, ки ӯ маносики ҳаҷро ба ҷо овардааст. Масалан, дар қасидае, ки дар наъти Расули акрам (с) сурудааст, мегӯяд:

Ҳуҷҷоҷ гирди Каъба тавофе ҳамекунанд,
Бар хок мениҳанд сар аз ғояти сафо.
З-он ҷо ҳамераванд ба таъҷил, то кунанд,
Саъй аз Сафо ба Марваву аз Марва то Сафо [34, 32].

Дар бораи ихлос ва пайравии Ҳумом ба ин ё он мазҳабу равия дар сарчашмаҳо ва кутуби таҳқиқӣ чизе гуфта нашудааст. Аз мазмуни ашъори ба

ҳамди Худо ва наъти Паёмбар ва ёрони ӯ бахшидааш чунин бармеояд, ки ӯ, бешак, аз аҳли суннату ҷамоат будааст. Масалан, дар қасидае, ки дар наъти Расули Акрам (с) сурудааст, мегӯяд:

Бар сар зи хоки пойи ту афсар ниҳодаанд,
Сиддиқ баҳри сидқу Умар маъдани вафо.
Шери Худо Алию ду гавҳар зи кони ӯ,
Усмон, ки достони ҷаҳон аст дар ҳаё.
Аз ҳазратат агарчи ба қолаб муфариқанд,
Арвоҳи покашон нашуд аз хидматат ҷудо [34, 32].

Дар маснавии «Суҳбатнома» низ ба чаҳор ёри Паёмбар (с) ишораи сареҳе дорад:

Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар,
Чу анҷум халқро гаштанд раҳбар [34, 245].

Таърифи хулафои чаҳоргона дар як сатҳ ишорат бар он мекунад, ки эътиқоди шоир ба аҳли суннату ҷамоат аст. Эътиқоди вай ба руъяти Ҳақ низ пайрави аҳли суннат ва ҷамоат будани ӯро мерасонад, чунки шиъиён бар он эътиқод надоранд. Ҳумом дар қасидае, ки дар ҳамди Худо аст, мегӯяд:

Эй ба мо наздиктар аз ҷони мо,
Партаве аз рӯйи ту имони мо.
Дода моро ҳар чӣ мо дархоста,
То абад густарда фазлаш хони мо.
Шукри инъомаш агар гӯем ҳам,
Бошад инъоми дигар дар шони мо.
Пеши дарёи муҳити раҳматат,
Менмояд шабнаме исёни мо.
Гуфт лутфат, аз барои бандагон,
Ҳаст Хулду Равзаву Ризвони мо.
Ошиқонат гуфта, бе дидори ту
Ҳаст ин ҷо заҳмату зиндони мо.
Боз лутфат гуфт, бошад бедареғ

Рӯйи мо аз чашми муштоқони мо [34, 30].

Муайян кардани он, ки Ҳумом муътақид бар кадоме аз мазоҳиби чаҳоргонаи суннат буд, корест душвор, чунки на дар сарчашмаҳо, на дар осори таҳқиқии мавҷуд ва на дар ашъори худи Ҳумом ба ин ишорате нест. Аз он ки бисёре аз бузургони мусалмони асри XIII, чун Саъдии Шерозӣ, Фахриддини Ироқӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон шофеӣ буданд, мумкин аст, ки Ҳумом суннии шофеӣ буда бошад. Аз баъзе ишораҳои ашъори ситоишомези ӯ дар хусуси уламои шофеӣ, монанди Наҷмуддин Абдуғаффор ва Шайх Садриддин Иброҳим ибни Саъдуддини Ҳаммуя низ маълум мешавад, ки гароиши ӯ ба мазҳаби шофеист.

Ҳумом зоҳиран ҷуссаи хурд ва наҳифу назарногире доштааст. Ӯ дар рубоии зер сареҳан худро «ба тан мухтасар» ва ба қад «кӯтоҳ» зикр кардааст:

Мангар ту ба он, ки мо ба тан мухтасарем,
Ҳарчанд, ки кӯтаҳем, олиназарем.
Инҳо ҳама сандуқи пур аз карбосанд,
Мо ҳуққаи сарбастаи лаълу гуҳарем [34, 223].

Дар бораи сол, рӯз ва моҳи вафоти Ҳумом миёни сарчашманигорон ва пажуҳишгарон ихтилофи назар камтар аст. Дар таъйини соли вафоти ӯ аксари сарчашманигорон иттифоқи назар доранд. Таърихи вафоти ӯро Давлатшоҳи Самарқандӣ соли 714 ҳ. қ. /1313 м. дониста, мегӯяд: «Дар шуҳури санаи салоса ашара сабъамиъа (713 ҳ. қ. ) вафот ёфт» [31, 161]. Ин сана ба солшумории мелодӣ баробар ба 1314 аст. Ризокулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» чунин зикр кардааст: «Вафоти Мавлоно ал-Имом Ҳумомуддин ат-Табрезӣ аш-шоир фӣ солиса ашаран сабъамиъа (715 ҳ. қ./ 1313 м. пиру маъмур буд, саду шонздаҳ сол аз умри ӯ гузашта. Дар Табрез ба ҳаммом рафт ва бар тахтае, ки ба болои охури гарм буд, биншаст. Ӯро ғано омад ва дар охури гарм биафтод. Чун берун оварданд, вафот карда буд» [43, 22]. Ҳамчунин, ҳамин муаллиф дар китоби дигари худ – «Риёз-ул-орифин» санаи мазкурро зикр мекунад [44, 300]. Фасеҳи Хофӣ низ соли 714 ҳ. қ. /1314 м.-ро сабт карда ва афзудааст: «Пиру маъмур буд ва саду шонздаҳ сол аз умри ӯ гузашт» [34, 38]. Вале қабули қавли

ин ду тазкиранигор бар ин ки ӯ чунин умри дарозе доштааст, бо таваҷҷуҳ бо тасреҳи муқаддимаи девон бар 78 соли ҳаёти ӯ душвор аст, аммо даргузашти ӯро дар соли 714 ҳ. қ. /1314 м. ахбори муфассал дар як ҷунги Китобхонаи Лоло Исмоил низ таъкид мекунад. Котиби нусха дар поёни бахши «Ал-муоризот байни ғазалиёти Шайх Саъдӣ ва Мавлоно Ҳумомуддини Табрезӣ» дар бораи соли вафоти Ҳумом қитъаи зерро менависад:

Бисту панҷуми сафар, рӯзи душанбе, гаҳи субҳ
Ҳафтсаду чаҳордаҳи ҳиҷрӣ шуд аз даври замон.
Афзали даҳр Ҳумомуддин з-ин хоки куҳан
Рахт барбаст, сафар кард сӯйи садри ҷинон [34, 54].

Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ аз Давлатшои Самарқандӣ паём гирифта, мегӯяд: «Ва вафоти Хоҷа Ҳумом, раҳматуллоҳӣ, фӣ шуҳури санати салоса ва ашара ва сабъамиъа (713 ҳ. қ. /1313 м.) дар айёми салтанати Муҳаммади Худобанда буд» [47, 22]. Саидмуҳаммад Сиддиқи Ҳашматхон дар тазкираи «Шамъи анҷуман» санаи 714 ҳ. қ. /1314 м.-ро зикр кардааст. Дар «Райҳонат-ул-адаб» соли 713 ҳ.қ. /1313 м. зикр шудааст: «Вафоти Ҳумом дар 24 сафари соли ҳафтсаду сенздаҳуми ҳиҷрӣ дар Табрез воқеъ гардидааст» [22, 370].

Маълум аст, ки манбаи ҳамаи ин тазкиранигорон ҳамон маълумоти Давлатшоҳи Самарқандӣ аст. Санаи 714 ҳ.қ. / 1314 м.-ро муҳаққиқони баъдӣ, чун Ҳерман Этте, Азизи Давлатободӣ, Ризозода Шафақ, Забеҳуллоҳи Сафо зикр кардаанд. Азизи Давлатободӣ дар китоби «Суханварони Озарбойҷон» меорад: «Ҳумом рӯзи душанбе, 25 сафари соли 714 ҳ. қ. / 1314 м., дар сини 78-солагӣ дар Табрез вафот ёфта» [13, 322].

Мо низ санаи мазкурро соли вафоти Ҳумом қабул мекунем. Дар мавриди фармудаи Ризоқуллихони Ҳидоят, Фасеҳи Хофӣ ва Эдуард Браун, ки тули умри Ҳумомро 116-сол донистаанд, мегӯем, ки дар таъйини умри шоир ин тазкиранигорон андаке аз роҳи муболиға рафтаанд.

Оромгоҳи шоир, ба маълумоти аксари сарчашманигорон ва муаррихин, дар Табрез аст. Давлатшоҳи Самарқандӣ [31, 164], Алишери Навоӣ [25, 412],

Хондмир [39, 564], Аҳмади Розӣ [28, 1389], Ризоқулихони Ҳидоят [44, 400], Ҳусайнқулихони Азимободӣ [4, 1799] Мавлоно Музаффар Ҳасани Сабо [32, 112] Муҳаммадалии Табрезӣ [22, 370] низ дар таълифоти хеш дар Табрез будани қабри Ҳумомро зикр кардаанд. Ҳофиз Ҳусайни Қарбалоӣ илова бар он ки дар Табрез мадфун будани Ҳумомро зикр мекунад, ҳамчунин, дар бораи қабру мазори ӯ мегӯяд: «Марқаду мазори он дар ҳар фан аз фунун моҳир – Хоҷа Ҳумомиддини Табрезии шоир, раҳматалоҳи таолло, дар ҳаволии мазори Бобомазид ба ҷониби шарқ воқеъ аст» [47, 123]. Яъне, Ҳумом дар Табрез дар қабристони Бобомазид мадфун будааст. Аммо дар китоби «Донишномаи забон ва адаби форсӣ» омадааст, ки «Оромгоҳи Ҳумом дар шаҳри Табрез, дар маҳаллаи Сурхоб ва ба қавле, дар хонақоҳе, ки худ иморат карда буд, воқеъ аст» [17, 782-785]. Азизи Давлатободӣ низ мегӯяд: «Дар гӯристони Сурхоб, ҷавори қабри Бобомазид осудааст» [13, 215].

Ҳумом яке аз наздикон ва надимони Хоҷа Шамсиддин Муҳаммади Ҷувайнӣ маъруф ба Соҳибдевон ба шумор меомад. Аксари сарчашманигорон алоқаи Ҳумомро ба ин марди бузурги сиёсат зикр кардаанд. Давлатшоҳ мегӯяд: «Ҳикоят кунанд, ки навбате Хоҷа Ҳорун ибни Хоҷа Шамсиддини Соҳибдевонро ба даъват ба хонақоҳ бурд ва чаҳорсад саҳли чинӣ дар он маҷлис ҳозир гардонид» [31, 164]. Дар идомаи сухан Давлатшоҳ аз иззат ва мартабаи Ҳумом дар назди ин шахс мегӯяд, ки «ҷоҳ ва моли уламо ва силаҳо дар рӯзгори гузашта ба ин минвол буда, Хоҷа Ҳумом ин ғазал дар он ҷо дар бадеҳа гуфт: Хона имрӯз биҳишт аст, ки ризвон ин ҷост / Вақти парвардани ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост» [31, 164]. Муҳаммадалии Тарбият низ «Хоҷа Ҳумом бо Хоҷа Шамсиддини Соҳибдевони Ҷувайнӣ муошир ва муосир буд», – мегӯяд ва қавли мазбури Давлатшоҳро бо матлаи ғазали зикркардаи ӯ меорад [22, 105]. Хондмир [39, 564], Амин Аҳмади Розӣ [28, 1389], Ҳусайнқулихони Азимободӣ [4, 1799], Ризоқулихони Ҳидоят [44, 400] низ сухани Давлатшоҳи Самарқандиро айнан меоранд. Бино бар маълумоти манобеъ, пас аз қатли Муинуддини Парвона (дар соли 676 /1273 ба дастури Абоқохон) Хоҷа Шамсиддини Ҷувайнӣ барои забти Парвона озими Рум шуд ва дар ин сафар

Ҳумомуддин ва ду тани дигар аз афозил ба номҳои Шамсиддини Убайдӣ ва Аминуддини Ҳоҷибала ӯро ҳамроҳӣ кардаанд. Шамсиддини Ҷувайнӣ дар видоъномаи худ қабл аз шаҳодаташ ба ёрони хос аз Ҳумоми Табрезӣ ном бурдааст. Ҳумом пас аз шаҳодати Шамсиддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, ҳамчунин, мавриди таваҷҷуҳ ва иззати Элхонон буд. Шоир бо Шарафуддини Ҳорун – писари Шамсиддини Ҷувайнӣ низ дӯстӣ дошт ва маснавии «Суҳбатнома»-ро ба номи ӯ сурудааст.

Дар бораи он ки Ҳумом орифи бузург аст, ҳеч ҷойи баҳсу тардиде нест, зеро мазмуну мундариҷаи ашъори диловезаш худ далели ин муддаост. Аз такрими мақоми Ҳумом дар миёни муосирон пайдост, ки ӯ дар тасаввуф ба маротиби олӣ расида буда ва ба иршоди аҳли сулук машғул шуда буд [17, 783-785]. Дар муқаддимаи девонаш ӯро чун «оҳод, автод ва адвор» баршумурдаанд. Ба гуфтаи Сафо: «ба сабаби эҳрози ҳамин мақоми маънавист, ки муосирон дар зикри номи Ҳумом ӯро бо нуъут ва сифоти хосси машоиху бузургони Табрез месутуданд» [147, 712].

Дар ашъори Ҳумом ба маротиби таъолими ирфонии ӯ ишора нашудаст ва ин ки дасти иродат ба пиру муршиде дода бошад ё ба силсилае тааллуқ дошта бошад, иттилои дақиқе дар даст надорем. Бархе ӯро пайрави Шайх Ҳасани Булғорӣ, ки силсилаи тариқати ӯ ба Шайх Абунаҷиби Суҳравардӣ мерасад, бархе дигар муриди Саидуддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Шайх Саййиди Фарғонӣ (тав. номаълум- ваф.: 1300-1301) донистаанд [17, 783-785]. Сайиди Фарғонӣ дар қарни XIII зиставу эҷод намуда, аз муосирони Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Фахриддини Ироқӣ мебошад. Баъзе шайхони аҳли тасаввуф ӯро ба сифати *«Шайхи мо»* ва *«Сайиди мо»* васф намудаанд [17, 712]. Ризоқулихони Ҳидоят иродат ва ихлоси Ҳумомро ба Шайх Ҳасани Булғорӣ баэҳтиёт ёд мекунад, вале дар ҷойи дигар гуфтааст: «Вақте ки Ҳазрати Шайх [Ҳасани Булғорӣ – Ф.У.] ба шаҳри Табрез нузули ҷалол фармуда буданд, ҷамъе аъёну акобир ва уламову фузалои шаҳр тақарруб ба ҳазрати Шайх ҷустанд ва Мавлавии аъзам, қурратулмуфассирин ифтихорилмуҳаддисин, умдатулмуваҳҳидин, ки қутбуланоми он давр буд ва баргузидаи давр Мавлоно

Ҳумомуддин ба иродати Шайх мушарраф гашт ва, ҳамчунин, Мавлоно Ҳоҷӣ Аминуддин ва ҷамъи машоиху уламо омаданд ба ташрифи иродати Шайх мушарраф шуданд» [43, 106]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки Ҳумом бо бузургтарин ақтоби мутасаввифи давр алоқа дошта ва аз онҳо дасти иродат мегирифт.

Ҳумом дар ашъори худ аз давлатмардоне, чун Ғозонхон, Олҷойту, Шамсуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, Саъдиддин Муҳаммад ибни Алӣ Муставфии Соваҷӣ, Шарафиддин Ҳорун ибни Шамсиддини Муҳаммад, Султон Аҳмади Тагудор, Султон Муҳаммади Худобанда ва аз олимони он рӯзгор Муҳаййиддин Муҳаммад Қозӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Шайх Саъдиддин Иброҳим ибни Шайх Саъдиддини Ҳамавиро мадҳ гуфтааст. Ба тасреҳи манбаъҳо чӣ хеле ки дар боло зикр кардем, бо Қутбиддини Шерозӣ нисбати хешовандӣ доштааст. Ва ба қавле Қутбиддини Шерозӣ китоби «Мифтоҳ-ул-мафотеҳ»-ро бо хоҳиши ӯ таълиф кардааст. Бо Шайх Саъдиддин Иброҳими Ҳамавӣ дӯстӣ ва улфати зиёд доштааст ва дар шеъре аз илму ирфони ӯ чунин ёдоварӣ мекунад:

Ҷони ширин фидои ёре бод,
К-оварад бӯйи хоки Меҳробод.
Ки қадамгоҳи аҳли ирфон аст,
Манзили шоҳу аҳли имон аст.
Муқтадии аиммаи олам,
Олимон муътариф, ки ҳаст аълам.
Қутби ислому садри миллату дин,
К-аз замонаш музайян аст замин.
Афзали аср, Хоҷа Иброҳим,
Ки чу ҳамноми маҳрам асту карим.
Мазҳар аз хайли анбиё қаламаш,
Мухбир аз файзи анбиё қадамаш.
Чун гуҳар борад аз забони қалам,
Халқ гӯянд ба аҳли илм он дам:

Бишнавед аз забони ӯ таъбир,
Бингаред аз миёни ӯ таҳрир.
Офтоби ҷаҳони маъно ӯст,
Зубдаи комилони дунё ӯст.
Эй назират замона нодида,
Ақлро нури мардуми дида.
Сояат бар сари акобири дин
Бод поянда то явмуддин! [34, 51].

Аз миёни фозилони дигар, ки ба Ҳумом лутфу марҳамати хосса дошта, Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мебошад. Ин вазири бузург чунон ба Ҳумом ва ашъори ӯ дилбастагӣ дошта, ки, ҳатто, баъди марги шоир девонаш бо амри ӯ ҷамъоварӣ карда мешавад. Ҳумом низ иродат ва ихлосу бовари худро ба ин вазири донишманд чунин иброз кардааст:

Вазири мамлакат, дастури аъзам,
Паноҳи сарварони мулки олам.
Рашиди давлату дин, баҳри ҳикмат,
Ба ақлаш маҳдии авлоди Одам.
Биҳамдиллаҳ, туро зебад вазорат,
Фалак медорад ин даъвӣ мусаллам.
Мусоид бод таъйиди Илоҳӣ
Турову хусраву офоқро ҳам! [34, 47].

Байни Ҳумом ва Хоҷа Рашиддудини Фазлуллоҳи Ҳамадонии вазир дӯстии устувор барқарор буд. Ба навиштаи Рашиди Айвазӣ дар муқаддимаи девони шоир, ӯ аз ҷумлаи дувист донишмандест, ки дар соли 706 ҳ. қ./1307 м. бар тафсире, ки ба дастури Рашидуддини Фазлуллоҳ ба Қуръон навиштааст, тақризе навишт ва абёте дар ситоиши муаллифи он – Рашидуддини Фазлуллоҳ суруд: «Ва тавзеҳоти махдумӣ шоҳидтар адле ва адлтар шоҳидест ва чун бандаи заиф Ҳумоми Табрезӣ-аҳсануллоҳу оқибата, дар мутолиаи ин расоил, ки васоили аҳли фазоил аст, ба машориби маориф ва ҳақоиқи он оби ҳаёти маонӣ сероб шуд, ду се байт дар қалам овард:

Оби ҳаёт дар зулумот асту сӯйи он
Ҷуз Хизр раҳ набурд кас аз халқи коинот.
Ту офтоби мулкию ман дар тааҷҷубам,
К-аз офтоб гашт равон чашмаи ҳаёт?
Гар партаве зи нури дарунат расад ба Ҳинд,
Холӣ шавад зи зулмати ишроқ Суманот.
Эй руҳбахштар суханат з-оби зиндагӣ
В-эй муфтахир ба бандагият лаҳҷаи набот.
Ҳосил шавад ба як нафас аз як ишоратат
Дилро шифову ҷони фурӯмондаро наҷот.
Ғаввоси баҳр дар ҳама умр он гуҳар наёфт,
К-афшонда нӯки килки ту бар коғаз аз давот.
Аз оби илм баҳри дилат бод мавҷзан,
То ҳаст сӯйи баҳр равон Даҷлаву Фурот! [34, 45].

Аз вазирон бештар ба Шамсиддин Муҳаммади Соҳибдевон ихлоси том дошта, дар тарҷеъбанде, ки дар сӯги ӯ сурудааст, мегӯяд:

Ба шакли доли давлат пушти иқбол
Фироқи Шамсиддин имсол бишкаст.
Аҷал соҳибамалро з-ин ҳикоят
Бадал дар завқи моҳу сол бишкаст [34, 168].

Ҳумом бо шоирони ҳамасри худ ҳам иртибот ва баъзан муровадаи шеърӣ доштааст. Достони мулоқоти Саъдӣ бо Ҳумом дар ҳаммоми Табрез маъруф аст ва нахустин бор дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ омада [31, 164], баъд аз он, тавре дар боло низ зикр шуд, дар манобеи дигар такрор шудааст.

Забеҳуллоҳи Сафо ин моҷароро «аз шӯхиҳои шоирон дар адвори ахир» донистааст [147, 712]. Рашиди Айвазӣ бар он аст, ки бо таваҷҷуҳ бо сафарҳои мукаррари Саъдӣ ба Табрез мулоқоти ду шоир дар ҳаммом «то андозае ба назар саҳеҳ ва қобили қабул намеояд» [34, 51]. Ба навиштаи Давлатшоҳи Самарқандӣ, Пури Баҳои Ҷомӣ ба рӯзгори Арғунхон дар мулозимати Ваҷҳуддини Зангӣ

ибни Тоҳири Фарюмадӣ ба Табрез рафт ва ба Хоҷа Ҳумом мушоъира кард [17, 783-785].

Ҳумоми Табрезӣ аз замони зиндагияш то ба имрӯз дар байни шоирону адибони гуногун соҳиби обрӯ ва эътибори баланд будааст. Ӯ бо он ки пас аз Қатрон дувумин шоири машҳури Табрез аст, вале бояд донист, ки дар замони хеш аз зумраи уламо ва урафои номӣ низ ба шумор мерафтааст. Эътибори маънавии вай аз фаъолияти шоириаш бештар аст. Яъне, ӯ пеш аз он ки шоир бошад, ориф аст ва ақидаю орои орифонаашро дар навъҳои гуногуни шеърӣ хеле нафис ва ҳунармандона гунҷонидааст. Тазкираҳо аксаран дар мавриди мақому мартабаи Ҳумом баҳс карда, махсусан, Давлатшоҳи Самарқандӣ зикр мекунад, ки «вузаро» ва «ҳукком» доим дар талаби дидораш буданд ва ӯ марди соҳибдилу хушзавқ будааст: «Донишманди фозил ва аҳли дил буда ва бо вуҷуди фазилати фикр, ҷоҳе баркамол дошт ва вузарову ҳукком доиман авқот дар талаби дидори ӯ мегузарониданд. Ва ӯ марди орифу соҳибдил ва хуштабъ буда» [31, 164].

Аз «ҷоҳи баркамол» доштани Ҳумом маълум мешавад, ки муддате мансаби баланди давлатӣ низ дошта ва бо Саъдии Шерозӣ унсу дӯстӣ доштааст.

Шояд иллати аслии вазъ гардидани чунин ҳикояти боло дар он бошад, ки таъсири Саъдӣ дар Ҳумом аз ҳар шоири дигар зиёд аст. Ҳумом беш аз ҳар шоири дигаре аз Саъдӣ илҳом гирифтааст. Ва ҳамин пайравӣ ва татаббуъ ба ашъори Саъдист, ки ғазалиёти Ҳумомро ҳаловату ширинӣ бахшидааст.

Аз таҳқиқи аҳволи Ҳумом чунин натиҷа ба даст меояд, ки ӯ гарчанде дар замони пурошубу ҳалокатбор, яъне давраи ҳамлаи муғул ва куштори бераҳмонаи онҳо зиндагӣ кардааст, дар миёни мардум ба ҳайси шоири тавоно шуҳрати азим доштааст. Ҳикояти вохӯрии ӯ бо Саъдӣ ва муомилоти ӯ бо хонадони Ҷувайниён худ далели шуҳрати ӯ дар замонаш мебошад. Чанд омиле ҳаст, ки шуҳрату мартабаи Ҳумомро дар адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири бузурги ғазалсаро муайян мекунад. Якум, таваҷҷуҳи хосси Элхонони муғул ва алоқаву муносибати бузургтарин вузарои давр, ба мисли Шамсиддин Муҳаммади Соҳибдевон, писари ӯ Шарафуддини Ҳорун, Рашиддудин

Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ва дигарон. Дувум, ба андешаи аксари тазкиранигорон, Ҳумоми Табрезӣ аз таломиза ва шогирдони бузургтарин донишмандони давр – Хоҷа Насриддини Тӯсӣ ва Мавлоно Қутбуддини Шерозӣ будааст. Сеюм, таваҷҷуҳи хосси аксари сарчашманигорон ва тазкиранигорон ба шоир. Агар Ҳумом шоири машҳур намебуд, мавриди назари ин соҳибназарон қарор намегирифт. Чаҳорум, ҳамсуҳбатӣ ва унсу улфат ба бузургтарин шоири ғазалсарои ҳамасри худ – Саъдии Шерозӣ.

## 1.2. Мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ

### 1.2.1. Девони Ҳумоми Табрезӣ ва нусхаҳои хаттии он

Девони Ҳумоми Табрезӣ соле баъд аз марги ӯ тадвин шудааст. Баъди даргузашти шоир бо дастури Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ он теъдод ашъори ӯ, ки дар дастрас буд, гирдоварӣ ва муқаддимае бар он навишта шудааст. Маълум аст, ки ашъори гирдовардашуда ҳовии тамоми сурудаҳои шоир нест. Дар муқаддимаи девони Ҳумом ба насри ӯ ҳам ишора шудааст. Ба ҷуз як тақризи ӯ, ки бо амри Рашидуддини Фазлуллоҳ бар яке аз тафосири Қуръон навишта шудааст, асари мансуре аз шоир дар даст нест. Девони Ҳумом ду бор дар Эрон чоп шудааст. Бори аввал соли 1333 ҳ. ш. /1955 м. бо кӯшиши Майяди Собитӣ дар ҳаҷми ниҳоят хурд, бори дуюм дар соли 1351 ҳ.ш. /1973 м. аз ҷониби Рашиди Айвазӣ бо дастрасӣ бо дигар нусхаҳои мактуб. Рашиди Айвазӣ дар таҳияи девон аз як нусхаи комил, як нусхаи ноқис ва як ҷунг кор гирифтааст. Таърихи истинсохи нусхаҳои мавриди назари ин муҳаққиқ нимаҳои асрҳои XIV-XV мебошанд. Нусхаҳои хаттии девони Ҳумом дар марказҳои илмии Тоҷикистон вуҷуд надоранд. Мо ба шуъбаи дастхатҳо ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Ганҷинаи дастнависҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИ Тоҷикистон ва дигар китобхонаҳои шаҳрӣ муроҷиат намудем, аммо аз нусхаҳои хаттии девони шоир дараке нест. Дар феҳристи муътабари «Феҳриствораи китобҳои форсӣ»-и Аҳмади Мунзавӣ низ ягон нусхаи девони шоир тавсиф нашудааст. Фақат дар шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон зери рақами 409б баёзе пайдо шуд, ки дар он аз эҷодиёти зиёда аз 50 шоири даврони гуногун намунаҳои шеърӣ оварда шудааст. Аз ҷумла, 2 ғазали Ҳумом низ дар саҳифаҳои 286 ва 300 зикр шудаанд. Ин баёз бо байти «Зиҳӣ ба гулшани ҷонҳо қади ту сарви равон / Рухи ту бар фалаки дилбарӣ маҳи тобон» оғоз мешавад. Дастнавис ноқис буда, аввалу охираш нест. Дар мобайни китоб баъзе матнҳои назмию насрӣ дида мешавад, ки бо матнҳои асосӣ алоқа надоранд. Аз ҷумла,

дар саҳифаҳои 374-377 манзумае бо исми «Рисолаи хат» ва дар саҳифаҳои 378-379 порчаи насрӣ бо унвони «Хобнома» вуҷуд дорад. Хатти он настаълиқи ҳархелақалами баъзан ба шикаста моили бадхат аст. Ранги муқовааш зард буда, турунҷи абрии ҷилдаш қирмизиранг аст. Дастнавис ба қалами Абдуррозиқи Саҳҳоф таалуқ дошта, номи саҳҳоф дар турунҷ ҷилд ҳак шудааст. Ҳаҷми муқова 13,5х 20,5 ва ҳаҷми матн бидуни ҳошия дар ҳар саҳифа гуногун аст. Ба ҷуз аз ин баёз дар Тоҷикистон ягон нусхае аз девони шоир пайдо нашуд.

Рашид Айвазӣ аз нусхаҳои девони шоир, ки дар бузургтарин китобхонаҳо ва марказҳои илмии ҷаҳон, амсоли Китобхонаи миллии Порис, Китобхонаи Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур, Китобхонаи Лоло Исмоили Туркия, Китобхонаи мадрасаи олии Сипаҳсолор, Музейи Британиё, Китобхонаи Малики Эрон маҳфузанд, кор гирифтааст. Дар ин ҷо мушахассоти нусхаҳои мавриди назари Рашид Айвазиро зикр мекунем:

Нусхаи П. – яъне, маҷмуаест мутааллиқ ба Китобхонаи миллии Порис ба шумораи 1531, ки шомили девони Ҳумоми Табрезӣ ва як маҷмуаи дигар бо номи «Маҳбуб-ул-қулуб», ки ин маҷмуа дорои 161 варақ буда, ба андозаи 16+17 сантиметрӣ ва ҷилди чармии сӯхта буда, минётура дорад. Ин нусха дар соли 816 ҳ.қ. /1414 м. ба дасти Ҷаъфаралии Табрезӣ, ки аз хушнависони моҳири он аср буд, бо хатти настаълиқи бисёр зебо истинсох шудааст. Девони Ҳумоми Табрезӣ дар авроқи 1 а то 127б ҷой гирифтааст. Ин нусха ҳовии 3424 байт аз ашъори Ҳумомро дар бар мегирад, ки 16 байт аз онҳо такрор шудааст. Рашид Айвазӣ аз ин 16 байти такроршуда 7 байтро ҳазф ва 9 байти дигарро ислоҳ ва дар девони таҳиякардаи худ аз ин нусха (П), 3414 байтро ҷой кардааст [34, 8]. Ин нусха комилтарин нусхаи девони шоир мебошад ва аз лиҳози дар бар гирифтани матлаб нусхаи асл ба шумор меояд. Чунончи дар муқаддимаи ин нусха омадааст, девони шоир дар замони ҳаёташ тадвин нашуда, балки пас аз вафоти ӯ бо амри вазири номдори Элхонон – Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ мураттаб шудааст. Маълум мешавад, ки нусхаи мавҷуд дар Китобхонаи миллии Порис аз рӯйи ҳамин девони таҳияшуда истинсох шудааст. Гарчанде ки ин нусха аз рӯйи ин девон тартиб дода шудааст, дар ҳар сурат,

нусхаи комил ва боэътимод ва қадимии девони шоир ба шумор меояд. Бо ин вуҷуд, ки ин нусха бо хатти хоно навишта шудааст, дар бисёр маврид таҳрифоте дар он ба назар мерасад. Аммо ин нақс ба ҳеч ваҷҳ аз қимати адабӣ ва илмии он намекоҳад. Дар поёни ин маҷмуа як даҳномаи ишқие ҳаст дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур (мафоъилун, мафоъилун, фаъӯлун), бо номи «Маҳбуб-ул-қулуб», ки зиёда аз 1000 байтро дар бар мегирад. Ин аз шоирест, ки муддатҳо аз Табрез, Бағдод ва Боку ба ғарибӣ рафтааст. Мудом аз ҷаври фалак менолад ва аз аҳли Боку шикоят мекунад. Номи он шоир Ҳарирӣ будааст ва ин «Даҳнома» дар соли 800 /1398 навишта шудааст.

Нусхаи Л. Ин нусха маҷмуаест, ки мансуб ба Китобхонаи Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур мебошад. Номи ин нусха «Маҷмаъ-уд-давовин» буда, дар китобхонаи мазкур нигоҳдорӣ мешавад. Дар ин маҷмуа девони Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дар ҳошияи он ба тартиб девони Ҳумоми Табрезӣ, Абуисҳоқи Атъима ва Авҳадии Мароғаӣ ҷой дода шудаанд. Он бо хатти настаълиқи зебо навишта шуда, котиб дар поёни девони Ҳумом чунин менависад: «Таммат девони қудватулорифин ва зубдатуссоликин Ҳумоми Табрезӣ қадасаАлоҳу руҳу фӣ мантасаф муҳаррамалҳароми санату аҳадду ва ишрин ва самонамиъа фӣ балдати Язд». Маҷмуа дорои 648 варақ буда, дар ҳар сафҳа 18 байт ҷой дода шудааст. Девони Ҳумом аз варақи аввал дар ҳошия китобат шудааст. Нахустин шеъре, ки аз Ҳумом дар ин нусха ҷой дорад, ғазалест, ки бо матлаи «Рӯят беҳ аз он омад, инсоф куҷо бошад?» шуруъ мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки ғазалиёти Ҳумом бо тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ (нисбат ба охирин ҳуруфи қофия) навишта шудааст, метавон гуфт, ки ин маҷмуа пеш аз оғози девони Амир Хусрави Деҳлавӣ ё муқаддимаи девони ӯ ё асари дигаре аз ӯ, ё китоби дигаре вуҷуд доштааст, ки авоили девони Ҳумом дар ҳавошии он буда ва бо аз байн рафтани он қисмат аз ин маҷмуа, қисмате аз девони Ҳумом: муқаддима, ашъори арабӣ, мадоеҳ, қасоид ва миқдоре аз ғазалиёт (аз А то миқдоре аз Д) низ аз байн рафтааст. Ашъори мавҷуд аз Ҳумом дар ин маҷмуа ба тартиби зер мебошанд: 155 ғазал, тарҷеъбанде дар марсияи Шамсиддини Соҳибдевони Ҷувайнӣ, як қитъаи дигаре дар рисо, муқаттаъот – шомили 37 қитъа, ки ду қитъа аз онҳо

арабӣ аст, 92 рубоӣ, ки яке аз онҳо аз Ҳумом нест, як мустазод, фардиёт, ки шомили 28 байти форсӣ ва ду байти арабӣ, маснавии «Суҳбатнома», «Китоби маснавиёт», мактубҳои манзум. Ин нусха ҳамагӣ 5 сол пас аз нусхаи П. навишта шудааст, маълум аст, ки манбаи дигаре ҷуз нусхаи П. надоштааст. Ба ҷуз аз 289 байти иловашуда дигар тағйироте миёни ин нусхаҳо нест. Ғолибан, носихи ин нусха шиъамазҳаб будааст, чунки дар «Китоби маснавиёт» пас аз наъти Ҳазрати Паёмбар 49 байте, ки ба хулафои рошидин бахшида шуда буданд, ҳазф карда шудаанд. Ин нусха, бо вуҷуди нақси зиёд доштанаш, дар тартиби девони таҳиякардаи Рашид Айвазӣ кумак намудааст. Ӯ зикр мекунад, ки: «Ин нусха дар тасҳеҳи девони ҳозир бисёр судманд ва муассир афтод ва чунонки гуфтам, агар ин нусха ба даст намеомад, тасҳеҳи девони Ҳумом ба ин поя аз сиҳҳат муяссар намегашт. Аз ҳамаи ашъори ин нусха, ки шомили 2500 байт аст, барои нусхабадал баҳраи кофӣ ёфтам ва 689 байти изофиро низ вориди матн кардам ва дар ҳошия тавзеҳ кардам» [34, 18].

Нусхаи Му. – яъне, китоби «Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор», ки Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ таълиф кардааст. Дар ин китоб аз ашъори зиёда аз 200 шоири форсизабон намунаҳо оварда шудааст. Муаллифи ин китоб, ки аз донишмандони аввали асри XIV аст, ин китобро бо хатти худ навишта ва соли 741ҳ.қ. /1340 м. онро ба анҷом расонидааст. Дар ин нусха 12 ғазал аз Ҳумом оварда шудааст, ки Рашид Айвазӣ аз 3 ғазали он барои нусхабадал истифода кардааст.

Нусхаи Ло. – яъне, ҷунгест ба шумораи 678 дар Китобхонаи Лоло Исмоили Туркия, ки Китобхонаи марказии Теҳрон аз он микрофилм таҳия карда, зери рақами 573 нигоҳдорӣ мекунад. Рашид Айвазӣ аз ин микрофилм низ истифода кардааст: «Ин Ҷунг дорои 683 барг аст. Қисме аз он дар соли 1315 ва қисме дигар дар соли 1316 навишта шудааст» [34, 20].

Дар қисме, ки дар соли 1315 навишта шудааст, таҳти унвони «Ал-муъоризот байни ғазалиёти Шайх Саъдӣ ва Мавлоно Ҳумомуддин» 49 ғазал аз Саъдӣ ва 49 ғазал аз Ҳумом муориза дода шуда ва ҳамчунин, дар қисматҳои охири як ғазал, се рубоӣ ва як қитъаи дигар низ аз Ҳумом оварда шудааст.

Гузашта аз ин, як рубоӣ, ки он ба таърихи вафоти Ҳумом ихтисос дорад ва як қитъаи дигар аз Саъиди Табрезӣ дар сӯги ӯ, ки он ҳам ҳовии таърихи вафоти ӯст, оварда шудаанд. Рашид Айвазӣ аз ин ҷунг «сенздаҳ ғазал ва як қитъаро» нусхабадал қарор дода [34, 20] ва як ғазали 11 байтӣ ва ду такбайтро, ки дар миёни ғазалҳо будаву дар нусхаи "П" наомада, вориди матн кардааст.

Нусхаи Сп. – маҷмуаест мутааллиқ ба Китобхонаи мадрасаи олии Сипоҳсолор. Ин маҷмуа дар 96 варақ бо коғази ҳиноӣ ба андозаи 12+14 сантимер ва дар ҳар сафҳаи он 15 сатр навишта шуда, дорои ҷилди темоҷӣ аст. Нишонаи он 313 буда, шумораи тартиби он дар феҳрист 466-477 мебошад. Ин маҷмуа дарбаргирандаи 12 қисмати мухталиф аст. Дар қисми панҷуми он як қасида аз Ҳумом дар наъти Ҳазрати Паёмбар бо теъдоди 23 байти форсӣ ва 8 байти арабӣ оварда шудааст ва дар саҳифаҳои 97-99 ҷой дода шудааст. Рашид Айвазӣ ин қасидаро бо матнҳои дар нусхаҳои «П» ва «Ло» буда муқоиса карда, бисёре аз ғалатҳоро ислоҳ мекунад.

Нусхаи МБ – яъне, маҷмуаест бо шумораи 3909 воқеъ дар Музеи Британиё. Ин нусха, зоҳиран, дар қарни XV навишта шудааст. Маҷмуа дар феҳристи нави нусхаҳои хаттии форсии Музеи Бритониё зикр шудааст, аммо муаррифӣ нашудааст. Дар он феҳрист, асосан, номе аз Ҳумом нест ва маҷмуа бо номи девони Низорӣ ёд шудааст. Ҳол он ки ин маҷмуа шомили ду қисмат аст. Дар қисмати аввал ашъоре аз Ҳумом ва дар қисмати дувум ашъори Низорӣ оварда шудааст. Рашиди Айвазӣ ба воситаи «Феҳристи микрофилмҳои Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон» аз он хабардор мешавад ва аз дигар микрофилмҳое, ки ҳамон китобхона таҳия карда буд ва зери рақами 718 нигоҳдорӣ мешуд, истифода кардааст: «Аз се баргпорае, ки аз оғози ашъори Ҳумом монда маълум мешавад, ки дар ин маҷмуа ашъоре аз Ҳумом беш аз он чи феълан ҳаст, будааст, вале акнун гузашта аз он баргҳои пора, ҳафдаҳ барги солим вуҷуд дорад, ки ҳовии 68 ғазали комил ва ду ғазали ноқис аст» [34, 23]. Аз ин нусха дар девони мавриди назар аз ҷониби мураттиб 6 ғазал нусхабадал қарор дода шудааст ва 5 байтро, ки дар нусхаи «П» наомада будаанд, вориди матн кардааст.

Нусхаи С. – ҷунгест, ки донишманд Ҳоҷӣ Мирзо Ҷаъфар Султонқарой мураттаб кардааст. Чанд варақ аз аввал, миёна ва охири он афтодааст. Ин ҷунг дорои 46 варақ мебошад. Таърихи китобати ин он аз байн рафтааст, лекин пайдост, ки китобати он марбут ба даврони Темуриён мебошад. Бо дастури яке аз шоҳзодагони Темурӣ, эҳтимол аз ҷониби Иброҳиммирзо ё Бойсанғурмирзо китобат шудааст. Дар ин ҷунг «Ушоқнома»-и Убайди Зоконӣ, ғазалиёти Аттори Нишопурӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Фахриддини Ироқӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Салмони Соваҷӣ, Имод Фақеҳи Кирмонӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҳумоми Табрезӣ, «Ишқнома» ва «Панҷ ганҷ»-и Амир Ҳусайнӣ, «Даҳнома»-и Авҳадии Мароғаӣ, мунтахаби «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ ва «Зод-ул-мусофирин»-и Амир Ҳусайнӣ оварда шудаанд. Дар он ҳудуди 50 ғазал аз Ҳумом ҷой доштааст, аммо бо сабаби афтодани ду варақ аз миёни ғазалҳо, акнун беш аз 30 ғазали комил ва 5 байт намондааст. Мураттиби девони Ҳумом аз ғазалҳои марбут аз ин нусха барои нусхабадалҳо 5 ғазалро истифода кардааст.

Нусхаи Т. – яъне, маҷмуае, ки дар Китобхонаи Топқопасарои Истанбул мебошад. Ин нусха яке аз чаҳор китобест, ки бо номи «Маҷмуаи давовин» ба шумораи 1974 дар китобхонаи мазкур нигоҳдорӣ мешавад. Ин маҷмуа 415 варақро дар бар мегирад ва андозаи он 16-24 сантиметр ва дар таърихҳои мухталиф китобат шудааст. Дар он ашъори гуногуне аз Саъдӣ, Ироқӣ ва се ғазал аз Ҳумом ворид аст, ки мавриди истифодаи Рашид Айвазӣ қарор нагирифтаанд.

Нусхаи М. – маҷмуаест марбут ба Китобхонаи Малик, ки ба шумораи 5249 дар он ҷо нигоҳдорӣ мешавад. Ин маҷмуа аввал ва охир надорад. Зоҳиран, дар асри XVI китобат шудааст. Дар он ҳамагӣ 5 ғазал аз Ҳумом ҷой дорад. Дар таҳияи девони Ҳумом мураттиб аз 2 ғазали он истифода кардааст.

Ҷамъи абёти истифодашуда аз нусхаҳо дар чопи девони шоир аз ҷониби Рашиди Айвазӣ 3944 байт мебошад.

Девони Ҳумоми Табрезӣ дар таҳияи Рашид Айвазӣ аз ду қисм иборат мебошад. Дар қисми аввал ашъори ба забони арабӣ ва дар қисмати дуюм

ашъори ба забони форсии тоҷикӣ сурудаи Ҳумом ҷой доранд. Ин девон маҷмуи ашъори Ҳумомро дар ҳудуди 3944 байт дар бар мегирад, ки 145 байт ашъори ба арабӣ ва 3799 байти ба забони форсии тоҷикӣ сурудаи шоирро фаро мегирад.

### 1.2.2. Таснифоти жанрии ашъори Ҳумоми Табрезӣ

Тавре аз тавсифи нусхаҳои хаттии девони Ҳумоми Табрезӣ ва нусхаҳои чопии он маълум шуд, дар миёни чопҳои муосири девони шоир нусхаи таҳиякардаи Рашиди Айвазӣ нисбатан комилтар мебошад. Тартиби жанрии девони Ҳумом дар таҳияи Рашиди Айвазӣ чунин аст: ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, фард, тарҷеъбанд дар сӯги Шамсиддини Соҳибдевон. Ҳамчунин, дар охири ин девон  ду маснавии шоир – яке «Суҳбатнома», ки ҳовии 337 байт аст ва дигаре «Китоби маснавиёт», дар баҳри хафиф, ки аз 558 байт иборат аст, низ омадаанд. Дар ин зерфасл ҳар як жанри дар девони шоир мавҷудбударо аз рӯйи басомад алоҳида баррасӣ мекунем.

#### 1.2.2.1. Ғазалиёт

Ҳумоми Табрезиро, пеш аз ҳама, бояд ҳамчун шоири ғазалсаро шинохт, чунки аксари муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори муҳаққиқони муосир бар он ишора мекунанд. Гузашта аз ин, дар ҳамаи нусхаҳои мавҷуди девони шоир ғазал дар раъси дигар анвои адабӣ қарор дорад, ки теъдоди онҳо 220-то мебошад. Аз рӯйи мазмуну мундариҷа ғазалҳои шоир бештар таҷассумгари ишқи тасаввуфӣ, мадҳу сано ва панду андарз мебошанд, ки ин паҳлуи ғазалиёти шоирро дар боби оянда муфассал баррасӣ хоҳем кард.

Дар замони Ҳумоми Табрезӣ дар эҷоди ғазал қонунияти устувори қолабгароӣ ва анъанаи мустаҳкаме ҷой дошт, ки ҳар шоире онро мебоист ҳатман риоят намояд. Аз ин рӯ, ғазали классикии асримиёнагии форс-тоҷик чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво хеле ба ҳам шабеҳ маълум мешавад. Чунин ҳол аз он ҷиҳат аст, ки шоири асримиёнагӣ суннати ҷории

замонро наметавонист якбора бишканад ва чизи тамоман наверо ба вуҷуд орад. Агар чунин мекард, ғазали эҷодкардааш қабул намешуд. Гузашта аз ин, дар асри Ҳумом ғазали ташаккулёфтаи форсӣ вуҷуд дошт, ки дар шаклгирии он аз Рӯдакӣ сар карда, то Саноиву Аттор саҳм гузоштаанд. Ҳақ ба ҷониби пажуҳишгарони ғазал – Шиблии Нуъмонӣ [131], А. Мирзоев [111] ва М. Л. Рейснер [135], Сируси Шамисо [180], Дороюши Сабур [141] аст, ки пешрафти он хеле тадриҷӣ будааст.

Дар замони оғози фаъолияти ғазалсароии Ҳумом, албатта, Саъдии Шерозӣ дар эҷоди ғазал ба ҳадде маъруф гашта буд, ки ҳатто дар миёни шоирон эътиқодамандону ҳаводорони ӯ хеле зиёд гашта буданд ва ҳатто ӯро дар эҷоди ин жанри ғиноӣ пайғамбар шинохтаанд:

Дар шеър се тан паёмбаронанд,
Ҳарчанд ки «ло набия баъдӣ»,
Авсофу қасидаву ғазалро
Фирдавсию Анварию Саъдӣ [49, 105].

Дар асри XIII кам шоиреро ба суроғ дорем, ки дар талаби дидори Саъдӣ набошад ва аз ӯ пайравӣ накарда бошад. Яке аз чунин шоирон Ҳумоми Табрезӣ буд ва ӯ бо ашъори Саъдӣ унсу улфат дошт. Ҳикояи вохӯрии ин ду адиб, ки дар фасли аввали ҳамин боб ба он борҳо ишора шудааст, далел бар ин гуфтаҳост.

Беҳтарин ва дақиқтарин роҳ барои дарки мизони таъсироти як шоир аз шоири дигар, муқоисаи ашъори ҳамвазн ва ҳамқофияи онҳост. Аз 220 ғазале, ки аз Ҳумом дорем, 80 адади он дар ҷавоб бар ғазалҳои Саъдӣ эҷод шудаанд. Аз ин миқдор чиҳил ғазали Ҳумом дар вазну қофия ва чиҳил ғазалаш ҳам дар вазн, ҳам дар қофия ва ҳам дар мазмун шабеҳи ғазалҳои Саъдианд. Ҳумом гарчанде дар вазн, радиф ва қофия ба Саъдӣ куллан пайравӣ кардааст, лекин шеваи тозанигорӣ ва ибтикору таҷаддуди ӯ низ дар сохтмони ғазали форсӣ ба мушоҳида мерасад. Мо таъсирпазирии Ҳумомро аз Саъдӣ дар ҳар ҷойи ин диссертатсия ба муносибатҳое овардем. Дар ин ҷо ба таъсиргузории Ҳумом ба шоирони баъдӣ ишораҳо мекунем.

Ҳумоми Табрезӣ ба мисли Саъдӣ дар замони зинда буданаш ҳамчун шоири ғазалсаро эътироф шуда буд, аммо аҷаб ин аст, ки муҳаққиқи даврони шуравӣ М. Л. Рейснер дар таҳқиқи худаш, ки дар хусуси таҳаввули ғазали классикии форсӣ дар маҳдудаи замонии асрҳои X-XIV ихтисос дорад, дар мавриди Ҳумоми Табрезӣ чизе нагуфтааст [135]. Мушоҳидаҳои мо маълум мекунад, ки шоирони ғазалсарои баъд аз Ҳумом ба майдони эҷодомада, аз қабили Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон низ ба ашъори ӯ ҳусни алоқа доштаанд ва ғазалҳои ӯро истиқбол кардаанд. Масалан, шоири ғазалсарои ҳамасри Ҳумом Сайфи Фарғонӣ (ваф.: 1348) гузашта аз он ки шефтаи ғазалҳои Саъдӣ буд, ҳамчунин, дар сурудани 11 ғазали худ аз Ҳумом пайравӣ кардааст, ки матлаи баъзе аз онҳоро меорем.

Ҳумом:

Хона имрӯз биҳишт аст, ки ризвон ин ҷост,
Вақти парвардани ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост [34, 67].

Сайф:

Дил кунун зинда ба ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост.
В-он ҳаёте, ки бад-ӯ зинда бувад ҷон, ин ҷост [35, 116].

Ҳумом:

Дӯсто, доманат осон натавон дод зи даст,
Ҷони ширини манӣ, ҷон натавон дод зи даст [34, 75].

Сайф:

Гарчи аз баҳри касе ҷон натавон дод зи даст,
Чист ҷон, к-аз пайи ҷонон натавон дод зи даст [35, 116].

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253–1325), ки суханшиноси асил ҳам буд, тавре А. Афсаҳзод низ мушоҳида кардаанд, Ҳумомро дар эҷоди ғазал ҳамдӯши Саъдӣ донистааст [68, 35]. Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» факти ҷолибе меорад: «Ҳазрати Амир Хусрав дар дебочаи «Ғуррат-ул-камол» менависад, ки дар ғазал [Ҳумом Ф. У.] пайрави Саъдӣ мебошад. Дар маснавии «Нуҳ сипеҳр» менависад:

То ба ҷое, ки ҳади порсиён

Андар ин аҳд ду тан гашт аён.

З-он яке Саъддию сони-ш Ҳумом,

Ҳардуро дар ғазал оини тамом [130, 330].

Аз мазмуни ин мисраъҳои Амир Хусрав пайдост, ки ӯ Ҳумомро Саъдии сонӣ номидааст ва бар ғазалҳои ӯ ҷавобияҳое дорад. Масалан, як ғазали машҳури Ҳумомро, ки дар мадҳи Хоҷа Ҳоруни писари Шамсиддини Соҳибдевон суруда шудааст, Амир Хусрав ҷавоб гуфта ва бар ҳамон вазну қофия ва радифи ғазали Ҳумом такя кардааст. Матлаъи он ғазали Ҳумом ин аст:

Хона имрӯз биҳишт аст, ки Ризвон ин ҷост,

Вақти парвардани ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост [34, 67]

Матлаъи ғазали Амир Хусрав ин аст:

Сокиё, бода деҳ имрӯз, ки ҷонон ин ҷост,

Сари гулзор надорем, ки бустон ин ҷост [14, 104]

Гузашта аз ин, дар ғазали дигар низ Амир Хусрав ба ғазали зерини Ҳумом назар доштааст:

Ҳумом:

Фитна аз болои ту боло гирифт,

Шаҳр аз он рафтори хуш ғавғо гирифт [34, 78]

Хусрав:

Кори болои ту бас боло гирифт,

Дар ҳама дилҳо хаёлат ҷо гирифт [14, 117].

Муқоисаи ғазалҳои ҷавобияи Амир Хусрав нишон медиҳад, ки ӯ гузашта аз вазну қофия, мазмуну мундариҷаро низ аз Ҳумом ахз кардааст. Ҳамчунин, аз муқоисаи иҷмолии девони ин ду шоир маълум шуд, ки Амир Хусрав ба ҷуз аз ду ғазали боло, ки мо матлаъи онҳоро барои намуна овардем, дар дигар ғазалҳояш ба Ҳумом ва ғазалҳои ӯ ишораҳое карда ва дигар байту мисраъҳои ӯро тазмин кардааст.

Убайди Зоконӣ низ ба ашъори Ҳумом назар дошта ва ғазалиёти ӯро гоҳе мустақим ва гоҳо ба таври ғайримустақим истиқбол кардааст. Ӯ дар маснавии «Ушшоқнома», ки дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст, дар фасли «Огоҳ шудани ошиқ аз ҳоли маъшуқ» ғазали Ҳумомро, ки ба матлаи «Хаёле буду хобе васли ҷонон / Шаби маҳтобу фасли навбаҳорон» бо байти тахаллусаш айнан овардааст [57, 446].

Аз миёни шоирони номбурда шефтагии Ҳофизи Шерозӣ ба ашъори Ҳумом зиёдтар аст. Ҳофиз ба ғазалҳои Ҳумом бештар назар дошта, тавре Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ дар китоби «Оинаи Ҳофиз ва Ҳофизи оинаҳо» зикр кардааст, ӯ дар сурудани 15 ғазалаш аз Ҳумом истиқбол кардааст [157, 121-124]. Таваҷҷуҳи Ҳофизро ба ғазалҳои Ҳумом Сируси Шамисо низ дар китоби «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ» низ зикр карда, баъзе абётро аз дар ду шоир намуна овардааст [180, 116-117]. Аз он ҷумла аст ғазали «Донӣ, ки чист давлат, дидори ёр дидан», ки истиқболест аз ғазали Ҳумом, ки бо матлаи «Эй орзуи чашмам, рӯят ба хоб дидан / Дурӣ наметавонад пайванди мо буридан» [34, 135] Ё ин ки ғазали машҳури «Дил меравад зи дастам, соҳибдилон Худоро / Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро» дар пайравии ғазали Ҳумом, ки бо матлаи «Бо он ки баршикастӣ чун зулфи ёр моро / Гуфтан адаб набошад, паймоншикан нигоро» [34, 56], шуруъ мешавад, эҷод шудааст. Мо ба ҳайси намуна аз чанд ғазали ҳар ду шоир байтҳо меорем.

Ҳумом:

Эй сабо, он чи шунидӣ зи лаби ёр, бигӯ,
Ошиқон маҳрами розанд, на ағёр, бигӯ [34, 142].

Ҳофиз:

Эй сабо, накҳате аз хоки дари ёр биёр,
Бубар андуҳи дилу муждаи дилдор биёр [56, 232].

Ҳумом:

Саҳл аст ошиқонро аз ҷони худ буридан,
Лекин зи рӯйи ҷонон мушкил бувад ҷудоӣ [180, 117].

Ҳофиз:

Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин,

Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан [180, 117].

Ҳумом:

Дар миёни ману маъшуқ Ҳумом аст ҳиҷоб,

Вақти он аст, ки ин парда ба як сӯ фиканам [180, 117].

Ҳофиз:

Миёни ошиқу маъшуқ ҳеч ҳоил нест,

Ту худ ҳиҷоби худӣ, Ҳофиз, аз миён бархез [180, 117].

Гузашта аз ин, Ҳофиз дар ғазали зер байти яке аз ғазалҳои Ҳумомро меорад, ки ҳангоми овардани ғазали Ҳофиз мо он байти Ҳумомро дар дохили нохунак ишорат кардем:

...Чашмам он дам, ки зи шавқи ту ниҳад сар ба лаҳад.

То дами субҳи қиёмат нигарон хоҳад буд.

«Бар замине, ки нишони кафи пои ту бувад,

Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд».

Бахти Ҳофиз гар аз ин гуна мадад фармояд,

Зулфи маъшуқа ба дасти дигарон хоҳад буд [56, 198].

Байти боло дар ғазали Ҳумом чунин омадааст:

Ҳавси умри азизам зи барои ту бувад,

Бикашам ҷаври ҷаҳонӣ чу ризои ту бувад.

Дар азал ҷони маро ишқи ту ҳамсуҳбат буд,

То абад дар дили ман меҳру вафои ту бувад,

Ҷойи афсар шавад он сар, ки ба пойи ту расад,

Подшоҳӣ кунад он кас, ки гадои ту бувад.

Ҳаст умедам, ки намоӣ ту худовандиҳо,

В-арна аз банда чӣ ояд, ки сазои ту бувад.

Хиҷилам з-он ки фуруд омадаӣ дар дили танг,

Чист ин манзили вайрона, ки ҷойи ту бувад.

Рӯйи хуби ту шуд ангуштнамои хуршед,

Маҳи нав кист, ки ангуштнамои ту бувад.

**Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд.**

**Бар замине, ки нишони кафи пойи ту бувад**.

Роҳати рӯҳу футуҳи дили муштоқон аст,

Ҳар ҳадисе, ки дар ӯ васфу санои ту бувад.

Сухане лоиқи самъат набувад, в-ар бошад,

Ҳам ғазалҳои Ҳумом ибни Алои ту бувад [34, 164].

Аз мушоҳида ва тафаҳҳус дар ғазалҳои овардашуда аз Ҳумом ва Ҳофиз маълум мешавад, ки ин ду ғазал дар мазмуну мундариҷа ва корбасти таркиботу корбурди аносири бадеӣ низ яксонанд.

Камоли Хуҷандӣ низ ғазалҳои Ҳумомро мехонда ва баъзе абёту мисраъҳои онро тазмин кардааст. Масалан, дар ғазале, ки бо матлаи «Чӣ лутф аст ин, ки бо ман менамоӣ, / Лаби нозук ба пурсиш мекушоӣ?!» [41, 425] шуруъ мешавад, матлаъи яке аз ғазалҳои Ҳумомро, ки чунин шуруъ мешавад, тазмин кардааст:

Қиёмат дидам аз рӯзи ҷудоӣ,

Чӣ будӣ, гар набудӣ ошноӣ? [34, 174].

Мо барои он ки сухан ба дарозо накашад, ғазали Камолро ба таври комил наоварда, балки ҳамон қисматеро, ки аз Ҳумом тазмин кардааст, дар дохили нохунак меорем:

Чу қомат рост кардӣ вақти рафтан,

«Қиёмат дидам аз рӯзи ҷудоӣ».

Малулам з-ошноии рақибон,

«Чӣ будӣ, гар набудӣ ошноӣ?»

Намехоҳад Камол аз ёр ҷуз ёр,

Биёмӯзед, дарвешон, гадоӣ! [34, 425].

Дар абёти боло мисраҳои «Қиёмат дидам аз рӯзи ҷудоӣ» ва «Чӣ будӣ, гар набудӣ ошноӣ?» аз Ҳумом мебошанд.

Тавре мураттиби девони Ҳумом – Рашиди Айвазӣ низ овардааст, Камол дар қитъаи зер мисраи «Шакар аз Миср ба Табрез маёред дигар»-ро, ки аз ғазали Ҳумом ба матлаъи «Хона имрӯз биҳишт аст, ки Ризвон ин ҷост / Вақти

парвардани ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост» [34, 67] шуруъ мешавад, бо зикри номи шоир тазмин кардааст:

Гуфтам аз Миср маонӣ бифиристам бари ту
Сухане чанд, ки ояд ба даҳонат чу шакар.
Боз тарсидам аз ин нукта, ки гӯйӣ чу Ҳумом:
«**Шакар аз Миср ба Табрез маёред дигар»** [34, 69].

Салмони Соваҷӣ низ аз ошиқони шеъри Ҳумоми Табрезӣ будааст. Муҳаққиқи Самони Соваҷӣ У. С. Казакова ҳангоми таҳқиқи татаббуоти Салмон як ғазали Ҳумоморо низ оварда, зикр кардааст: «Салмони ҷӯяндаву омӯзанда ошиқи шайдои шеъру шоирии Ҳумоми Табрезӣ (ваф.1314) низ будааст» [96, 129]. Салмон дар эҷоди як ғазалаш ҳам аз лиҳози вазну қофия ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво аз Ҳумом илҳом гирифтааст, ки мо ба ҳайси мисол матлаъи ғазалҳои ҳар ду шоирро меорем.

Ҳумом:

Ба шаб моҳе миёни корвон аст,
Ки рӯйи ӯ далели сорбон аст.
Чӣ ҷойи сорбон, к-андар пайи ӯ
Зи дилҳо корвон пуркорвон аст [34, 72].

Салмон:

Рафиқон, корвон имшаб равон аст,
Дили мискини ман бо корвон аст.
Зимоми ихтиёр аз дасти мо рафт,
Зимом акнун ба дасти сорбон аст… [96, 129].

Таҳқиқи иҷмолии мо ошкоро нишон медиҳад, ки шоирони бузурги баъд аз Ҳумом омада, аз қабили Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрав, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ ва дигарон дар эҷоди ғазал ба тарзи ғазалсароии Ҳумом назар доштаанд ва ғазалҳои ӯро истиқбол намудаанд. Ин масъала аз мавзуъҳоест, ки дар оянда таҳқиқи ҷиддии мӯшикофонаро мехоҳад, то таъйин карда шавад, ки тавассути ошнозудоӣ шоирони номбурда то кадом ҳад ҳунарсозаҳои ашъори Ҳумомро равшану

ҷилонок намудаанд ё чигуна маъниҳои ғазалҳои Ҳумомро ба ғазалҳои худ интиқол намуда, ба онҳо либоси нав додаанд.

### 1.2.2.2. Рубоӣ

Дар девони шоир 98 рубоӣ мавҷуд аст, ки пас аз ғазал ва маснавӣ дар ҷойи севум меистанд. Дар рубоиёти шоир чун ғазалҳояш мавзуъҳое, чун панду андарз, ишқ ва махсусан, ишқи тасаввуфӣ матраҳ аст. Дар рубоии зер аз умри ками инсон, ки кӯтоҳу ночиз аст, баҳрагириро шоир талқин мекунад ва зикр менамояд, ки инсон бояд умрро сарфи лаъбу бепарвоӣ накунад, баръакс онро сарфи худошиносӣ кунад:

Ҷаҳде бинамо, то бишиносӣ Ҳақро,
К-он ҷо нахаранд ғулғулаву бақ-бақро.
Аз илми илоҳӣ, ки буроқи раҳи ӯст,
Ҷуз астару зине нарасад аҳмақро [34, 289].

Дар рубоии зер низ шоир дунё ва кору дилбастагӣ ба онро бозӣ ва дилхушии лаҳзаина шуморида, зикр мекунад, ки ин дунё маҷозан ба манзалаи намое аз он дунёст, бино бар ин, ҷаҳд кун, то ба арзишҳои ондунёӣ бирасӣ:

Эй бехабарон, шакли маҷозӣ ҳеч аст,
Аҳволи фалак бад ин дарозӣ ҳеч аст.
Баргир ба ақл парда аз чашми хаёл,
То бишносӣ, к-ин ҳама бозӣ ҳеч аст [34, 303].

Рубоиёти шоир мавзуъҳои тасвири ишқи маҷозӣ ва ҳақиқӣ, талқини растагорӣ ва дигар мавзуъҳои ҳасбиҳолиро низ фаро мегиранд.

### 1.2.2.3. Қасида

Дар девони Ҳумоми Табрезӣ 45 қасида вуҷуд дорад, ки мавзуъҳои тавҳид, наът, мавъиза ва мадҳро дар бар мегиранд. Девони Ҳумом бо қасида оғоз мешавад ва чун анъана, қасоиди аввал дар тавҳиди Ҳақ (5 қасида) мебошанд ва дар оғози яке аз онҳо шоир мегӯяд:

Агар дар равза нанмоӣ ба мо нури таҷаллиро,

Зи дӯзах боз нашносад касе фирдавси олиро.

В-агар дидор нанмоию ҷаннатро наороӣ,

Барои ҳемаи дӯзах кашанд аз равза тубиро.

Зи рӯят партаве омад шабе дар водии Айман,

Ки аз хуршед равшантар далеле буд Мӯсиро.

Зи бӯят духтари Имрон зи бикрӣ гашт обистан,

Бад-он нисбат парастиданд чандин сол Исиро [34, 30].

Баъд аз ҳамди Худо, қасидаи дигар дар наъти паёмбар аст ва шоир дар ин қасида чаҳор ёри паёмбарро баробар меситояд, ки тавре дар тарҷумаи ҳоли шоир ишора кардем, ин худ далел бар аз аҳли суннат ва ҷамоат будани шоир аст. Қисме аз қасоиди шоир мазмунҳои мадҳӣ доранд ва бояд зикр кард, ки мадҳи шоир ба хотири сила ё подоше набуда, балки аз сари сидқу ихлос ба ин ё он ҳоким, подшоҳ ва донишманде бахшида шудаанд.

Аз ҷиҳати сохт қасоиди шоир муқтазаб буда, бидуни насибу ташбибу дуову тағаззул шуруъ ва анҷом меёбанд.

### 1.2.2.4. Қитъа

Дар девони шоир 37 қитъа ба назар расид, ки хурдтарини оҳно 2 байт ва бузургтарини онҳо 18 байтро дар бар мегирад. Аз ҷиҳати мазмуну мунтариҷа муқаттаоти Ҳумом ҳамон қитъаоти пешиниён аст ва дар онҳо аксаран мавзуи панду андарз матраҳ мешавад. Дар қитъаи зерини шоир танпарварӣ, таваҷҷуҳ ба зару сим ва андухтани мол мазаммат мешавад ва шоир зикр мекунад, ки агар инсон бандаи молу зару сим шавад, ин умри кутоҳ барои ҷамъи мол кифоят намекунад, беҳтар аст, ки умрро аз пайи андӯхтани дониш сарф кард:

Чӣ эътибор бувад симро, ки суҳбати ӯ

На неъматест, ки шукронааш дирам бошад.

Агарчи шукри чунин неъмате қабул кунӣ,

Ҳазор ҷони гиромӣ ҳанӯз кам бошад [34, 181].

Дар қитъаи дигари шоир олимони ҳасуд ва талхзабон мазаммат мешаванд ва шоир зикр мекунад, ки аз одами ҳасуду бад, гарчанде донишманд ҳам ки бошад, буридан ва канора ҷустан зарур аст:

Гарчи дорӣ фунуну илму ҳикам,
Нест моро ба суҳбатат ҳавасе.
Баҳри илмию лекин аз талхӣ
Нахурад оби баҳр ҳеч касе [34, 188].

Аз мавзуъҳои дигаре, ки дар муқаттаоти Ҳумом матраҳ мешаванд, ташвиқи илмомӯзӣ, некӣ, растагорӣ ва мазаммати кибру худписандӣ мебошанд. Баъзан дар миёни муқаттаоти шоир пораҳои шеърие ба назар мерасанд, ки матлаъи ин ё он қасида, ғазал ва маснавӣ мебошанд, аммо мураттиби девони Ҳумом Рашиди Айвазӣ онҳоро дар қисмати муқаттаот ва ихвониёти девони шоир овардааст.

### 1.2.2.5. Фард

Ба ҷуз аз навъҳои шеърӣ, ки мо онҳоро қисман таҳлил кардем, ҳамчунин, дар девони шоир 35 фард вуҷуд дорад. Муҳаққиқон доир ба чигунагии жанри фард ва мавзуву муҳтавиёти он назарҳои гуногун доранд. Таърифи комилтаре аз фардро Р. Мусулмониён овардааст: «Фард – чунон жанри хурди лирикиест, ки ҳамагӣ аз як байт иборат буда, мисраъҳояш гоҳе ҳамқофия ва гоҳе аз қофия озод мебошанд» [117, 159].

Муфрадот аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа «гуногун, вале бештар ахлоқӣ, ишқӣ, шиквоӣ ва ҳаҷвӣ мешаванд» [117, 159]. Фардбайтҳои Ҳумом низ ба мисли муқаттаоташ ба мавзуъҳои муҳимме, амсоли ғанимат донистани умр, ташвиқи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, мазаммати бухлу ҳасад ва ғайра бахшида шудаанд:

Дарахти бухли туро кас зи бех барнаканад,
Магар ки сарсари ҳумқи ту бишканад онро [34, 197].

Шоир дар фардиёташ баъзан ба тафохур, мадҳ ва офарини худ дар эҷоди шеър пардохта, тарзи адои сухани худро таҳсин мегӯяд:

Маро ба фикр чӣ ҳоҷат, ки шеъри ман обест,
Ки табъро зи лабат дар даҳон ҳамеояд [34, 200].

Масоили тавҳид ва ирфон низ дар фардиёти шоир ҷо дорад:

Нонаш неву халқ ӯро дар ҳар ду ҷаҳон меҳмон,
Эй дӯст, чунин бошад исори ҷавонмардон [34, 201].

Ё ин ки:

Дар самоъ омад бути хубони Чин,
Офтобе дар замин бар чарх бин [34, 201].

### 1.2.2.6. Тарҷеъбанд

Ҳумоми Табрезӣ тарҷеъбанд низ эҷод кардааст. Дар девони шоир фақат як тарҷеъбанд вуҷуд дорад, ки тавре дар фаслҳои гуногуни диссертатсия зикр кардем, ин тарҷеъбанд дар сӯги Шамсиддин Соҳибдевони Ҷувайнӣ навишта шудааст. Тарҷеъбанд чунин навъи шеърист, ки «...аз чанд байт иборат буда, бандҳо ба воситаи байти восила (байти восита, байти васила) ба ҳам пайваст мешаванд» [153, 423]. Фарқи тарҷеъбанд аз таркиббанд дар он аст, ки байти василаи он ҳамеша такрор мешавад. Тарҷеъбанди Ҳумом аз чаҳор банд иборат буда, ҳар банд аз нуҳ байт иборат аст. Ин тарҷеъбанд дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур эҷод шуда, ба абёти зер шуруъ мешавад:

Фалак ҷоми ҷами иқбол бишкаст,
Замон шаҳбози моро бол бишкаст.
Аруси мулкро зевар кушуданд,
Сипеҳарш ёраву халхол бишкаст.
Саодат мулкро чун коса медошт,
Қадаҳ чун гашт моломол, бишкаст [34, 168].

Байти зерин байти василаи он аст ва баъди ҳар банд такрор мешавад:

Дареғо, соҳиби девон, дареғо,
Дареғо, Осафи даврон дареғо [34, 168].

### 1.2.2.7. Маснавии «Суҳбатнома»

Ҳумоми Табрезӣ ду маснавӣ дорад, ки яке аз онҳо «Суҳбатнома» ном дошта, аз 337 байт иборат аст. Ин маснавӣ дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шуда, дорои мазомини ишқӣ мебошад. Маснавӣ бо абёти дар тамҳид, тавҳид ва наъти паёмбар ва ёрони вай шуруъ шуда, матолиб ва мавзуоти дар сабаби назми китоб, дар одоби суҳбат, дар вафо, дар ғанимат донистани ҷавонӣ ва суҳбати ёрон, дар ситоиш, васф ва дар ғайрати маъшуқ, дар фироқи маҳбуб ва лоба кардан бо ӯ ... идома ёфта ва ба мавзуи дар зорӣ кардани ошиқ бо маъшуқ хатм мешавад. Дар таркиби ин маснавӣ чаҳор ғазали Ҳумом низ омадааст. Шоир маснавиро бо унвони Хоҷа Шарафиддини Ҳорун – писари Шамсиддини Соҳибдевони Ҷувайнӣ навиштааст. Чун ӯ се сол пеш аз он ки ба қатл бирасад, аз Табрез хориҷ шуда буд, бино бар ин, шоир маснавии «Суҳбатнома»-ро пеш аз соли 682 ҳ.қ /1283 м. ва қабл аз 46 солагии худ сурудааст. Ин манзума гарчанде дар жанри даҳнома эҷод шудааст, мазмуну мавзуи он ёдовари ҳамон суннате аз достонсароии пешина аст. Шоир дар хусуси таълифи маснавӣ гуфтааст:

Вафоҷӯю вафохӯ дӯсте чанд,
Ки бо эшон диламро буд пайванд.
Аз эшон хурраму хӯш рӯзгорам,
Даме бе ёди эшон барнаёрам.
Рафиқони латифи хушҳузуранд,
Танамро ҷону чашмамро чу нуранд.
Накуному накурӯю накухӯй,
Миёни мо нагунҷад як сари мӯй.
Ба ин бечора гуфтанд, ай вафодор,
Даме андеша кун, пас килк бардор.
Навис аз шарҳи суҳбат ёдгоре,
Ки-зон панде диҳад ёре ба ёре.
Дар ин рамзе чу бинмуданд ёрон,

Набиштам он чи фармуданд ёрон [34, 260].

Тавре аз гуфтаи шоир маълум мешавад, ӯ ин маснавиро бо хоҳиши дӯстон дар мавзуи суҳбат ва риояти ҳаққи ҳамсуҳбат навиштааст. Шоир суҳбат бо дӯстон ва, махсусан, бо рафиқони якрӯ ва беғаразро ғанимат дониста, мудом таъкид мекунад, ки ҳар лаҳзаи бо дӯстону наздикон буданро ғанимат бояд донист.

### 1.2.2.8. Маснавии «Китоби маснавиёт»

Ин маснавии шоир дар баҳри хафиф навишта шуда, аз 558 байт иборат аст. Шоир онро дар пайравии «Ҳадиқа»-и Саноӣ навиштааст, ки дар мазмун ва матлаб низ ба ин маснавии Саноӣ мутобиқ аст [34, 224]. Мазмуни маснавии Ҳумом дар тавҳид, наъти Паёмбар, хулафои рошидин, ваъз, таҳзиб ва ғайра мебошад. Пайдост, ки ин маснавӣ аз сурудаҳои даврони пириии шоир аст, чунки дар он гуфтааст:

Бишнав аз пири кордида сухан
Дили дар гил фитодаро баркан [34, 283].

Шоир дар ин маснавӣ нафароне, ки дилу нияти нопок доранд ва қавлашон ба амалашон мувофиқ нест, сахт мазаммат мекунад ва бо овардадани абёте оташин онҳоро сарзанишу танбеҳ мекунад:

Эй суханпарвари баландовоз,
Ки забон тез кардаию дароз.
Дасти ҳирсу ҳаво дароз макун,
Даҳани мори оз боз макун.
То ҳадиси ту дипазир ояд,
Дар дили халқ ҷойгир ояд. [34, 247].

Аз дидгоҳи шоир воизон бар ду гунаанд. Иддае аз онҳо риёкору мардумфиреб ва гурӯҳи дигар мутадайину хоксор ва накукоранд. Шоир зоҳидону воизони риёиро танқид карда, воизони ростину мутадайинро ситоишу аҳсант мехонад:

Воизоне, ки аҳли таҳқиқанд,
Ба мавоиз калиди тавфиқанд.
Ёфтанд аз Худои азза ва ҷал
Ақлу имону завҷу илму амал.
Аз нафас чун масеҳ ҷон бахшанд,
Мояи илм аз забон бахшанд [34, 249].

Гузашта аз инҳо, шоир дар ин маснавӣ дигар хасоили ҳамидаро ситуда, ахлоқи разиларо сарзаниш мекунад ва баъзе хулқи мазмум, аз қабили риё, кибр, кина, ҳасад, дуруғ, тухмат, тарки дӯстӣ ва ғайраро танқид карда, дурӣ аз ин гуна хасоилро ташвиқ мекунад.

Ҳамин тавр, Ҳумоми Табрезӣ ҳамчун дигар шоирони бузурги адабиёти форс-тоҷик дар тамоми навъҳои хурди лирикӣ шеър эҷод карда, махсусан, дар эҷоди ғазал дасти қавӣ дорад. Бо вуҷуди он ки Ҳумом шоири ғазалсарост, ҳамчунин, ҷӯстори мо нишон дод, ки ӯ дар эҷоди дигар навъҳои адабӣ, махсусан, маснавӣ дасти қавӣ дорад.

# БОБИ II

# МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ

## 2.1. Шеваҳои офариниши маънӣ дар ғазал

Бахши қобили таваҷҷуҳи ашъори Ҳумом ихтисос ба ғазал дорад ва овозаи Ҳумом ҳам дар шеър баста бар ғазалҳои ӯст. Вай дар эҷоди ғазал завқу қареҳаи воло дорад. Ғазалҳояш ошиқонаву орифонаанд ва дар ин навъ, тавре ки дар боби якум зикр шуд, беш аз ҳар шоири асри худ, пайрави Саъдист.

Тазкиранигорону муаррихон ба шеъри Ҳумом баҳои арзанда дода, ӯро дар сурудани ғазал саромади шоирони давр қаламдод кардаанд. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар борааш чунин арзёбӣ дорад: «Донишманди фозил ва аҳли дил буда ва бо вуҷуди фазилати фикр ҷоҳе баркамол дошт ва вузарову ҳукком доиман, авқот дар талаби дидори ӯ мегузаронидаанд. Ва ӯ марди орифу соҳибдил ва хуштабъ буда» [31, 164]. Ҳамчунин, Муҳаммадалии Тарбезӣ дар «Райҳонату-л-адаб» овардааст: Ҳумом «дар фасоҳату балоғат ва ширинзабонию дақоиқи маъонӣ воҳиди аср буд. Акобир ва вузарои аср ба муоширату мусоҳибати ӯ толибу роғиб буданд» [22, 370]. Хондмир низ дар ҳунари шоирии Ҳумом чунин доварӣ кардааст: Ҳумом «ашъори диловезу суханони шӯрангез дорад» [39, 564]. Ҳусайнқулихони Азимободӣ ҳам иброз дошта, ки: «... шаҳбози хаёлаш бо тойирони маъонӣ дар сайди бози оқилу ҳушманд ва фозилу донишманд аст» [4, 199].

Аз санадҳои манобеъи фавқан овардашуда шахсияти баркамол ва шоири тавоно будани Ҳумом маълум мешавад ва, ба назари мо, бар он нуктаҳои муҳимме, ки муаллифони болозикр ишора фармудаанд, яъне, донишмандӣ, фазилати фикр, шаъну мақоми баланд доштани Ҳумом ва соҳибдилу хуштабъӣ ва фасеҳу балеғу ширинӣ ва диққати маонӣ доштани каломаш ва аз ин рӯ, ба муоширати ӯ роғиб будани бузургони давр бояд таваҷҷуҳ кард. Содагию равонии шеъри Ҳумом, ки бо истилоҳи «фасоҳат» ва пухтагии суханонаш, ки

тавассути истилоҳи «балоғат» ёд кардаанд, низ аз вежагиҳои равиши эҷоди ин шоир аст. Ин гуна довариҳо, ки хеле умумӣ ба назар мерасанд ва бештар ба сабки сухани шоир рабт доранд, аз мутолиаи ашъори вай аз ҷониби сарчашманигорон падид омадаанд. Аз ин қазоватҳо чизи асосие, ки берун меояд, шоири барҷаста будани Ҳумом ва эътирофи ин бузургӣ аз ҷониби суханшиносони асримиёнагӣ мебошад.

Худи Ҳумом низ, тибқи суннати ғазалсароии классикӣ, дар қисмати «фахр»-и ғазалҳояш ба тарзи шоирии худаш ва ҷанбаҳои муҳимми баёни ҳунариаш чунин ишораҳо кардааст:

Ҳумом андар ғазал дур мечаконад,
Зи ту боре кам аз таҳсин набошад [34, 86]

***

Ҳайф бошад, ки бихонанд ғазалҳои Ҳумом
Пеши хоме, ки надорад хабар аз муштоқӣ [34, 154]

***

Ҳумомро сухани дилфиребу ширин аст,
Вале чӣ суд, ки бечора нест шерозӣ [34: 120].

Ин насақ фахрҳои Ҳумом, ки дар қисмати байти тахаллус ва, ҳамзамон, дар мақтаи ғазалҳояш адо шудаанд, ба ӯ имкони аз роҳи хештаншиносӣ, худбаҳодиҳӣ ба шеърашро фароҳам овардаанд. Афзун бар ин, дар ғазалҳои Ҳумом мавҷудияти андешаҳои ирфонӣ ва шеваи тафаккуру муомилоти аҳли сулук ошкор дида мешавад. Аз ин равиш, ки дар ғазал пас аз Саноии Ғазнавӣ суннат шуда буду махсусан, дар иртиботи авзои сиёсию иҷтимоии асри XIII ноустувор гашта буд, Ҳумом наметавонист тамоман берун бошад.

Дар ин қисмати диссертатсия ҳадафи мо нишон додани ҳунари Ҳумом дар маъниофарист ва дар ин самт, тавре ки фавқан дидем, дақиқназарии Ҳумом дар сарчашмаҳо таъкид шудааст.

Донишмандони шаклгарои рус «маънӣ»-ро «мотив» гуфтаанд, ки баргирифта аз суханшиносии Аврупост. Донишмандони эронӣ ҳам ин мақулаи адабиро «мутиф» ва баъзан «бунмоя» низ номидаанд, ки айни вожаи аврупоист

ва фақат аз ҷиҳати талаффуз мувофиқи савтиёти форсӣ даромадааст. Мотив, мувофиқи таърифи суханшиноси замони ҳозираи рус И.В. Силантиев, ки поэтикаи онро кор кардааст, ҷиҳати сохторию маъноии шеър мебошад ва он бо мавзуъ, шакл ва мазмун марбут буда, дар низоми ҳунарии матн, яъне адабияти он нақши муҳим мебозад [148, 7]. Баъзе суханшиносон мотивро аз ҷиҳати он ки дар матни бадеии дигарон низ бо тағйири шакл навъе такрор мешавад, яъне то андозае устувор аст, моҳиятан марбути соҳаи «матни пинҳон» (*интертекст*) донистаанд. Ин ақидаро О.М. Фрейденберг, ки аз пайравони назарияи поэтикаи таърихии Веселовский, мебошад, бештар тарафдор аст [163, 120]. Аз миёни суханшиносони Эрон Шафеъии Кадканӣ низ ҷонибдори чунин чашмандоз аст [94, 66] ва ӯ дар пайравӣ аз ақидаи шаклгароёни рус бар он аст, ки шоир бо усули ошноизудоӣ, яъне, падида ё ҳунарсозае куҳнаро аз нав «зиндаву фаъол кардан», маъноро низ то андозае тааҷҷубзо ва тозаву равшан месозад [94, 64].

Ҳар шоире, албатта, ногузир бо истифода аз забон ва орояҳои гуногуни бадеӣ паёми худро ба хонанда то метавонад дар сатҳи хуби ҳунарӣ интиқол медиҳад. Азбаски василаҳои интиқоли маъно шакл асту худи маъно тавассути шакл таҷассум мегардад, ин ҷо масъалаи таносуби шаклу маъно ё баёну паём пеш меояд, ки дар ин мавзуъ донишмандон ҳамвора гуфтугӯи густардае анҷом додаанд. Шиблии Нуъмонӣ доир ба аҳаммияти лафзу маъно дар калом баҳс карда, фикри қудаморо доир ба онҳо меорад ва чунин хулоса мекунад: «Дар ин бора аҳли фан ба ду гурӯҳ тақсим шуда, гурӯҳе ҷониби лафзро тарҷеҳ дода, ҳамаи эҳтимому кӯшишашон масруфи ҳусну хубии алфоз шудааст. Баъзеҳо мазмунро тарҷеҳ медиҳанд ва парвои алфоз намекунанд...Лекин мазҳаби бештари аҳли фан ин аст, ки алфозро бар мазмун тарҷеҳ медиҳанд ва мегӯянд, ки ҳар шоир метавонад маънии бикру тозае эҷод кунад, вале меъёри камоли шоирӣ ҳамоно дар тарзи адо, яъне таносубу қашангии алфоз ва низ ҳусни таркиб ва инсиҷом аст» [129, 231]. Аз ин суханони донишманди мазбур бармеояд, ки назарядонони гузашта идае тарафдори маънӣ ва идае низ тарафдори шакл будаанд. Аммо худи Шиблии Нуъмонӣ тарафдори шакл аст. Аммо баҳси шаклу маъно дар назари шаклгароёни рус дигаргуна аст. Дар оро

ва андешаи онҳо шаклу маъно дар як палаи тарозу қарор доранд. Шафеъии Кадканӣ, ки дар ин масъала ҷонибдори формалистони рус аст, шаклу маъниро якҷо бо ҳам мебинад ва менависад: «Суратгароёни русӣ муҳтаво ё маъниро чизе ҷуз таҷаллии сурат намедонанд ва масъалаи деринаи тақобули муҳтаво ва шакл ё суратро аз бунёд қабул надоранд. Дар ин чашмандоз маъно ҳамон сурат аст ва сурат ҳамон маъно аст» [94, 49]. Зикр кардан зарур аст, ки аз нигоҳи илми забоншиносӣ ҳеч калимае нест, ки шакл ё форма надошта бошад. Аммо он форма (табиист, ки дорои маъност) дар корбурди шоири асил бофти ҳунарӣ касб мекунад ва хаёлбарангез мешавад.

Аммо ҳақ дорем бигӯем, ки, аслан, тамоми ҳунари ҳар шоире дар сохтани маънӣ ё мотив зоҳир мешавад. Ба ин масъала, бори аввал, формалистони рус, аз қабили В.Б. Шкловский, А. Веселовский, Б.М. Эйхенбаум, Р.О. Якобсон, Ю. Тинянов ва дигарон ба таври низомманд бархурд кардаанд ва равиши падид овардани маънӣ аз тарафи адибро мушаххасан нишон додаанд. Ба қавли саҳеҳи онҳо, маънӣ дорои вуҷуди мустақиле нест, ки дар баробари шакл ё форма қарор бигирад. Ҳамоно ки сурат ҳунармандона эҷод шуд, ҳамзамон, маънӣ зода мешавад. Яъне, баҳси «аввал маъно ва пасон шакл» гуфтори беҳудаест. Аммо агар шартан бигӯем, ки он сурату маъно аз тарафи шоири дигаре ба наҳве такрор шуд, дигар матни он дар хонанда таажҷуб эҷод намекунад, зеро ҳунарсозаи он дар худ баста мешавад. Ҳар гоҳ ки он сурат аз тарафи шоири дигаре халлоқона тағйир дода шуд, маънӣ ҳам тағйир ёфта, таажҷубзо мегардад ва ба қавли В.Б. Шкловский, «аз нав зиндаву фаъол мешавад» [191, 4].

Бегона кардани суратро бори нахуст В.Б. Шкловский бо истилоҳи «остранение» (шигифтоварӣ ё аҷибсозӣ) ифода карда буд [192, 63]. Кадканӣ онро «ошноизудоӣ» (дур кардан аз ошноӣ) тарҷума кардааст [94, 60].

Аз ин суханҳо натиҷа ин аст, ки маъниҳои бо ҳам монандро шоирон метавонанд дар суратҳои гуногун баён намоянд. Аммо, вақте ки онҳо то андозае такрорӣ шуданд, нерӯи таажҷубзоӣ ва хаёлбарангезиашон низ аз байн меравад. Он вақт шоири дигаре меояду он сурату маънии масдудро аҷибсозӣ намуда, дар назари хонанда бегона ё нав месозад ва ӯро ба шигифтӣ вомедорад.

Масъалаи аҷибсозиро пеш аз шаклгароёни рус Шиблии Нуъмонӣ дарк карда буд ва ҳангоми шарҳу тавзеҳи ташбеҳоту истиорот гуфтааст: «Ҳар ташбеҳе дар бадви амр нодиру пурлутф мебошад, вале баъд ба воситаи истеъмоли зиёд лутфу тозагии он аз байн рафта, беасару мубтазил мешавад. Ин ҷо вазифаи шоир ин аст, ки ҷустуҷӯ кунад, то ташбеҳоту истиороти тоза ва нодир пайдо карда ва ба кор бибарад ва далели камоли шуарои муътабар ҳам ҳамин аст, ки дар каломашон ташбеҳоти бикру тоза ёфт мешавад» [129, 227]. Аммо донишмандони шаклгарои рус, тавре зикр шуд, ба ин масъала низомманду муфассал бархурд кардаанд.

Аз ин дидгоҳ агар ба сохтаҳои Ҳумоми Табрезӣ дар ғазалҳояш бингарем, хоҳем дид, ки дар сурудаҳои ӯ маъниҳо ё мотивҳои анъанавии шеъри ғиноии классикӣ хеле зиёданд. Он маъниҳо иборатанд аз: «беқарории қаҳрамони ғиноӣ ва кӯшишҳои ӯ барои расидан ба висол»; «вазъи андуҳбори қаҳрамони ғиноӣ»; «шикоят аз бепарвоии маъшуқ»; «бовар доштан ба меҳрубонии ёр»; «арҷгузорӣ ба ишқ»; «бедармонии дарди ишқ»; «аз сарнавишт донистани аҳволи худ»; «ҳасрати дидор ва ғами дурӣ аз ёр»; «ашк рехтани қаҳрамони ғиноӣ дар фироқи ёр»; «ҷонбозӣ кардан дар ишқ»; «ихтиёр надоштани ошиқ дар корҳо»; «мастии чашми ёр»; «умед ва раҷо»; «муҳол будани висоли ёр», ҳамчунин, «висоли ёр»; «умрро афзудани дидори ёр»; «дар таманнои висоли ёр зистан» ва ғайра. Ваҷҳи ғолиб ё лейтмотиви ғазалиёти Ҳумом ситоиши ишқи Зебои мутлақ ва акси ҷамоли безаволи ёр будани ҳар ду олам ва кӯшиши маърифати он мебошад.

Аммо сухан дар сари он аст, ки Ҳумом барои офаридани маънии бадеӣ ба ҳайси шоири асил гоҳе суратҳои куҳнаи матни шоирони қабл аз худашро аз нав коркард намуда, сурату маъниҳои нав ва тааҷҷубзо офаридааст.

Масалан, Анварии Абевардӣ, шоири асри XII, «сунбул»-ро, ки гиёҳи гулаш хӯшаиву хушбӯст [23, 1927] ва гули насринро, ки сафеду бо баргҳои кӯчак [Ҳамон, 1927], барои таҷассуми маънии тазоҳури зулфу рухсори ҷамили маъшуқа ва мафтунии ошиқ аз онҳо аз мафҳуми луғавиашон истифода кардааст:

Мудом аз шохи зулфу боғи рухсор,

Ба ошиқ сунбулу насрин фурӯшад [2, 207].

Агар аз ҳамаи унсурҳои ҳунарсозаи ин байти Анварӣ бигзарем, сунбулу насрин ба вазифаи ташбеҳ омадаанд. Чунин ташбеҳи зулф ба сунбул ва рухсор ба гул дар таърихи шеъри форсии тоҷикӣ чунон бисёранд, ки овардани ҳамаи онҳо ин ҷо зарурат надорад. Мунтаҳо касе, ки бори аввал зулфро ба сунбул ва рухсорро ба насрин ташбеҳ карда бошад, асолати эҷоди ин маънии ҳунарӣ бар ӯст ва дигарон муқаллиди ӯянд. Онҳое, ки чизе дар сурати он илова накардаанд ё тағйираш надодаанд, ҳунарсозаҳошон такрорӣ, бетаъсир ва мубтазиланд ва ба хонанда таъсире надоранд ва эҳсосашро барнамеангезанд.

Саъдии хушқареҳа дар ғазале маънии зикршударо боз ҳам зебоии дигар бахшидааст:

Нагзарад ёди гулу сунбулам андар хотир,

То ба хотир бувад он зулфу буногӯш маро [55, 20].

Саъдӣ хаёлбарангезии маъниро боз ҳам вусъат додааст. Гуфта, ки то он даме, ки зулфу рухсори ёр дар хотирам ҳаст, гулу сунбул дар ёдам ҳеч хутур намекунад. Ин сухани навест дар инкишофи ҳамон маъние, ки дар аввал гуфтаем. Фақат дар гуфтаи Саъдӣ ҳузури қаҳрамони ғиноӣ ва оҳанги тасдиқи ошуфтагии ошиқонаи ӯ ошкор аст. Аммо ҳамаи намунаҳое, ки аз Анварӣ сар карда, то Саъдӣ овардем, инҳирофоташон аз норма дар меҳвари ҳамнишинӣ сурат гирифтаанд ва зеботарини ин гуна инҳирофот аз Саъдӣ аст, зеро ҳунарсозааш бозтару равшантар ва хаёлаш отифист.

Акнун мерасем ба Ҳумоми Табрезӣ. Ӯ ҳамон маънии рӯй ва зулфи зебои ёрро дар як ғазалаш ин гуна ба тасвир кашидааст:

Шикаста рӯйи хубат равнақи гул,

Бибурда тоби зулфат оби сунбул [34, 270].

Саъдӣ гуфта буд, ки то зулфу рухсори ту дар ёдам ҳаст, ёди гулу сунбул накунам. Аммо Ҳумом мегӯяд: «рӯи ту дар хубӣ, яъне, дар зебоӣ равнақи гулро шикастааст ва печу тоби зулфат оби сунбулро бурдааст». Таркиби «оби сунбулро бурдааст» ба чандин маъно омадааст: 1) таровати сунбулро бурдааст. 2. Обрӯи сунбулро рехтааст. Яъне, шоир ба муқоисаи рӯву гул ва зулфу сунбул

нишастааст ва хулоса кардааст, ки рӯи маъшуқа аз гул ва зулфаш аз сунбул бамаротиб зеботаранд. Гузашта аз ин, «тоби зулф» бо «оби сунбул» таносуби аҷибе дорад. Маънии «тоб» яке печу шикан ва дигар тозагӣ ва равнақ аст ва аз сӯйи дигар, ин вожа бо ошуфтагию музтариб сохтан рабти маъноӣ дорад. «Бурдани оби сунбул» ба маънои «дарҳам шикастани шодобии сунбул» ва аз тарафи дигар, «рехтани обрӯи сунбул» мебошад. Мусиқии он бо истифодаи нағмаи ҳуруфи «б», «а», «н» ва сохторҳои аҷиби «шикастану бибурдан» «гулу сунбул» дар байти мазкур ҳунарсозаро ба тарафи бениҳоят боз намудааст. Ба ин тартиб, Ҳумом дар як байт дар заминаи маънои куҳна қолаби нави маъниҳоро ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, дар ин байт ба ғайр аз ташбеҳу тавсифу муболиға, аз дигар санъатҳо асаре нест. Аммо тасвир, мисли тасвири Саъдӣ, хеле отифӣ, тамом ва адабияти он таъмин шудааст.

Дар маркази маъноии ҳамаи абёти дар боло овардашуда мотиви зебоии ёр қарор дорад, аммо, азбаски шакли лафзии онҳо мутафовитанд, таъсири он мотивҳо ба хонанда низ гуногунанд.

Ҳумом бо нерӯи бузурги халлоқи худ ҳунарсозаҳои қаблиро дар иртиботи маънии пештар зикршуда «вайрон» карда ва онро бо чашмандози нав ба ҷониби беохирӣ боз намудаву ҷони тоза бахшидааст.

Суханро ба ин тартиб идома дода, ба маънии тасвири «қаду қомат»-и расои ёр мегузарем. Дар ин маънӣ Анварӣ пеш аз Ҳумом дар як ғазалаш чунин гуфтааст:

Биншаст бар канори ману бода нӯш кард,
Он моҳи сарвқомату он сарви хушхиром [2, 867].

Анварӣ дар ғазали дигараш ба ҳамин маънӣ ин гуна ишора дорад:

Номаш ҳаме наёрам бурдан ба пеши ҳар кас,
Гаҳ-гаҳ ба ноз гӯям: Сарви равони ман ку? [2, 906].

Дар ин ду байти Анварӣ қомати мавзуни ёр ба сарв монанд карда шудааст, ҳатто дар байти дуюм ба истиора табдил гардидааст.

Ҳатто Сайфи Фарғонӣ, муосири Ҳумом, дар иртиботи қади маъшуқа маънии зикршударо такрор кардааст:

Аё ба ҳусн чу Ширин, ба мулк чун Парвиз,

Қади ту сарви равон асту сарви ту гулрез [35, 302].

Аммо Ҳумом дар ғазалҳояш ҳамин маънӣ ва ҳунарсозаи, ба қавли Шафеъии Кадканӣ, масдудро бо усули ошноизудоӣ боз намуда, ба он ҷони дигар бахшидааст:

Ба сурат сарв мемонад ба болои хушат, лекин

Чӣ донад сарви бемаънӣ чунин ширин хиромидан?! [34, 137].

Дар ин байти Ҳумом навъе аз ташбеҳи аксро мебинем. Ӯ сарвро ба қомати ёр монанд дидааст ва сарви беҷонро танқид ҳам кардааст, ки шеваи хиромидани ёрро надорад. Дар аксари ғазалҳои Ҳумом маънии зебоии қомати маъшуқ ҳамин гуна тасвир шудааст, ки ҳоло дидем. Сабаби чунин сурат гирифтани амали эҷодии Ҳумомро дар ҷаҳонбинии ирфонии ӯ донистан лозим аст. Аксари кулли ғазалиёти Ҳумом дарбаргирандаи маъниҳои ирфонианд. Яъне, ӯ бо нигоҳи ҳунарӣ ва ҷамолшиносона ба маъниҳои илоҳиёт назар кардааст, вале онҳоро ногузир бо вожаҳои маъмул дар забони шеъри пешиниён, аммо ба маъниҳои улвии тасаввуфӣ ифода кардааст. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳи ин шоири орифро аз аҷзои зебоиҳои маъшуқ, беш аз ҳама, «рӯй» ё «рухсор»-и ӯ ҷалб намудааст. Ҳар кадом аз аъзои дигар таъбияшуда дар вуҷуди ёр ҳомили паёме аз маъшуқ аст, вале боз мақому мартабаи рухсор хеле болост, чун он хулосаи маҷмаъи сифоту асмо ва нуқтаи ваҳдати зебоиҳо ва билохира, ҷилвагоҳу маҳалли зуҳури таҷаллии ҷамоли маъшуқ аст.

Рух аз дер боз зеботарину малеҳтарин унсури маъшуқ аст, ки аксари шоиронро дар тасвиргирӣ ва қаламзанӣ дар майдони хаёл ба худ машғул дошта ва шоирони бузурге чун Ҳофизро водошта, то мастона бигӯяд:

Бардӯхтаам дида чу боз аз ҳама олам,

То дидаи ман бар рухи зебои ту боз аст [56, 180].

Мушоҳидаи рух ё рӯйи маҳбуб ё маъшуқ дар забони шоироне чун Ҳумом ба маънии таҷаллии Ҳақ бар оинаи дили ориф аст. Яъне, ориф рӯйи маъшуқи маънавии худро, ки ҳамон Ҳақ аст, бо чашми дил дидааст.

Рухсор ва вобастаҳои он дар оинаи шеъри Ҳумом яке аз мотивҳо ё бунмояҳои ғолиби хаёли ӯ маҳсуб мешавад ва ин шоир дар иртиботи он тасвирҳои зебое офаридааст. Гоҳе Ҳумом даст ба суннатшиканӣ зада, он чиро, ки то дирӯз дар ташбеҳи тафзилӣ ба унвони мушаббаҳ буд, имрӯз сазовори он надониста ва мушаббаҳро фаротар аз он медонад. Чунончи, дар байти зер рухсори Маъшуқро дар зебоӣ бартар аз ҳамаи гулҳои рангини ҷаҳон ба қалам додааст:

Сар то қадам ба оби ҳаётат сириштаанд,
Дилҳо мисоли нақши ту бар ҷон набиштаанд.
Гар зоҳидони савмаа бинанд суратат,
Ошиқ шаванд бар ту ва-гар худ фариштаанд.
Рӯе чунин ба ҳусну латофат надидаам,
З-ин навъи гул дигар ба ҷаҳон дар накиштаанд.
Чун омадӣ ба манзили дунё, ки аз биҳишт
Хубони нозанинро берун ниҳиштаанд.
Масти шабона буд, Ҳумом, аз шароби ишқ,
Он субҳҳо, ки тинати Одам сириштаанд [34, 89].

Ин амалро Ҳумом дар натиҷаи коркарди ҳунарии сурату маъниҳои шоирони пешин адо кардааст.

Ба ҳамин маънӣ чанд намунаи дигар аз абёти ин шоир метавон овард:

Чу рухсорат чаман як гул наёрад,
Рухат нисбат ба гул кардан кӣ ёрад? [34, 272].

Дар байти зер низ шоир дар қиёси рӯйи зебои Маъшуқ намехоҳад назар ба навбаҳору сабзаву гул андозад:

Нахоҳам навбаҳору сабзаву гул,
Гар андозам назар бар рӯйи эшон [34, 262].

Шоири ориф бо такя ба табъи хаёлпардози худ ташбеҳоти такрорӣ ва мубтазалро нав кардааст ва чунин иддао мекунад, ки чеҳраи маъшуқаш ба қадре зебост, ки гулро камзавқ кардааст (дар байти аввал) ва ҳатто дар ин маҷол чунон ба фахри зебоии маъшуқ ғарқ шудааст, ки иддао дорад маъшуқаш

дастноёфтанист ва аносири табиатро оҷиз аз офариниши чунин сурате медонад. Ҳатто касеро ёрои он намедонад, ки рухсори маҳбуби ӯро ба гул монанд кунад (дар байти дувум). Натанҳо симои маъшуқ, балки силсилаи андоми Маъшуқ чунон нақше дорад, ки дар домони табиат на сарве чун қади ӯст ва на гулу сабза ва навбаҳоре чун рухсори ӯст ва мавзунию ҳусни андоми маъшуқ ӯро аз назарбозӣ бо соири офаридаҳо бениёз мекунад (тавре дар байти дувум ва севум дидем).

Дар байти дигар қудрати таҷассумсозӣ, маъниофарӣ ва тасвирсозии Ҳумом чунон зебо ва дилкаш аст, ки дар ҳадди эҷоз хонандаро маҳсур дар банди сеҳр мекунад ва таровати симои маъшуқаро дар шаффофият чунон тасвир мекунад, ки агар акси рухсори ӯ ба оинаи об афтад, аз сурхии рухсори маъшуқ ҳамчун майи ноб сурху ҳушбар хоҳад шуд:

Гар афтад акси рухсори ту бар об,
Зи сурхӣ об гардад чун майи ноб [34, 272].

Ё:

Офтобе мекунад аз машриқи рӯят тулуъ,
К-аз шуои он наёрад чашмаи хуршед тоб [34, 61].

Яъне, агар шоирони то Ҳумом рӯйи ёри заминиро муболиғаомез ба офтоб шабеҳ дониста бошанд, Ҳумом ба ин маънӣ мудохила карда, гуфтааст, ки аз рӯйи Маъшуқи ман офтоби дигаре тулуъ мекунад ва ба шуои он хуршеди табиӣ тоб оварда наметавонад.

Аз ҳамин дидгоҳ мутолиаи ғазалҳои Ҳумом собит месозад, ки дар аглаби ғазалҳои ӯ калимаҳое, чун фироқ, ёр, ранг, оби ҳаёт, нафас басомади фаровон доранд ва шоир ба воситаи кор гирифтан аз ин калимаҳо маънохои гуногуне офаридааст. Гарчанде ки ин гуна калимаҳо дар ғазалҳои шоир зиёд ба кор рафтаанд, ӯ кӯшиш кардааст, ки ҳангоми истифодаи онҳо аз такрори маънӣ дурӣ ҷӯяд ва ба воситаи онҳо маъниҳои нав офарад. Шафеии Кадканӣ дар китоби «Забони шеър дар насри суфия» доир ба ба марзи миёни ҳунар ва ғайриҳунар баҳс карда, зикр кардааст, ки ягона чизе, ки забони шеъру ҳунарро аз забони расмии рузмаррай ҷудо мекунад, ғариб кардани онҳо дар назари

хонанда аст: «кори шоиру ҳунарманд ин аст, ки коре кунад, ки мо нисбат ба калима диққати бештаре аз худ нишон диҳем, калимотро ба ҳолате даровarад, ки мо тасаввур кунем, ки ин калима калимаест, ки мо то кунун нашунидаем ё ба он чӣ шунидаем, тафовут дорад. Ин аст марзи ҳунар ва ғайриҳунар, марзи шеър ва ғайришеър» [92, 376].

Аз ин дидгоҳ агар ба ғазалҳои Ҳумом назар кунем, маълум мешавад, ки яке аз серкорбурдтарин калимае, ки дар ғазалҳои Ҳумом вуҷуд дорад, вожаи «нафас» мебошад. Шоир ба воситаи ин калима таркиб, калимаҳои мураккаб ва маъонии мухталиферо офаридааст. Ин калима дар ашъори Бедил низ корбурди вижае дорад ва муҳаққиқ Н.Н. Нуров, ки поэтикаи ғазалҳои Бедилро кор кардааст, ин вожаро дар саросари ғазалҳои шоир таҳиқ карда, гуфтааст: «Нафас дар сурудаҳои Бедил дар шумори вожагоне ҷой мегирад, ки басомади фаровон дорад ва бо корбурди он Абулмаонӣ ба сохтани тарокиб, калимоти мураккаб ва таҳаввули маонии мухталиф мушарраф гардидааст, ки назирашон дар адабиёти пешини форсӣ камтар ба мушоҳида мерасад» [128, 100].

Дар луғатномаҳо вожаи «нафас»-ро ба маънии «даме, ки муҷиби ҳастии инсон гардидааст, тавзеҳ додаанд» [128, 101]. Нафас ба маънои дам, даме, ки инсон ё ҳайвон аз роҳи даҳон ё бинӣ ба худ мекашад ва берун меоварад. Серкорбурдтарин калима дар ғазалҳои ЗуҳурииТуршезӣ калимаи «доғ» аст ки дар ашъори шоир зиёда аз 574 бор такрор шудааст [181, 357]. Калимаи нафас ҳамин мақоморо дар ғазалҳои Ҳумом дорад.

Ғиёсуддини Ромпурӣ зайли калимаи нафас гуфтааст: «Нафас نفس дам; ва он ҷазби насим аст аз роҳи бинӣ ё даҳон барои тавзеҳи қалб ва дафъи бухор аст боз ба ҳамон роҳ; ва ин ҳар ду ҳаракат ба маънии баромадан ва фурӯ рафтани дам, дар маҷмуъ, як нафас бошад» [29, 348]. Ин калима дар ғазалҳои Ҳумом ҳам ба маънои қомусии худ, ки дам, лаҳза аст ба кор рафтааст, ҳам сабаби пайдоиш ва халқи маъноҳои мухталифе шудааст. Ба воистаи ин калима шоир мазмунҳо ва маъноҳои наву бикр офаридааст

Ҳумоми Табрезӣ аз он шоиронест, ки дар эҷоди ғазал на аз пайи тасвир, балки аз пайи барҷаста сохтани вожаҳо шудааст ва бо ин роҳ ба калима

тобишҳои гуногуни маънӣ эҳдо намудааст. Дар байти зерин калимаи нафас ба маънои луғавии худ ба кор рафтааст:

Булбули ҷон дар қафас ҳеч намезад **нафас**,
Бӯйи гулистон шунид, азми сафираш куҷост? [34, 65].

Дар байти дигари шоир калимаи нафас ба маънои накҳату форамии дамидани субҳ омада, бо таркиби «нафаси руҳпарвар» маънии мунсаҷим ва мазбуте ба шеър бахшидааст:

Ҷони Ҳумомро **нафаси** субҳу бӯи дӯст
Парвардаанд, з-он **нафасаш** руҳпарвар аст [34, 67].

Калимаи «нафас» ба маънои маҷозии лаҳза ва сония низ омадааст:

Зи васли худ **нафасе** пеш аз он, ки дур шавам,
Агар ба ҷон бифурӯшӣ, ҳанӯз арзон аст [34, 98].

****

**Нафасе** гар нашикебам зи лабат, маъзурам,
Ташнаам, чашмаи ҳайвон натавон дод зи даст [34, 85].

Шоир ба воситаи калимаи «нафас» калимаҳои мураккаби хушнафас, шириннафас ва ҳамнафас сохтааст:

Ҳумоми **хушнафасро** ҳам аз ин ҷост,
Ки оби зиндагонӣ дар миён ҳаст [34, 77].

****

Бихон, Ҳумом, ду байт аз ҳадиси **хушнафасе**,
Ки ошиқон суханашро ҳаёти ҷон шуморанд [34, 93].

****

Тӯтии **шириннафасро** дар қафас,
Кишвари Ҳиндустон ёд овper [34, 105].

****

Маро ба хидмати ёрони меҳрубон айём,
Маҷоли **ҳамнафасӣ** дода буд дар ҳама ҳол [34, 115].

Шоир ҷойи дигар калимаи нафасро ба маънои даму дуо ва афсун ба кор бурдааст:

**Нафасаш** Масеҳи Марям, ки ҳаёт бахшад аз дам,
Ба сухан гирифта олам чу Ҳумом меҳрубон шуд [34, 87].

Тавре ки пештар ишора намудем, он чизе ки боиси халқи маънонии бикру тоза дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ шудааст, ошноизудоист, яъне, аҷибсозӣ ва ба воситаи он дар шеър ба вуҷуд овардани растохези калимот. Барои боз ҳам фаҳмотар шудани матлаб онро тавзеҳи бештар медиҳем.

Ошноизудоӣ ё аҷибсозӣ дар истилоҳ яке аз тарзҳои адабист, ки аввалин бор дар мактаби шаклгароён (формалистҳо)-и рус матраҳ шуд ва яке аз муҳимтарин назарияҳои ин мактаб маҳсуб мешавад. Яке аз формалистони маъруфи рус Ю.Н. Тинянов ин истилоҳро «дефамиляризатсия» унвон кардааст [194, 10]. Истилоҳи ахир ба маънои бегонасозӣ аст. Бинобар ин назария, «вазифаи асосии ҳунарманд фаъол кардани ҳунарсозаҳост ва такомули осори адабӣ дар бистари бекаронаи таърихи адабиёти милали мухталиф бо ҳамин роҳ шакл мегирад ва тамоми “мутиф”-ҳои нотавон ва ҳама ҳунарсозаҳои берамақу азкорафтода фаъол мешаванд ва бо чеҳраи дигар худро ошкор мекунанд» [94, 40-41]. Яъне, барои андак замоне бегона кардани мафоҳими ошно ва нав кардани формаҳо муддати замони дарки хонандаро тулонитар карда ва лаҳзаи идрокро каме ба тул мекашад ва ба ин восита, боиси эҷоди лаззат ва завқи адабӣ мегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифе, ки Шафеъии Кадканӣ аз шеър мекунад: «шеър ҳодисаест, ки дар забон рӯй медиҳад ва дар ҳақиқат гӯяндаи шеър, бо шеъри худ амале рӯйи забон анҷом медиҳад, ки хонанда миёни забони шеъри ӯ ва забони рӯзмарраву одӣ тамоюзе эҳсос мекунад» [94, 76], метавон ошноииздоиро дар хидмати эҷоди ин тамоюз қаламдод кард.

Ба таври дигар, тафовут ва тамоюзи як сухани маъмулӣ бо каломи шеърӣ дар равишҳои коргирӣ аз забон аст. Шоир дар шеъраш вожаҳоро бархилофи маъмул ва одии он ба кор мебарад, чизе, ки аз он ба унвони «растохези калимот» ёд мекунанд. Марзи шоиру ношоир ҳамин растохези калимот аст.

Албатта, ин истилоҳ худ қавонини хоссе дорад, вале ба таври куллӣ дар ду даста – мусиқӣ ва забоншиносӣ дастабандӣ мешавад.

Ошноиздоӣ яке аз сабабҳои растохези калимот дар меҳвари забонист. Ба ин маънӣ, ки калимот дар шакли одии гуфтор мурдаанд ва ҳеч таъсири вежае ба хонанда надоранд, зеро зеҳни хонанда дар шунидани онҳо одат кардааст. Аммо ҳунари шоир дар ин аст, ки ба ин калимоти «мурда» ҷон мебахшад ва илова бар эҷоди шеърият дар каломи худ, боиси лаззати бадеии шунаванда ва хонанда мешавад.

Ҳумоми Табрезӣ барои тозагии маъно ва тобишҳои нави забони ҳунарӣ, эҷози сухан, дурии парвози мурғи хаёл ва ба ин восита, маърифати ҷаҳони комилан тозаи ҳунарӣ, зеҳни худро барои ҷустуҷӯйи маъниҳои тоза бисёр обутоб медиҳад ва барои хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ қолабҳои маъмули тавсирро мешиканад ва чи хеле ки пештар дидем, аз ташбеҳоту истиорот ва тасвироти мукаррар дурӣ ҷуста, бардошти наве аз сухан мекунад. Ҳумом дар иртиботи ҳамешагӣ бо шеъри худ қарор дошта, сари интихоби ҳар як вожаю иборот мунтазам талош ва кӯшиш карда, то қадри имкон аз забони рӯзмарраи роиҷ дурӣ ҷӯяд. Дар байти зерини шоир ҳар як калима ҷон дорад ва дар ҳоли ҳаракат аст. Дар адабиёти гузаштаи мо шоирон рӯйи ёрро дар зебоӣ ба ягон чизи зебое монанд мекунанд, аммо Ҳумом бар хилофи онҳо рӯйи ёрро дар зебоӣ ба ягон чизи дигар қиёснашаванда арзёбӣ карда, таъкид кардааст, ки тамоми зебоиҳо ҳусн ва таҷаллиро аз рӯйи ёр мегиранд ва ман низ ба сабаби рӯи ёрам зебоиро дӯст медорам:

Рӯйҳоро ҳама доранд зи зебоӣ дӯст,
Дӯст дорам сабаби рӯи ту зебоиро [34, 60].

Ҳумоми Табрезӣ равшан иброз медорад, ки бо завқи худододаи худ лафзу маънии мукарраргашта дар тарзи дигарон (ҳунарсозаҳои соири шуаро)-ро «ошнозудоӣ» (бегона месозад) ва тавассути пироҳани тозаи лафз, ки аз хасисаи ашё дур аст, маънии бикр ва наздиктар ба воқеият («таҷриба») меофарад.

Ҳумом бо истифода аз навъҳои ҳанҷоргурезӣ ё ҳанҷоршиканӣ, махсусан, ҳанҷоршикании вожагонӣ, тавонистааст вожагон ва таркибу ибораҳои наверо

офарад ва ба воситаи онҳо маъонии вежаеро ба мухотаб пешкаш кунад. Ҳанҷоргурезиро гуногун шарҳ додаанд: «Ҳанҷоршиканӣ дар каломи бадеӣ бениҳоят зиёд баромадан аз ҳадди муайяни меъёрҳои забонӣ дар тасвир аст» [181, 262]. Ё ин ки Сируси Шамисо дар китоби «Нақди адабӣ» гуфтааст: «Имрӯз баҳси ҳанҷоргурезӣ тавсеа ёфта ва онҳоро ба анвое чун ҳанҷоргурезии овоӣ, луғавӣ, наҳвӣ ва, ҳатто, маънавӣ тақсим кардаанд» [176, 186]. Ҳанҷоршикании луғавӣ ё вожагонӣ чунин аст, ки шоир бар хилофи талаботи забони расмӣ, калима, таркиб ва вожаҳои навро месозад. Дар ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ як қатор калимаҳо: шакаристон, шакарфишон, сарвистон, нигористон, шабистон, кисапардозӣ ва ғайра ба мушоҳада мерасанд, ки бештар ба кор рафтаанд. Дар байти зер калимаи «шакаристон» ки аз пасванди «-истон», ки макон месозад (ба мисли «гулистон») аз исми «шакар» сохта шуда, маънои анбуҳ ва бисёрии чизҳоро ифода кардааст:

Шакар аз Миср ба Табрез маёред дигар,
К-он шакарро чӣ маҳал, ин шакарисотон ин ҷост [34, 53].

****

Он ки бахшид ҳаловат ба лаби ширинаш,
Дар ҳадисам асаре з-он шакаристон бинамуд [34, 110].

Дар абёти зерини шоир калимаҳои «сарвистон» ва «нигористон» низ тавассути ҳинҷоргурезии вожагонӣ сохта шудаанд:

Чун тамошоро ба **сарвистон** равем,
Қадди он сарви хиромон ёд бод [34, 116].

****

Чун тамошоро дароӣ, аз **нигористо**н ба бӯстон,
Наъраҳои ишқбозон аз гули хандон барояд [34, 131].

Дар ғазали дигари Ҳумом калимаҳои «сарандозон», «сарандозӣ», «хирқабозӣ», «ҷонбозӣ», «кисапардозӣ» ва ғайра истифода шудаанд, ки ба воситаи ҳанҷоргурезии луғавӣ ба вуҷуд омадаанд:

Эй **сарандозон, сарандозӣ** кунед,

**Хирқабозӣ** чист, **ҷонбозӣ** кунед?!

Косаҳои сар чу аз савдои дӯст

Нест холӣ, к**исапардозӣ** кунед,

То расидан бо **шабистони** висол,

Бо хаёли дӯст ҳамрозӣ кунед.

Ишқ султон аст, чун хоҳад хироҷ,

Ҷон бубахшеду с**арафрозӣ** кунед.

Толибони завқро гӯ, дар самоъ,

Истимои шеъри Шерозӣ кунед.

Зоҳидонро гӯ, ки бо мастони ишқ

Аз зарурат тарки ғаммозӣ кунед [34, 123].

Ҳамин тавр, ҳанҷоршиканиҳои гуногуни девони шоир таҳиқи вижаеро талаб мекунад. Бо мурури кӯтоҳ бар девони Ҳумом аз ҷиҳати маънифаринӣ ва навсозии каломи пешиниён маълум гардид, ки ҳунари халлоқияти адабии ин шоири ғиногӯ дар ғазалсароӣ дар таърихи адабиёти куҳансоли мо саҳифаи тозае мебошад.

## 2.2. Ишқ дар ғазалиёти шоир

Ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ғанӣ ва рангоранг мебошад ва рангорангии мавзуъ паҳлуҳои ғоявии ғазалиёти шоирро қавӣ гардонида, бозгӯи ҳадди баланди ҷаҳонбинӣ, тахайюл ва завқу истеъдоди фитрии шоир ба шумор меояд. Мавзуъҳое, ки дар ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ бештар бар назар мерасанд, ишқу муҳаббат, инсондӯстӣ, мадҳ, мавзуъҳои пандуандарзӣ, фалсафию ирфонӣ ва амсоли инҳо ба ҳисоб меоянд, ки шоир дар истифодаи онҳо қудрати бузурги эҷодӣ нишон додааст. Яке аз мавзуъҳои меҳварии ғазалҳои шоир, тараннуми ишқ, махсусан, ишқи тасаввуфӣ мебошад. Шиблии Нуъмонӣ дар хусуси ишқи тасаввуфӣ баҳс карда, зикр кардааст, ки дар партави он ишқ, ишқи заминӣ ё маҷозӣ ҳам қадрдонӣ мешавад: «Асосу шолудаи тасаввуф ишқи ҳақиқист, ки сар то сари он ҷӯшу ҷазаба мебошад ва аз давлати ишқи ҳақиқӣ ишқи маҷозӣ ҳам қадрдонӣ шуда ва оташи он тамоми синаҳоро гарм сохт ва акнун он чи аз забон хориҷ мешавад, холӣ аз ҳарорат нест» [129, 498]. Дар тамоми ғазалиёти Ҳумом эҳсосоти ишқи поки ҳақиқӣ, сӯзу гудози ошиқона ва орифона ба як ҳунари волои шоирона дар перояҳои хеле баланди адабӣ баён шудаанд.

Ишқ ҷону дил ва меҳвари марказии ғазалиёти Ҳумом аст. Дар ниҳоди шоир шавқу шӯри ишқ ба дараҷаест, ки тамоми ҳастиашро ба дасти Маъшуқи азалӣ додааст:

Мо ба дасти Ёр додем ихтиёри хешро,
Ҳосиле з-ин беҳ надонистем кори хешро.
Бар умеди он ки рӯзе кори мо гирад барор,
Солҳо кардем зоеъ рӯзгори хешро.
Рехтӣ хуни дилам, шукрона бар ҷони ман аст,
Гар ту бар фитрок мебандӣ шикори хешро.
Хоки поят шуд вуҷудам то наёбӣ раҳмате,
Менишонам з-оби чашми худ ғубори хешро.
Акси рӯйи чун нигори худ бубин дар оина,

То бидонӣ қудрати суратнигори хешро.

Ҳаст хоки остонат саҷдагоҳи аҳли дил,

Саҷдаи шукре бикун парвардгори хешро,

Нест холӣ аз хаёли рӯйи ту чашми Ҳумом,

Боғбон бе гул нахоҳад ҷӯйбори хешро [34, 58].

Маҳаки асосии тасаввуф муҳаббат ва унс ба маъшуқ буда, ба воситаи он фарқи дӯсту душман дар ин ҷаҳон аз миён бардошта мешавад. Шиблии Нуъмонӣ ин ҷиҳати ишқи тасаввуфиро дар адаби форсӣ хуб дарк карда, гуфтааст: «Руҳи аслии тасаввуф ва фасли муқаввими он ишқу муҳаббат аст. Дар ин олам тамизи байни душману дӯст аз миён бархоста, дар ҳар чизе ҷилваи ӯ ба назар меояд. Аз ҳар чизе бӯйи муҳаббат шунида мешавад. Ба тарафи ҳар чизе тамоюл пайдо шуд, дил бад-он тараф ҷазб мешавад. Билохира, тамоми олам вуҷуди маъшуқ гардида, чизҳои мухолифу макруҳи дунё ва адоҳои дилсӯзи Маъшуқ маълум мегардад ва он дар ахлоқ бадеҳист, ки таъсиере босазо мебахшад» [129, 509]. Айни ҳамин касрати ишқу муҳаббатро нисбат ба Маъшуқ дар ғазалҳои Ҳумом зиёд мушоҳида мекунем. Дар ғазали зер, ки мо қисме аз онро меорем, шоир ишора ба офариниши оламу Одам карда, зикр мекунад, ки замоне ангуру боғу бодапараст набуд, аммо мо аз майи ҳақиқӣ маст будем, муҳаббат ва самимияти ӯро дар дил мепарваридем. Яъне, шӯру ҳаяҷон ва шавқи руҳонӣ дар тинати мо аз рӯзи азал аст:

На боғ буду на ангур, на майю бодапараст,

Ки Дӯст дод шаробе ба ошиқони аласт.

Ҳанӯз дар сари мо ҳаст завқи он мастӣ,

Ҳарифи маҷлиси ӯ то абад бувад сармаст.

Зи дасту пову сари мо асар набуд ҳанӯз

Ки ҷон шароби муҳаббат чашиду раст зи даст...

Агарчи аз шикани зулфи хубрӯён шуд

Дилам шикаста, вале аҳди рӯйи ӯ нашикаст.

Ҳумомро ҳама шаб интизори хуршед аст,

Хунук диле, ки ба нури сифоти Ҳақ пайваст [34, 44].

Шоири ориф ба дигар мардуми давр, ки аз ишқ баҳрае надоштанд, муроҷиат мекунад, ки мани савдозадаро сарзаниш накунед, ки шумо аз ҳолати бехудии ман огоҳ нестед. Ин саргаштагиҳои ман аз баҳри он аст, ки ман аз дидори Нигорам маҳрумам. Мардумаки чашми ман ба ҷуз Ҳақиқати мутлақ чизи дигареро намебинад. Ин забоне, ки дар коми ман аст, бояд ба мадҳу сано ва зикри Ҳақ кушода шавад, илло хомӯшӣ беҳ:

Макун, эй дӯст , маломат мани савдоиро,
Ки ту умре начашидӣ ғами танҳоиро.
Сабрам аз даст мафармой, ки ҳаргиз бо ҳам
Иттифоқе набувад сабру шикебоиро.
Маталаб дониш аз он кас, ки ба оби дида
Шуста бошад вараҷи дафтари доноиро.
Дида хун гашт зи дидори нигорам маҳрум,
Баҳри хубон бикашам миннати биноиро.
Гар забонам накунад ёди ту, хомӯшӣ беҳ,
Ошиқам баҳри суханҳои ту гӯёиро.
Рӯйҳоро ҳама доранд зи зебоӣ дӯст,
Дӯст дорам сабаби рӯйи ту зебоиро.
Чу назар кард ба чашму сари зулфи ту Ҳумом,
Ёфт мастию парешонию расвоиро [34, 61].

Ишқ дар ашъори шоир якрангу якнавбат набуда, рангу ҷилоҳои мутанаввеъ дорад. Ашъори ӯро дорои сирф ишқи иҷтимоӣ-заминӣ ва сирф ишқи илоҳӣ донистан ғалат аст. Шоир ҳам ишқи илоҳӣ ва ҳам ишқи заминиро ба ҳам омехта, аз он як отифаи шоирона бунёд гузоштааст. Паҳновартарин ва густардатарин таҷаллигоҳи ирфон ва ишқи тасаввуфӣ дар шеъри форсӣ маснавӣ аст, ки ҳама матолиби ирфонӣ ва суфиёнаро дар худ мегунҷонад ва шоир маҷоле барои афкору мақосиди маънавӣ ва ирфонӣ дорад. Ду мактаби ирфонӣ – мактаби тасаввуфи ошиқона ва тасавуфи орифона дар тасаввуф вуҷуд дошт. Аввалӣ тариқа ва равиши Аттор ва Мавлавӣ буд ва дигаре мактаби Суҳравардӣ, Ибни Арабӣ ва Ибни Фориз.

Дар қарни XIII суфиён таҳти таълими мактаби Ибни Арабӣ, Ибни Фориз ва мактаби амалии Суҳравардӣ буданд. Асоси кори суфиён дар мактаби Суҳравардӣ зуҳд, ибодат ва муҷоҳидат, аммо дар тасаввуфи Мавлавӣ ваҷду самоъ ва қавлу тарона ба шумор меояд. Зуҳд ва ибодат ва бетаваҷҷуҳӣ ба дунё, ки аз пояҳои умдаи тасаввуф аст, қабл аз ислом дар миёни исавиҳо, зардуштиҳо, монавиҳо вуҷуд дошт. Аммо тасаввуфи исломӣ аз садри ислом ва аз таълимоти паёмбари акрам (с) ва Қуръони маҷид ва саҳоба моя гирифтааст. Суфия мардумоне буданд аз муслимин, ки асоси кори худро бар муҷоҳида ва маърифати қалбӣ дар шинохти Ҳақ, ки ба сурати фардӣ буд, қарор дода буданд ва ин такя ба маърифати қалбиро кашф ва шуҳуди фардӣ мехонданд ва ба роҳи дигар расидан ба Ҳақро инкор доштанд. Онҳо ихтилофе дар худ ва анбиё намедиданд ва сабаби ҷудоии роҳи онон аз соири муслимин ҳамин нукта буд. Ҳамчунин, тафовути фуқаҳо бо суфия дар ин аст, ки фуқаҳо илмашон марбут ба ибодати зоҳирӣ аст, вале маърифати суфия бар аъмол ва корҳои қалбист ва сару кори онҳо бо мақомоти дарунист. Ҳамчунин, суфӣ, зоҳид, обид ва ориф бо ҳам тафовут доранд. Зоҳид касест, ки молу дунёро намехоҳад ва аз хушиҳои он дурӣ мекунад. Шахси обид доиман дар ҳоли ибодати Ҳақ аст, вале ориф дар бораи Ҳақ меандешад ва тобиши анвори ҳақиқиро дар даруни худ мебинад. Яъне, ба қавли Шафеии Кадканӣ, ки дар китоби «Забони шеър дар насри суфия» меоранд, урафо ба дин ва илоҳиёт назари ҷамолшиносона ва ҳунарӣ доранд [92, 218]. Пас мақоми ориф аз зоҳид ва обид болотар аст.

Ҳумоми Табрезӣ ҳамчун шоири ориф ба хотири ризои Ёр сахтиҳо ва машаққатҳоро таҳаммул мекунад, то марзи ризои Маъшуқро фароҳам созад. Ҳатто агар натавонад ҳаракат кунад, хок мешавад, то бод ӯро ба кӯи ёр бирасонад. Барои расидан ба кӯи Ёр шоир аз маломатгарӣ ва таъну сарзаниши мардум бок надорад. Дар мавзуи маломатгарӣ Ҳумом ба хотири доштани мазҳаби ишқ ба куллӣ дар назари халқ хароб шудааст. Аммо ин харобӣ дар назари мардум чун дигарон зарқу риё нест, балки аҳволи дарунии ӯст, ки онро иброз мекунад. Илова бар ин, ӯ чун дигар орифон муътақид ба хомӯшӣ дар кӯи ёр аст ва аз ҷидоли ақлу ишқ сухан мегӯяд ва фотеҳи ниҳоии майдонро ишқ

медонад. Дар ирфони Ҳумом ранги меваи мастӣ ва ишқ бисёр чашмгир аст ва метавон таассуроти ӯро таассуроти ошиқона донист. Шоир зикр мекунад, ки то ҷон дар бадан дорад, фақат зикр ва сухан аз Маъшуқ мегӯяд, зеро бо ёди Ӯст ҳар нафасе бар меоварад ва ин нафас бӯи мушку анбар медиҳад:

Анбарин аст ба зикри ту нафасҳо, ки занам,
Ба ҳадиси дигар олуда мабодо даҳанам.
Ному пайғоми ту хуш мегузарад бар гӯшам,
Шунавоӣ чӣ кунам, гар набувад ин суханам.
Бо ту пайванди дилу дидаву ҷон мебинам,
Ки на парвост ба ағёру на бо хештанам [34, 125].

Ҳамчунин, шоир ҳамеша худро дар мазҳаби ишқ медонад ва омадан ба ин мазҳабро ҳам акнун надонистааст, балки аз рӯзи аласт худро дар ин мазҳаб мебинад ва андеша дорад, ки агар аз мазҳаби ишқу ошиқӣ дур шавад, бе дин ва кофир аст:

На имрӯз омадам дар мазҳаби ишқ,
Дар ин сармастӣ аз рӯзи аластам.
Шаробе бар кафи ҷонам ниҳодӣ,
Ки аз бӯяш ҳанӯз афтода мастам.
Ман ин оинаҳои мухталифро
Барои акси рӯят мепарастам [34, 120].

Ё ин ки ҷойи дигар мегӯяд:

Мазҳабам ошиқию қиблаи ман рӯйи ту шуд,
Ман аз ин мазҳаб агар дур шавам, бединам [34, 123].

Ӯ ҳам мисли дигар шоирон муътақид аст, ки барои расидани ошиқон ба Каъбаи Ёр (Маъшуқ) дар бодия ва саҳро захми хори муғелон ва сахтию заҳамоти роҳро бояд таҳаммул кард, то ба мақсуд расид, зеро ҳар роҳе поёне дорад ҷуз роҳи рафтан ба сӯйи Дӯст, ки поёни он пайдову мушаххас нест:

Ҳар раҳеро, ки дар ӯ пой ниҳӣ, поёнест,
Ҷуз раҳи дӯст, ки пайдо набувад поёнаш.
Ҳама донанд, ки ҳар тоифа варзад кеше,

Кеши ман он, ки шавад ҷону дилам қурбонаш [34, 118]

Ҳумом дар девони худ аз ваҷд, шӯр, шавқ ва самоъ сухан гуфтааст ва бо таваҷҷуҳ ба ду мактаби зикршуда дар қарнҳои XIII-XIV, ки дар байни суфия маъмул буд, метавон мактаби ӯро аз навъи тасаввуфи ошиқона донист, зеро дар хитоб ба Маъшуқ мегӯяд, ки дар самоъ ва ҷашне, ки ғазалҳои манро мехонанд, гармии маҷлису равнақи он ба хотири зикр ва ёдкарди номи Туст, вале тамоми савти ман бе ҳуруф ва асвот гӯё ва возеҳ номи Туро мебарад ва ба маҷлис шӯру шавқи вижае додааст. Бинобар ин, дар самоъ бояд лаҳзае аз хештании хеш ҷудо шавӣ ва дар баробари худ ҷилваи ҷамоли Маҳбубро муҷассам кунӣ. Ҳамчунин, ҳар шаб аз ҳаёҳуи ошиқонаи Ту мо то саҳар дар самоъ ва пойкӯбӣ ҳастем ва ба хотири ин ваҷд ва шӯри азалӣ, ки ба ман даст дода буд, бо паҳлуи худ аз он ҷаҳон то ин ҷаҳонро гаштаам. Ҳамчунин, ба мутриб ва навозанда мегӯяд, ки ту сухани ишқ ва Маъшуқи азалиро дар миёни орифон ва асҳоби дил андохтӣ ва онҳоро ба хотири ин сухан бо паричеҳраҳо дар рақс ва пойкӯбӣ кашидӣ ва онҳо чун булбулони маст дар гулистон шуруъ ба хондани овоз карданд. Мавлавӣ ба орифон мегуяд:

Рақсе кунед, эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,
Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо [34, 128].

Ҳумом мегӯяд:

Гармӣ аз зикри ту ёбанд, на аз шеъри Ҳумом,
Дар самоъе, ки ғазалҳои варо мехонанд [34, 130].

***

Ошиқонро то саҳар бошад самоъ,
Ҳар шаб аз бонги сагони кӯи ту [34, 174]

****

Боз, эй мутриб, ҳадисе дар миён андохтӣ,
Фитнае дар маҷлиси соҳибдилон андохтӣ.
Орифонро бо парирӯён кашидӣ дар самоъ,
Булбулони мастро дар гулситон андохтӣ [34, 145].

Тавре маълум аст, дар истилоҳи суфиён тасаввуф иборат аз сайри банда ба сӯйи Парвардгори хеш аст ва зиндагонии вай ҳамчун сафарест ба сӯи ӯ ва орзуманд аст, ки аз ин роҳ ба дидори Ҳақ ноил шавад. Ҳумом муътақид аст, ки агар ӯро дасти марг аз ҳаракат ва ҷустуҷӯ боз надорад, то ҷон дар бадан дорад, аз талаб ва ҳаракат ба самти Маъшуқ боз наменишинад. Бинобар ин, чун вақту рӯзгори худро барои ба даст овардани Маҳбуб сарф мекунад, дар қиёмат ҳеч пушаймонӣ барояш нест. Пас агар тоқати рафтан ба сӯи Маъшуқро надошта бошад, мисли хок паст мешавад, то бод ӯро ба кӯи ёр бирасонад:

Оламеро ба ҷамолат нигарон мебинам,
На бад-ин дилнигаронӣ, ки мани мискинам.
Магарам дасти аҷал аз сару по биншонад,
В-арна то ҳаст қадам, аз талабат наншинам.
Бар сари кӯи ту ё сар биниҳам, ё бошад
Остони ту шабе то ба саҳар болинам [34, 127].

****

Чун рӯзгор дар талабат сарф мекунем,
Моро ба рӯзи ҳашр набошад надомате [34, 143].

****

Тоқати омаднам нест, магар хок шавам,
То аз ин ҷо ба сари кӯи ту орад бодам [34, 152].

Шоир ҳарчанд ошиқони зиёде барои Маҳбуб мебинад, баён медорад, ки ҳеч кас чун ман дилсӯхта аз ишқи Ӯ нест, зеро аз рӯзи аласт, ки Ҳақ аз инсонҳо паймон гирифт, ӯ дар мазҳаби ишқи ёр буд. Ба қавли Ҳофиз, роҳи ишқ роҳест, ки онро канора ва поёне нест ҷуз ин ки ҷони худро таслим кунӣ ва ҷон ба ҳазрати Дӯст бисупорӣ, чун ишқ султон ва фармонравои мост:

Роҳест роҳи ишқ, ки ҳечаш канора нест,
Он ҷо ҷуз он ки ҷон бисупоранд, чора нест [56, 96].

Ҳумом мегӯяд:

Ҳаваси умри азизам зи барои ту бувад,
Бикашам ҷаври ҷаҳоне, чу ризои ту бувад.

Дар азал ҷони маро ишқи ту ҳамсуҳбат буд,

То абад дар дили ман меҳру вафои ту бувад.

Ҷойи афсар шавад он сар, ки ба пойи ту расад,

Подшоҳӣ кунад он кас, ки гадои ту бувад [34, 97].

****

Ҳастанд туро ошиқи бисёр валекин

Дилсӯхта дар ишқи ту чун ман дигаре нест [34, 87].

***

На имрӯз омадам дар мазҳаби ишқ,

Дар ин сармастӣ аз рӯзи аластам [34, 119].

Шоир баён медорад, ки намедонам ин чӣ зебоии хиракунандаест, ки ҳар касе рӯйи Туро дид, аз таҷҷуб сари ангушт ба дандон гирифта ва мутаҳаййир аст. Зеро, ба ғайри инсон, ҳатто агар малоик ҳам рӯйи туро бубинанд, бар шаклу шамоили Ту тааҷҷуб мекунанд. Шоир зикр мекунад, ки чун нақши сурати Маъшуқро мебинам, боз ҳайронтар мешавам, дар ҷое, ки нақшофаринони Чин чун зебоӣ ва лаби туро дидаанд, ангушти тааҷҷубу ҳайрат ба дандон гирифтаанд. Агар ман мутааҷҷиб бошам, чизи аҷибе нест, ки шикори тири ту ва дилбастаи занҷири ту бошам. Бинобар ин, агар Маъшуқ нисбат ба ишқ ва алоқаи ман ба худ суол кунад, ман ҷавобе ҷуз ҳайрат ва шайдоӣ барои ӯ надорам:

Намедонам чӣ рӯй аст он ки ҳар ҷое, ки бинмудӣ,

Зи ҳайрат ақл мегирад сари ангушт дар дандон [34, 143].

***

На инсон, гар малак рӯйи ту бинад,

Шавад ҳайрон бар он шаклу шамоил [34, 150].

***

Дида мемолам, ки нақши дӯст аст ин ё хаёл,

Сураташ то беш мебинам, дар ӯ ҳайронтарам [34, 158].

Ҳамчунин, шоири ориф барои расидан ба қурби Маъшуқ омода барои кашидани ҷабру ҷафои Ӯ мебошад ва таҳаммули ҳар балоеро дар сайр ба сӯйи Ӯ мекашад. Шиблии Нуъмонӣ доир ба ҷавру ҷафои маъшуқ нисбат ба ошиқ дар ғазали тасаввуфии форсӣ баҳс карда, гуфтааст: «Шуарои Эрон дар ин маънӣ (ҷавру ҷафои маъшуқ – Ф. У.) табъозмоӣ намуда, дар он алҳақ доди сухан додаанд ва руҳи қазия ин аст, ки ошиқ мутобиқи майлу орзуи худаш аз маъшуқ интизори муҳаббату меҳрубонӣ дорад, дар сурате, ки маъшуқ ҳам, ки аз ӯ вафодортару меҳрубонтар касе намебошад, боз наметавонад аз уҳдаи ин кор барояд ва лизо баҳонае ба дасти ошиқ дода, дар вай ин хотира пайдо мешавад, ки дар қалби маъшуқ аз раҳму инсоф хабаре нест ва ин хаёл тараққӣ карда, то ба ин ҷо мерасад, ки тамоми мазолиму бераҳмиҳои рӯйи замин ба ӯ нисбат дода мешаванд... » [129, 482.] Бо ин тарзи тафаккур, Ҳумом хитоб ба Маъшуқи худ мегӯяд, ки чун ризои ту бошад, ман ҷавру ситами оламро таҳаммул мекунам. Ҳатто агар насиби ошиқон аз расидан ба Ту бемуродӣ бошад, хушнудии маҳбубро аз ихтиёри худ беҳтар медонам:

Ҳаваси умри азизам зи барои ту бувад,
Бикашам ҷаври ҷаҳоне, чу ризои ту бувад.
Дар азал ҷони маро ишқи ту ҳамсуҳбат буд,
То абад дар дили ман меҳру вафои ту бувад [34, 97].

***

Аз ошиқон муродаш агар бемуродӣ аст,
Моро ризои ёр беҳ аз ихтиёри хеш [34, 114].

***

Мо ба дасти ёр додем ихтиёри хешро,
Ҳосиле з-ин беҳ надонистем кори хешро [34, 58].

***

Дареғ бошад агар ташна ҷон кунад таслим,
Миёни бодия дар иштиёқи оби зулол [34, 115].

Ҳумом чун дар хилват ва танҳоӣ дар тасаввур ва хаёли худ ҷилваи ҷамоли Маъшуқро дар пеши назар меоварад ва ӯро дар канори худ мебинад, мегӯяд, ки аз рафтан ба боғу бустон ва мушку анбар ва бӯйҳои хуш роҳат ва осудаам, чун ёр дар канори ман аст ва бӯи зулфи ӯ маро дар оромиш мебарад ва аз ёр шарму хиҷолат мекашад, ки аз ӯ ба хотири танҳоӣ шикоят кунад. Ӯ худро аз бандагӣ ва хоҷагии ёр замоне дур мебинанд, ки ҷони ӯ дар хилват ва танҳоӣ набошад, пас чашм бар дар дӯхта, то ёр аз дар дарояд ва доим вирди забони ӯ зикри ном ва ёди Маъшуқ аст:

Чун ба хилват бо хаёлаш ишқбозӣ мекунам,
Аз гулистон фориғам, аз бӯстон осудаем.
Мо ба бӯи зулфи ёри меҳрубон осудаем,
Гар набошад мушку анбар дар ҷаҳон, осудаем [34, 130].

***

Чун хаёли ту зи пешам нафасе холӣ нест,
Шармам ояд, ки шикоят кунам аз танҳоӣ [34, 162].

Дар сайри олами ишқ шоирро биму хавфе фаро гририфтааст. Хавф тарс ва бимест, ки солики роҳ аз Ҳақ дар дил дорад ва Ҳумом ҳам аз надим ва ҳамдами худ мехоҳад дар ҳангоми субҳ ҷоми бодаро пеш оварад, то ӯ бо нӯшидани бода аз худ бехуд шуда, тарсу бимро фаромӯш кунад. Мавлавӣ мегӯяд:

Май деҳ газофа, соқиё, то кам шавад хавфу раҷо,
Гардан бизан андешаро мо аз куҷо ӯ аз куҷо [34, 127].

Ҳумом хитобан ба Маъшуқи азалӣ мегӯяд, ки агар дар ин боғу гулистоне, ки ҳастем, нури таҷаллии худро ба мо нишон надиҳӣ, дар саройи қиёмат касе биҳишти аълоро аз ҷаҳаннами сӯзон боз намешиносад. Пас, аз ёр мехоҳад барои гашту тамошо ба бӯстон биёяд, то бо дидори ӯ аз ошиқонаш бонгу фарёд баланд шавад. Ӯ дар хитоб ба маҳбуб мегӯяд, ки ҳусну зебоии ин олам ба хотири туст, зеро дар ҳар куҷо акси рӯй ту меафтад, дар он замин ҷуз гули лолаву арғавон нарӯидааст. Ҳатто, агар дар дашту биёбони сӯзон гузар кунӣ, ба ҷой хори мағилон, гули сурху арғавон мерӯяд:

Агар дар равза нанмоӣ ба мо нури таҷаллоро,

Зи дӯзах боз нишносад касе фирдавси аълоро [34, 49].

***

Чун тамошоро дарой, эй нигористон, ба бустон,

Наъраҳои ишқбозон аз гули хандон бароянд [34, 103].

***

Назарҳо маҳрами рӯят набуданд,

Ба муштоқон намудорӣ намуданд,

Чу бар обу гил омад акси рӯят,

Даре аз ҳусн бар олам кушуданд.

Зи гил гулҳо гуногун мебаромад,

Ки дилҳо аз латофат мерабуданд [34, 91].

Ҳумом бар он бовар аст, ки таҷаллии нури Ҳақ дар ҳар як зарроти ҳастӣ ҷилвагар аст. Ва ин нур аз ҳама бештар дар одам, ки ашрафи махлуқот аст, дида мешавад. Ӯ ишора ба руҳ карда, мегӯяд, ки аз олами улвӣ ба олами сифлӣ омад ва дар байни чаҳор унсур – бод, хок, об, оташ асир шуд. Ва мудом мекӯшад, то ки аз ин зулмат раҳо шуда, ба асли худ баргардад. Ғазали зер дорои чунин маъност:

Султони ҷон зи олами улвӣ нигоҳ кард,

Баҳри шикор рӯй бад-ин домгоҳ кард.

Омад ба банди чор табоеъ асир шуд,

Бар хеш айши олами улвӣ табоҳ кард.

Чун муддате ба олами сифлӣ биёрамид,

Руҳро зи дуди олами сифлӣ табоҳ кард.

Пас, нафси тирашакл зи рӯйи муносибат

Пайванди ҷон гузид чу дар вай нигоҳ кард.

Бо ҷон, ки нафс ёфт маҷоли бародарӣ,

Чун Юсуфаш ба макр гирифтори чоҳ кард.

Тавфиқ даррасид зи чоҳаш халос дод,

Бозаш ба Мисри олами ҷон подшоҳ кард [34, 83].

Баъзан мешавад, ки шоир сӯзу гудозашро мустақиман, бевосита ба Маъшуқ мегӯяд ва дар миёни ӯ ва Маъшуқ касе миёнҷӣ нест. Дар ғазали поён шоир мегӯяд, ки аҳли дил, яъне соликони роҳи Ҳақ дар ҷустуҷӯи ӯ ҳастанд ва ба ӯ расидан мехоҳанд. Вале зоҳидон роҳу равиши ин тоифаро камтар медонанд ва ба онҳо халал мерасонанд:

Аҳли дил дар талаби ишқи Ту саргардонанд,

Зоҳидон шеваи ин тоифа камтар донанд [34, 95].

Шоир андеша дорад, ки сирру асрори Илоҳиро ба омӯхтан ва илму далел исбот кардан ғайриимкон аст. Барои ба ин роҳ рафтан шавқи руҳонӣ, муҳаббати қавӣ даркор аст:

Завқ омӯхтанӣ нест, ки он ваҷдонист,

Уқало ҷумла дар ин кор фурӯ мемонанд [34, 95].

Соликони роҳи Ҳақ хеле зиёданд, лекин мисли Ҳумом шефта ва шайдо кам аст:

Инчунин маст, ки моем зи хумхонаи Дӯст,

Ҳама хоҳанд, ки бошанд, вале натвонанд [34, 95].

Аз таҳқиқи ишқ дар ғазалҳои шоир маълум мешавад, ки шоири ориф ягона роҳи расидан ба ҳадафро дар ҷодаи ишқ ҷонисорӣ дар роҳи маъшуқ медонад. Албатта, ин гуна ғазалҳои ошиқона, касеро, ки дар дил андак завқ дорад, ҳатман ба шавқ меорад ва ӯро ба андеша кардан водор мекунад. Сабаб дар он аст, ки дар ин гуна ғазалҳо ошиқ мустақиман ба Маъшуқ роз мегӯяд. Дар аксари ғазалҳояш Ҳумом бевосита ба Маъшуқ муроҷиат карда, арзи ниёз ва орзумандӣ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ошиқ дар фироқи Маъшуқ бояд камтар аз парвона насӯзад.

Ҳамчунин, ишқе, ки Ҳумом аз он сухан кардааст, ҷанбаи хеле қавии ахлоқӣ дорад ва ӯ хостааст дар партави чунин ишқи бебоку беолоиш коми дилро ҳосил кунад. Дар ҳеч байте аз ғазалҳои шоир ба тариқати муайяни тасаввуфи ӯ ва пиру муршидаш ишорае нашудааст.

## 2.3. Мадҳ дар ғазал

Ғазал то шакли такомулёфтаи замони Ҳумомро гирифтан аз назари шакл се марҳалаи куллиро пушти сар гузоштааст. Аз сӯи дигар, муҳтаво ва мазмуни ғазал, ғолибан, дар зикри зебоиҳои маъшуқ, ситоиши ӯ ва ғайра будааст. Аммо ба мурури замон, мазомини мадҳӣ, таълимӣ, ирфонӣ ва ғайра дар ғазал ворид шуд. Ботадриҷ, муҳтавои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, бавижа, мазомини интиқодӣ ва эътирозӣ низ дар миёни мазомини ғазал ҷой барои худ боз кард ва доираи мазомини ғазал густурдатар шуд. Аз ин рӯ, вобаста ба навъи мазмуни бакоррафта дар ғазал, гунаҳои мутафовите аз он, аз ҷумла, ғазали мадҳӣ, ғазали интиқодӣ ва ғазали таълимӣ шакл гирифт, ки дар ин қисмати кор дар хусуси ғазалҳои мадҳии шоир баҳс мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ашъори мактуби дар дастрас ва назароти гуногуни муҳаққиқон, собиқаи мадҳ дар шеъри форсӣ ба қарнҳои IX ва X мерасад ва мадҳ аксаран дар қасида матраҳ мешудааст.

То кунун пажуҳиши густарда ва комиле доир ба сайри ғазали мадҳӣ анҷом нашудааст. Аммо дар бораи танаввуъи мазмун дар ғазал, ба таври куллӣ ва дар ғазали Ҳофиз, ба таври хосс, пажуҳишҳое сурат гирифтааст. [166].

Дар бораи мадҳ дар ғазал ва басомаду собиқаи он низ муҳаққиқон назари мухталиф доранд ва аксаран Ҳофизро мубдеъи чунин ғазал донистаанд [166]. Саййиди Ҳамидиён дар мақолае бо унвони «Баҳсе дар сохтори ғазали форсӣ», бо таҳлил ва баррасии ғазал, аз қарни XII то замони Ҳофиз, ба ин натиҷа расид, ки танаввуъи мазмун, махсусан, истифодаи мадҳ дар ғазал дар абёти ғазали Ҳофиз ҳалқае аз занҷираи суннат аст ва ба якборагӣ дар ғазал ба вуҷуд наомадааст, ки битавон онро мухтасси Ҳофиз донист, балки ин вижагӣ аз ҳудуди садаи XII кам-кам поягузорӣ шуд ва дар садаҳои XIII-XVI мушаххасоти бештаре ёфт.

Сируси Шамисо дар китоби «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ» муътақид аст, ки Хоқонӣ, зоҳиран, аввалин касест, ки ба сурудани ғазали мадҳӣ иқдом кард [180, 130]. Аммо таҳқик ва мутолиаи девони шоирони барҷастаи XII-XIV,

аз ҷумла, Саноии Ғазнавӣ, Анварии Абевардӣ, Ҷамолуддин Абдуррзоқи Исфаҳонӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ ин масъала рад шудааст. Донишмани Эрон Тоҳира Эшонӣ мақолае дорад таҳти унвони «Сайри ғазали мадҳӣ дар адаби форсӣ (аз Саноӣ то Ҳофиз)» ва дар он ҷо ба сароҳат исбот мекунад, ки аввалин касе, ки ғазали мадҳӣ суруд, Саноӣ буд [193, 7].

Дар ғазали мадҳӣ шоир гоҳ мамдуҳ ва гоҳ низ ҳунари ғазалсароии хешро мадҳ мекунад. Чунин ғазал бо мавзуи мадҳи мамдуҳ аввалин бор дар девони Саноӣ мушоҳида шуд. Метавон гуфт аз он ҷо, ки Саноӣ дар ибтидои шоирӣ, қабл аз таҳаввули руҳӣ ва рӯй овардан ба ирфон ва тасаввуф, маддоҳи ҳокимони вақт буд, мазмуни мадҳ ва ситоиши мамдуҳро дар ғазал ба кор бурд:

Хусрави Мозандарон ояд ҳаме,
Ё Масеҳ аз осмон ояд ҳаме.
Ё зи баҳри маслиҳат руҳуламин,
Сӯи дунё з-он ҷаҳон ояд ҳаме.
Ё Сикандар бо бузургони Ироқ,
Сӯи Шарқ аз Қирвон ояд ҳаме.
Реги Омуву дарози роҳи ӯ
Зери помон парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Асби моро то миён ояд ҳаме.
Ранҷи ғурбат рафту тимори сафар,
Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Ин аз он вазн асту гуфта Рӯдакӣ:
Ёди ҷӯи Мулиён ояд ҳаме [11, 461].

Баъд аз Ҳаким Саноӣ Анварӣ низ ғазали мадҳӣ суруд, ки намунаи боризи он ғазали зер аст:

Маро вақте хуш аст имрӯзу ҳоле,
Қадаҳҳо пур кунеду ҳуҷра холӣ.
Кӣ донад, то чӣ хоҳад буд фардо?

Бизан руду биёвар бода ҳолӣ.

Гаҳе дилсӯзтар аз рӯзи ҳиҷрон,

Майе хуштар зи шабҳои висолӣ.

Зи табъи худ нахоҳад гашт гардун,

Агар з-ӯ шукр гӯйӣ ё биналӣ.

Қадаҳ бар дасти ман неҳ, то бинӯшам

Ба ёди Маҷдудин Зайнулмаолӣ [3, 156].

Пас аз Анварӣ ғазали Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурразоқи Исфаҳонӣ низ шоистаи таваҷҷуҳ аст. Метавон гуфт, ки беш аз 99 дарсад аз ғазалёти ӯ мазмуни ошиқона дорад ва теъдоди ангуштшуморе дорои мазомини мадҳист. Нуктае, ки дар бораи ғазалиёти мадҳии ӯ бояд гуфта шавад ин аст, ки ғазали зерини шоир, ки мо матлаи онро меорем, бо тавсифи табиат ва рӯзи базму шодӣ дар фазои табиат оғоз мешаванд ва шоир фақат дар мисраи охир ишораи кӯтоҳе ба мамдуҳи худ ва мадҳи вай кардааст: гоҳ мамдуҳро «шоҳ» ё «малик» мегӯяд ва гоҳ низ номи вайро меорад. Барои мисол, дар ғазале бо матлаи зайл:

Абри Наврӯз зи ғам рӯйи ҷаҳон мешӯяд,

Боз ҳар дилшудае дилбари худ меҷӯяд [193, 4].

Шоир пас аз тавсифи баҳор ва зебоиҳои он дар чанд байт, абёти зайлро ба сурати мадҳ месарояд:

Гул чу ман мадҳи малик гуфту даҳан пурзар кард,

Лола, бингар, ба ҳасад рӯй ба хун мешӯяд.

Ҳар шабе булбули сармаст бӯяд ғазале,

То чу ман фардо дар пеши малик мегӯяд.

Шоҳи ҷаҳонбахши ҷаҳонгир Ҳисомуддин он-к,

Ки сӯи даргаҳаш иқбол ба сар мепӯяд [193, 4].

Дар ғазалҳои Хоқонӣ низ мазомини мадҳӣ сароҳатан дида мешавад. Дар ғазали зайл бо истифода аз истилоҳот ва вожаҳои хосси ирфонӣ рангу бӯи ирфонӣ ба ғазал додааст, вале ба шеваҳои нав ин мазмунро ба мадҳи зимнии мамдуҳ марбут кардааст:

То маро савдои ту холӣ нагардонад зи ман,

Бо ту наншинам ба коми хештан бе хештан.

Хори пойи худ манам, худро зи худ фориғ кунам,

То дуӣ як сӯ шавад, ҳам ман ту гардам ҳам ту ман.

Боқӣ он гоҳе шавам к-аз хештан ёбам фано,

Мурда акнунам, ки нақши зиндагӣ дорам кафан ...

Солҳо шуд, то дили ҷонпоши азрақпӯши ман

Муътакифвор андар он зулфи сиях дорад ватан.

Аз дари ту барнагардам гарчи ҳар шаб то ба рӯз,

Посбонон бинам он ҷо анҷуман дар анҷуман.

Дар азал бар ҷони Хоқонӣ ниҳодӣ муҳри меҳр,

То абад бе рухсати Хоқони Акбар бар макан [193, 4].

Гузашта аз ин, дар аксари ғазалҳои Хоқонӣ байти фахр вуҷуд дорад, ки он низ як навъ мадҳ дар ғазал ҳисоб мешавад.

Шайх Аттори Нишопурӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ ғазали мадҳӣ надоранд. Дар ғазалҳои мадҳӣ гузашта аз он, ки шоир ин ё он нафарро мадҳ мекунад, ҳамчунин, ба мадҳ ва ситоиши худу ашъори худ низ даст мезанад. Ин гуна ғазалҳо ва байтҳои мадҳиро бештар дар ашъори Хоқонӣ мебинем. Дар воқеъ, Хоқонӣ аввалин шоирест, ки ошкоро шеъри худро сутудааст ва шоирони шаҳире, ба монанди Саъдӣ ва Ҳофиз ба пайравӣ аз ӯ ба барҷаста кардани ҷойгоҳи шеъри худ иқбол нишон додаанд. Саъдӣ ва сипас Ҳофиз низ, ҳамчун Хоқонӣ, охирин байт ё чанд байти охири ғазалро ба ситоиш ва таъриф аз ғазали хеш ихтисос медиҳанд.

Саъдӣ ҳам, ки дар сурудани ғазали ошиқона саромади шоирон аст, ба ғазали мадҳӣ таваҷҷуҳ нишон додааст. Аммо ин гуна ғазалиёти ӯ сирфан мадҳӣ нестанд, балки ӯ мадҳ ва ситоиши мамдуҳ ё ситоиши сухани хешро дар таркиб бо мазмуни ошиқона ба кор бурдааст. Барои мисол, дар ғазали ошиқонаи мадҳии зайл, пас аз абёти ошиқона, сухани худро меситояд:

Ҳар кӣ хасм андар ӯ каманд андохт,

Ба муроди вайаш бибояд сохт.

Офарин бар забони ширинат,
К-ин ҳама шӯр дар ҷаҳон андохт [55, 30].

Ғазали Ҳофизро, ки дар авҷи танаввуъи мазмун қарор дорад, метавон маҷмуае аз кулли ғазалиёти шоирони мазкур донист. Ӯ илова бар ғазали чандмазмунӣ, ғазали такмазмунӣ бо мазомини ирфонӣ, қаландарӣ, мадҳӣ ва ғайра низ сурудааст.

Намунае аз ғазалиёти мадҳии Ҳофиз:

Хусраво, гӯйи фалак дар хами чавгони ту бод!
Соҳати кавну макон арсаи майдони ту бод!
Зулфи хотуни зафар шефтаи парчами туст,
Дидаи фатҳи абад ошиқи ҷавлони ту бод!
Эй ки иншои Уторид сифати шавкати туст,
Аҷли кул чокари туғрокаши девони ту бод!
Тираи ҷилваи тубо қади чун сарви ту шуд,
Ғайрати хулди барин соҳати бӯстони ту бод!
На ба танҳо ҳаявоноту набототу ҷамод,
Ҳар чӣ дар олами амр аст, ба фармони ту бод! [56, 452].

Теъдоди ғазалиёти мадҳии Ҳофиз беш аз шоирони дигар аст ва шояд ба ҳамин далел аст, ки иддае муътақиданд, ки ғазали мадҳӣ аз ибдооти Ҳофиз будааст. Ҳол он, ки бо баррасии девони чанд тан аз шоирони барҷаста аз замони шаклгирии ғазал ба сурати такомулёфта то замони Ҳофиз, ба яқин метавон гуфт, ки Ҳофиз мубдиъи ғазали мадҳӣ набуда ва сурудани чунин ғазал дар воқеъ бо Саноӣ оғоз шудааст. Ҳарчанд, набояд фаромӯш кард, ки Ҳофиз беш аз соири шуарои пеш аз худ ба корбасти мадҳ дар ғазали хеш таваҷҷуҳ нишон додааст.

Қисме аз сурудаҳои Ҳумомро ғазалҳои мадҳӣ ташкил медиҳад, ки аз рӯйи ихлос ба ин ё он давлатмард ва ашхоси маъруфи давраи худаш суруда шудаанд. Тавре дар боби якуми диссертатсия ишора намудем, Ҳумом ба подшоҳон, вазирон ва амалдорони Элхонӣ унсу улфат дошт ва пайваста мавриди эъзозу қадрдонии онҳо буд. Аз ин сабаб, баъзе аз афроди ин хонадонро гузашта аз

маснавиҳо, дар баъзе аз ғазалҳояш низ сутудааст. Мадҳи Ҳумом барои сила ва тамаъ набуда, баъзе афродро аз рӯйи ихлос ва қадрдонӣ ситудааст. Масалан, ғазали зер комилан дар мадҳи Шарафуддини Ҳорун навишта шудааст:

Хона имрӯз биҳишт аст, ки Ризвон ин ҷост.
Вақти парвардани ҷон аст, ки ҷонон ин ҷост.
Нест моро сари бустону раёҳин имрӯз,
Наргиси масту гулу сарви хиромон ин ҷост.
Хабаре аз дили зоеъшудаи зиндонӣ
Боз пурсед, ки он сарви хиромон ин ҷост.
Ман зи ғайрат шавам оташкадае, гар ёбад
Огаҳӣ Хизр, ки Искандари хубон ин ҷост.
Шаккар аз Миср ба Табрез маёред дигар,
К-он шакарро чӣ маҳал, ин шакаристон ин ҷост?!
Ҳар кӣ ӯро адаби маҷлиси шоҳон набувад,
Гӯ, бад-ин дар магузоред, ки султон ин ҷост.
Бандагиро камар имрӯз бибандед ба ҷон,
Чун набандем миён? Юсуфи даврон ин ҷост.
Чашму абрӯйи ту карданд ишорат ба Ҳумом,
Ки аз ин ҳусну малоҳат бигузар, кон ин ҷост.
Моҳ худ кист, надорам сари хуршеди фалак,
Сояи лутфи Худо, руҳу дилу ҷон ин ҷост [34, 67].

Ғазалҳои мадҳӣ, ки аз оғоз ба мадҳ мепардозанд, мисли қасидаи муқтазабанд. Ҳумом дар ин навъи ғазалҳо монанди дигар шоирони маддоҳ аз аввал ба мадҳи мамдуҳ мепардозад, бо иғроқ ӯро таҳсин мекунад, мақоми волояшро баён мекунад. Аз буданаш изҳори хурсандӣ мекунад, аз рафтанаш ғамгин мешавад. Ҳар чӣ хуб аст, барояш орзу мекунад ва гоҳе низ мамдуҳро иршод мекунад. Ғазалҳои мадҳии Ҳумом аз рӯйи сохтор устухондбандии хоссе надоранд, аммо хусусиятҳои ғазалро пурра доранд. Тавре дар ғазали фавқ мушоҳида шуд, шоир аз оғози он ба мадҳ рӯй овардааст. Таъбироти мадҳӣ дар ҳамаи он оварда шудаанд.

Дар девони Ҳумом ғазали мадҳии дигаре вуҷуд дорад, ки ба мадҳи яке аз давлатмардони замони худ бо номи Ғиёсуддин навишта шудааст.

Аҷаб бошад тан аз ҷон офаридан,
Зи гил хуршеди тобон офаридан.
Миёни чашмаи хуршеди тобон
Лабе чун оби ҳайвон офаридан.
Биҳиште бар сари сарви хиромон
Барои назҳати ҷон офаридан.
Даҳони писта додан одамиро,
Забонаш шаккаристон офаридан.
Миёни заррае ёқути аҳмар
Зи дурр (р) сиву ду дандон офаридан.
Ба зери ғамзаҳои чашми ҷоду
Ҳазорон сеҳру дастон офаридан.
Зи рӯи нозанину холи мушкин
Ба як ҷо куфру имон офаридан.
Зи шаб бо рӯз рӯшан соябоне,
Зи мӯю рӯи ҷонон офаридан.
Аҷибтар з-ин бигӯям чист, донӣ?
Чу шоҳ аз навъи инсон офаридан.
Ғиёсиддин, ки чун ӯ подшоҳе
Нахоҳад низ Яздон офаридан.
Таъоло подшоҳе, к-ӯ тавонад,
Аз инсон мисли эшон офаридан [34, 137].

Мадҳу ситоиши мамдуҳ дар ин ғазалҳои Ҳумом фарогири мавзуоте монанди ҷалолу шукуҳ, ҳашмату виқор, салобату сарбаландӣ, адлу дод, ҷасорату далерӣ, ҷуду саховат ва дигар сифоту хисоли шоистаи инсонӣ мебошад, ки аз тариқи онҳо шоир василаи муроҷиати худ ба мамдуҳро фароҳам меоварад.

Тавре болотар зикр шуд, дар ғазалҳои мадҳӣ гоҳо шоир ба мадҳу ситоиши худ низ иқдом мекунад. Ин гуна мадҳҳо дар девони Ҳумом низ ҷой дорад, ки онҳо байти фахрии ғазал мебошанд ва ба ғазали мадҳӣ дахл надоранд. Масалан, шоир мегӯяд:

Ғазале лоиқи самъат набувад в-ар бошад,
Ҳам ғазалҳои Ҳумом ибни Алои ту бувад [34, 97].

***

Ҳумом андар ғазал дур мечаконад,
Зи ту боре кам аз таҳсин набошад [34, 86].

Дар хусуси абёти фахрӣ дар ғазал профессор Б. Мақсудзода мақолаи алоҳидае дорад ба унвони «Фахр дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ» [108, 59-64], ки хонанда аз он дар ин хусус маълумоти зиқиммате мегирад.

Бо баррасии девони шоирони барҷаста, ба мисли Саноии Ғазнавӣ, Анварии Абевардӣ, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурразоқи Исфаҳонӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ метавон гуфт, ки Саноӣ илова бар ин, ки дар ғазали хеш мафоҳими ирфонӣ ва қаландарӣ дорад, ғазали мадҳӣ низ сурудааст. Теъдоди ин ғазалҳо ҳарчанд андак аст, наметавон аз онҳо чашм пӯшид, зеро дар баррасии чунин ғазале вуҷуди ҳатто рагаҳое аз он аҳаммияти зиёде дорад, ба тавре ки метавон Саноиро мубдиъи ғазали мадҳӣ ба шумор овард. Дар девонҳои Анварӣ ва Ҷамолуддин ҳам ғазали мадҳӣ ангуштшумор мушоҳида мешавад. Аммо Аттор ва Мавлавӣ, ки диди комилан ирфонӣ дар ашъори хеш доштанд, ғазали мадҳӣ насароидаанд. Дар баррасии ғазалиёти Хоқонӣ низ чунин ғазале мушоҳида мешавад. Зимни ин, ки метавон гуфт Хоқонӣ барои нахустин бор мазмуни «ситоиши ғазали хеш» бо дигар мазомин ҳамроҳ кардааст ва пас аз ӯ Саъдӣ ва Ҳофиз ба мадҳ ва ситоиши шеъри худ иқбол нишон додаанд. Саъдӣ на ба сурати комилан мадҳӣ, балки дар таркиб бо соири мазомин аз мазмуни мадҳӣ дар ғазал баҳра бурдааст. Ҳофиз низ, ки ҳам дар сурудани ғазалёти чандмзмунӣ ва ҳам дар ғазалиёти мадҳӣ саромади шоирон аст, ин мазмунро фаровон ба кор бурдааст. Метавон гуфт, ки ғазали мадҳӣ бо Саноӣ оғоз шуд,

дар девонҳои Хоқонӣ ва Саъдӣ кам-кам шакл гирифт ва дар ғазали Ҳофиз корбурди васеъ ёфт, бино бар ин, наметавон Ҳофизро мубдиъи ғазали мадҳӣ донист [193, 8].

Ҳамчунин, дар ҷамъбасти ин қисмати кор чунин натиҷа гирифта мешавад, ки ғазали мадҳӣ аз Саноӣ шуруъ шуда, нуқтаи баланди он ғазалҳои Ҳофиз мебошад. Дақиқ шуд, ки Ҳофиз мухатареи ин навъи ғазал набуда, балки пеш аз ӯ низ ин навъи ғазал собиқа ва басомади фаровоне доштааст. Аз таҳлили ғазалҳои мадҳии Ҳумом чунин натиҷа ба даст меояд, ки ӯ ҳам ба мисли дигар ғазалсароёни аҳди классикии мо ин мавзуъро дар ғазал матраҳ карда, ақида, оро ва андешаҳои худро хуб, расо ва бо лафзи ширин ба мамдуҳ расонидааст.

## 2.4. Афкори дидактикии шоир

Дигар аз паҳлуҳои муҳимми мундариҷаи ғоявии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ мавҷудияти афкори ахлоқӣ ва тарбиятӣ дар ғазалҳои ӯ мебошад. Тавре дар боло ишора шуд, дар ғазал ба ҷуз ишқ, мавзуъҳои дигар низ корбаст мешаванд ва Р. Мусулмониён доир ба ин ҷанбаи ғазали форсии тоҷикӣ гуфтааст: «...мавзуи марказии ғазал ишқу музаббат, тараннуми ҳусну ҷамоли маъшуқа ва изҳори садоқати самимии қаҳрамони лирикӣ мебошад. Аммо мавзуъҳои дигар ҳам дар ғазал кам нест. Яке аз мавзуъҳо, ки дар ғазал анъана дорад, панду насиҳат мебошад» [117, 173]. Ғазалҳои мазмуни тарбия ва насиҳатдоштаи Ҳумом, асосан, барои ислоҳ ва пок кардани ахлоқи аҳли ҷомеа нигошта шуда, шоир дар ин навъи ғазалҳо кӯшиш кардааст, ки ҳам ба мавзуъ ва ҳам ба тарзи ифодаи баён таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунад.

Дар ғазалҳои дидактикии Ҳумом андешаҳои фалсафӣ, ваъзу насиҳат, сабру шикебоӣ, шукру қаноат, раҳнамоии инсонҳо ба самти хулқи шоиставу писандида тавассути панду андарз, ба зери тозиёнаи танқид гирифтани як қатор хислатҳои кареҳи инсонӣ ва хулқу атвори зишт, аз қабили ғуруру такаббур, бадгӯиву дурӯғ, тамаъкорӣ, бухлу кинаварзӣ, дуздӣ, бешармӣ, зулму золимӣ ва ғайра мазаммат шудааст.

Дар ҷаҳонбинии ахлоқии Ҳумом тарбияти шахсии инсон мақоми намоён дорад. Шоир дар ин маврид гаштаву баргашта таъкид мекунад, ки инсон, қабл аз ҳама, бояд бар худ нигарад ва қалби худро аз нопокиҳо ва олоишоти ғайриинсонӣ пок намояд ва зикр мекунад, ки насиҳати маро гӯш намоед ва барои дӯстонатон ба манзилаи оинае бошед:

Насиҳатам биниюшеду ҳеч нагзоред,
Ки дӯст оина наздики хештан дорад [34, 81].

Дар ин байти Ҳумом ҳамон ҳикмати машҳури халқ – «дӯстон оинаи якдигаранд» нуҳуфтааст. Ошноии Ҳумом бо фарҳанг ва маорифи исломӣ ҷилвае хоссе ба осори вай бахшидааст. Ӯ ба унвони як хирадманд ва як муаллими ахлоқ ба мисли ҳамзамонаш Саъдӣ ба баррасии ахлоқ ва нақши он

дар муносиботи инсонӣ ва иҷтимоӣ мепардозад. Гоҳ ин шоири ғазалсаро чун як ҷомеашиноси жарфандеш ба таҳлил ва тавсифи рафторҳои иҷтимоии инсон мепардозад. Шоир барои инсонҳо таъкид мекунад, ки ягона роҳи саодат ва раҳоӣ аз зулм, бадхӯйӣ ва хасоили бад омӯзиши илм ба шумор меояд:

Маталаб дониш аз кас, ки ба оби дида
Шуста бошад вараҳи дафтари доноиро [34, 60].

Дар ҷаҳонбинии суфиёнаи шоир чунин матраҳ аст, ки чун оқибати кори инсонҳо аз ҳам ҷудо шудан ва аз ҳам буридан аст, аз ин рӯ, набояд ба касе эътимод кард:

Чун оқибат зи суҳбати ёрон буриданист,
Пайванд бо касе накунад, ҳар кӣ оқил аст [34, 70].

Дар баъзе аз ғазалҳо ӯ лаб ба маъвиза ва андарз мекушояд ва дар ин гуна ашъор вай танҳо як мавъизакунанда ё тавсиягар нест, балки саъй дорад, ки мафоҳими зебои ахлоқиро бо такя бар қудрати ақлонӣ ва маънавии инсонҳо мавриди арзёбӣ қарор диҳад ва роҳро барои сохтани инсонҳои намуна ва хушахлоқ кушода месозад ва зикр мекунад, ки одами оқил набояд ба дунё ва зебоиҳои дилфиребы он фирефта шавад ва кори омӯзишу таълимро ба таъхир гузорад:

Дилро шикори ишвагаҳи ин ҷаҳон макун,
Чун бар касе ниҳони ҷаҳон ошкор нест.
Дунё занест зонияи шӯйкӯш, к-аз ӯ,
Касро зи хубу зишт ба ҷон зинҳор нест.
Бо он ки нобакории ӯ ҷумла дидаанд,
Худ кист он ки фитнаи ин нобакор нест.
Хобест умру ҳамчу хаёлест давлаташ,
Хобу хаёлро бари умр эътибор нест.
З-абнои рӯзгор умеди вафо маҷӯ,
Бӯйи вафову аҳд чу дар рӯзгор нест.
Дигар зи ҷоми даҳр нанӯшам майи тараб,
Чун лаззаташ баробари ранҷи хумор нест [34, 52].

Ҳумом дар баёни баъзе аз масоили тарбиятӣ, чун таъсири авомили ирсӣ ва муҳит дар рафтори фард, нақши танбиҳ ва ташвиқ дар тағйири рафтори донишомӯз аз вазоифи муаллимон ва рисолати андешамандону доноёни ҷомеа дар таҳкими арзишҳои инсонӣ ва маънавӣ бисёр дақиқназарона бархурд менамояд. Илова бар таъсири муҳит ва варосат дар парвариши инсонҳо, ба омилҳои гуногуне, чун тафовутҳои фардӣ, тамоюлот ва хостаҳову ниёзҳои афрод ва таҷрибиёти гузаштаро низ муассир медонад.

Дар тарбияти ахлоқӣ, нақши мураббӣ хеле муҳим мебошад. Ба назари шоир, кори мураббӣ ин аст, ки ба фард кумак кунад, то худ батадриҷ хубу бадро ташхис диҳад, бо меъёрҳои ахлоқӣ шинос гардад, мизонҳои асосиро интихоб кунад ва амалан рафторҳои хешро бо ин мизонҳо ҳамоҳанг сохта, ба марҳалаи такомули руҳию маънавӣ ноил шавад:

Гарчи дорӣ барги бебаргӣ, мазан лоф аз фақир,
Ҳоли худ гӯяд, ки ҳастӣ беназар ё беназир.
Он кӣ дорад мояи маънӣ, зи даъвӣ фориғ аст,
Бӯйи хуш таъбир мефармояд аз мушку абир.
Ҳар сари мӯят сухан гӯяд чу дарбандӣ забон,
Ҳаст гӯёии хомӯшон бағоят дилпазир.
Чун сухан гӯянд пирони тариқат, гӯш бош,
То шавад ҷонат зи анвои маонӣ мустатир [34, 53].

Аз нигоҳи Ҳумом, ҳадафи асосии таълиму тарбият ин аст, ки инсон бояд он гуна тарбият шавад ва рушд кунад, ки битавонад хештанро идора намояд. Тақвияти ҷанбаҳои ақлонии шахсияти инсон, асосу поя ва ҳадафи тарбиятро ташкил медиҳад. Рушди отифӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто тарбияти динӣ ба таври густарда ва ҳамагонӣ дар сояи ҷанбаи ақлонии шахсият шакл мегирад. Шоир андеша дорад, ки инсон доим дар пушти забонаш пинҳон аст ва ҳамеша бояд кӯшиш намояд, ки хушсухан, зарофатгӯ ва покзабон бошад. Одам ҳамеша бояд дурандеш ва хомӯш бошад ва ҳар ҷо аз доноӣ дам назанад:

Дам мазан он ҷо зи доноӣ, ки бешармӣ бувад,
Гар занад дар ҳазрати симурғ гунҷишке сафир.

Чун дили бино надорӣ, раҳбари мардум машав,

Ақл хандад, чун далели корвон бинад зарир.

Дар сухан гуфтан гарат бошад фавоид, нарм гӯ,

Бонги беҳосил макун, ло хайр фӣ савти-л-ҳамир [34, 53].

Худованд барои ҳидояти инсонҳо ду ҳуҷҷат қарор додааст – ҳуҷҷати зоҳир, ки ҳамон анбиё ва ҳидояти эшон ва ҳуҷҷати ботин, ки ҳамон ақли боқудрат ва ташхисдеҳи одамӣ аст.

Ҳамчунин, Ҳумом дар ғазалҳои тарбиятии хеш бар парвариши руҳию равонии афрод ва нақши ақл дар такомули одамӣ бисёр таъкид дорад. Санги аввали таълиму тарбия дар вуҷуди инсон бояд аз хурдию ҷавонӣ гузошта шавад, чунки инсон дар ин син қодир ба азбар кардани тамоми хасоили инсонӣ мебошад. Ба андешаи шоир, агар ба касе дасти мадад ва ёрмандӣ дароз карда шавад, ӯ бояд бо рӯйи кушод ва бе минату подош анҷом шавад:

Дар ҷавонӣ аз ту ояд кори пирони ҳаким,

Гар кунад иршод нафси ҷоҳилатро ақли пир.

Нармхӯйӣ кун, ки чун сурат пазирад хӯйи нарм,

Дар қиёмат ҷомае бошад танатро аз ҳарир.

Бо маломат нон мадеҳ, к-аз туршии пешониат

Талх гардад дар даҳони дӯстон хурмову шир [34, 54].

Дар ҷамъбасти ин қисмат таъкиди ин нукта баҷост, ки Ҳумом орифи комил буд ва гузашта аз ғазалҳо, дар дигар анвои адабии мавҷуд дар девонаш масоили тарбия, ахлоқ ва омӯзишро матраҳ мекунад ва ҳамчу як пири барнодили рӯзгордида лаб ба насиҳат мекушояд.

Гузашта аз ин, шоир барои тарбият ҳадду марзи муайяне намегузорад, аммо таъкид мекунад, ки агар тарбият дар хурдӣ заминагузорӣ шавад, самараи хубе ба бор меорад.

Шоир дар тарбият, гузашта аз авомили ирсӣ, ҳамчунин, нақши танбеҳи нарм ва ташвиқу ҳавасманднамоиро низ зикр карда, аз таҷрибаи муаллимон ва баъзе аз таҷорибы ашхоси намуна ибратгириро низ таъкид мекунад.

## БОБИ III

## ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲУМОМИ ТАБРЕЗӢ

### 3.1. Устухонбандӣ

Дар адабиётшиносӣ то ҳол поэтикаи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Омӯзиши ҷиҳатҳои шаклии ғазалҳои шоир, аз қабили теъдоди абёт, ҷойи тахаллус, сохтор, вазн, қофия, радиф, саноеъи бадеӣ ва ғайра бори аввал дар диссертатсияи мо таҳқиқ мешавад.

Донишмандону сухансанҷони асримиёнагӣ ва муосир хурдтарин ҳаҷми ғазалро ду [153, 375] ва панҷ ва калонтарини онро то понздаҳ [18, 56] ва 25 байт муайян кардаанд [117, 170]. Ҳамчунин, А. Афсаҳзод дар рисолаи «Ҷомӣ – шоири ғазалсаро» зикр мекунад, ки дар тули асрҳо ғазал аз рӯйи ҳаҷм яксон набуда, ҳамеша тағйир меёбад: «Ҳарчанд арбоби таҳқиқ камтарин адади абёти ғазалро 5 ва аксари онро 15 гуфтаанд, ғазалҳои аз ин ҳаҷм хурдтар ва калонтар низ ба назар мерасад. Агар таърихи таҳаввули ғазалро аз ҳамин нуқтаи назар бисанҷем, ошкор мегардад, ки дар тули асрҳо ғазал аз ҷиҳати ҳаҷм ҳамеша тағйир пазируфта, дар аввал аз ҳайси камияти абёт ҳудуди он муайян нашуда, то охири асри XII ҳол ҳамин будааст» [68, 140].

Гузашта аз инҳо, донишмандоне, ки доир ба назарияи ғазали форсии тоҷикӣ таҳқиқ анҷом додаанд, архитектоникаву сохтори ғазалро гуногун шарҳ додаанд. Масалан, академик А. Мирзоев сохтмони ғазалро «мавҷудияти матлаъ ва мақтаъ бо тахаллус, ягонагии қофия ва алоқмандии мазмуни ишқу ошиқӣ» донистааст [111, 6]. Ба андешаи А. Мирзоев ғазал аз матлаъ, мақтаъ, радиф, қофия ва васфи ишқ иборат аст.

Ба андешаи А. Афсаҳзод: «сохт ва композитсияи ғазал ба адади абёти он, мавҷудияти матлаъ ва мақтаъ ва тахаллус, вазн, тарзи қофиябандӣ, радиф (ҳатмӣ нест), ки ҷиҳатҳои жанрии онро ифода менамоянд вобаста буда, адади байтҳо дарозӣ ва вазн паҳнои онро нишон медиҳад» [68, 139-140]. А. Афсаҳзод

бар иловаи ҷиҳатҳои жанрии дар боло зикршудаи ғазал адади абёт, вазн ва радифро аз хусусиятҳои он шумоaридааст. Р. Мусулмониён қонунияти усухонбандии ғазалро дар «робитаи мундариҷавии байтҳо бо ҳамдигар (қавӣ ва заиф), қофияи ягона, вазн» донистааст [117, 170].

Барои дарки дақиқи миқдори абёти ғазалҳои Ҳумом, агар ба ғазалиёти Саъдӣ, ки дӯст ва муосири Ҳумом аст, назар кунем, ба мақсад мувофиқ мебошад, чунки тавре профессор Б. Мақсудзода мегӯяд, 87% ғазалҳои Саъдӣ аз ҳафт то дувоздаҳ байт мебошанд [109, 445]. Профессор М. Низомӣ ҳангоми таҳқиқи ғазалҳои Аттор қавли мутақаддимин ва олимони мутааххирро дар хусуси ҳаҷми абёти ғазал овардааст [127, 35-44].

Ғазалиёти Ҳумом аз ҷиҳати шаклу сурат, вазн, қофия, радиф ва миқдори абёт ҳамон ғазали пешиниёнро мемонад. Аз 220 ғазале, ки аз ӯ ба мо расидааст, 1 ғазали дубайтӣ, 2 ғазали себайтӣ, 5 ғазали чорбайтӣ, 12 ғазали панҷбайтӣ, 13 ғазали 6 байтӣ, 43 ғазали ҳафтбайтӣ, 34 ғазали ҳаштбайтӣ, 70 ғазали нуҳбайтӣ, 14 ғазали даҳбайтӣ, 13 ғазали ёздаҳбайтӣ, 6 ғазали дувоздаҳбайтӣ, 2 ғазали сенздаҳбайтӣ ва 1 ғазали понздаҳбайтӣ мебошад.

Маълум шуд, ки аз рӯйи миқдори абёт ғазалҳои 9 байтӣ, 7 байтӣ ва 8 байтӣ дар ҷои якум, дуюм ва сеюм қарор доранд.

Аз ҷиҳати истифодаи тахаллус низ ғазалҳои Ҳумом ҷолиб мебошанд. Аз миёни ғазалҳои Ҳумом дар 145 ғазал тахаллус дар байти мақтаъ зикр мегардад. Дар 15 ғазали дигар тахаллус дар байтҳои пеш аз мақтаъ омада ва 50 ғазали дигар бе тахаллус буда, ду ғазал матлаъ надорад.

Ҳамчунин, ғазалро аз ҷиҳати сохтори бадеӣ ба навъҳои мусалсал, пароканда, воқеабанд, якпора ва даврӣ ҷудо мекунанд. Ин тарзи табақабандии ғазал дар кутуби назарии классикии мо ба мушоҳида намерасад. Ҳатто дар китобу мақолаҳое аз ҷониби Моили Ҳиравӣ [163], Сируси Шамисо [180], Дороюши Сабур [141] ва аз донишмандони мо А. Мирзоев [111], ки сирф ба назарияи ғазал бахшида шудаанд, ин навъи сохтори ғазалро мушоҳида намекунем. Ин тарзи табақабандии ғазалро бештар олимону муҳаққиқони рус, аз ҷумла, И. В. Стеблева [150, 169] ва М. Л. Рейснер [135, 241] таъйин кардаанд.

Аз донишмандони тоҷик Р. Мусулмониён дар китоби «Назарияи адабиёт» [117, 171-137], А. Афсаҳзод дар рисолаи «Ҷомӣ – шоири ғазалсаро», ғазалро аз ҷиҳати шаклу сохт ба пароканда ва воқеъабанд ҷудо кардаанд [68, 181]. Ҳамчунин, ин навъи тақсимбандии шаклии ғазалро дар таҳқиқоти М. Низомӣ низ мушоҳида мекунем [127, 34]. Р. Мусулмониён гарчанде, ки мустақиман аз ғазалҳои воқеъабанд, якпора ва даврӣ ном набарад ҳам, баъзе тавзеҳоти ӯ дар хусуси ин ғазалҳо ва мисолҳои овардааш ба сохту устухонбандии ин навъи ғазалҳо мутобиқат дорад [117, 171-137]. А. Мирзоев дар мақолаи ба ғазал бахшидаи хеш доир ба як навъи ғазал – ғазали даврӣ баҳс карда, мавқеи онро дар девони Анварӣ таъйин мекунад, ки ақидаи ӯро поинтар мероем. Б. Мақсудзода ягона донишманде мебошанд, ки ҳини таҳқиқи сохтори шаклии ғазалҳои Фахруддин Ироқӣ доир ба чаҳор навъи номбурдаи ғазал андешаҳои назарии худро баён мекунад ва аз рӯйи ҳамин талабот ғазалҳои Ироқиро ба доираи таҳқиқ мекашад [109, 444-456], зеро навъи панҷуми сохтории ғазал, ки пароканда аст, дар байни ғазалҳои Ироқӣ ҷой надоштааст.

Мо низ ғазалҳои Ҳумоми Табрезиро аз рӯйи ҳамин сохтор таҳқиқ намудем. Мутолиаи пайвастаи девони Ҳумоми Табрезӣ нишон дод, ки чаҳор навъи сохтории ғазал – мусалсал, воқеъабанд, якпора ва даврӣ дар девони шоир вуҷуд дорад.

Мусалсал чунин навъи ғазал аст, ки дар он як мавзуи том аз аввал то охири ғазал риоя шуда ва байти мақтаъ, маъмулан, як навъ ҷамъбасткунандаи масоили матраҳ дар кулли ғазал мебошад. Яъне, дар ғазали мусалсал ҳар як байт ҳукми як ҷумларо дорад, аммо бо байтҳои дигари пас аз он омада як робитаи комили ҳиссӣ вуҷуд дорад. Агар байтҳои ғазали мусалсалро пасу пеш кунем, маъно низ халал меёбад. Профессор Б. Мақсудзода ҳангоми таҳқиқи ғазали мусалсал дар девони Ироқӣ чунин натиҷагирӣ мекунад: «...миқдори ағлаби ғазалҳои шоир аз ҷиҳати сохтори бадеӣ шомили навъи ғазали мусалсал мебошанд, ки дар пешиниёни Ироқӣ, аз ҷумла, Саноиву Аттор низ дида мешаванд. Дар чунин навъи ғазалҳо нақши мақтаъ ба ҳайси байти ҷамъбасткунандаи афкори шоир хеле муҳим мебошад» [109, 448]. Р.

Мусулмониён низ дар хусуси ғазали мусалсал гуфтааст: «Аз нуқтаи назари устухонбандӣ як навъи махсуси ғазал мавҷуд аст, ки онро ғазали мусалсал мегӯянд. Ин чунон навъест, ки дар он маънии байтҳо пай дар пай меояд, дар ғазал инъикоси воқеаи хурдеро мушоҳида кардан мумкин аст» [117, 334]. Дар ин таъриф қисмати «дар ғазал инъикоси воқеаи хурдеро мушоҳида кардан мумкин аст», марбут ба ғазали якпора аст, на мусалсал. Маълум мешавад, ки донишмандони мазкур байни ғазали мусалсал ва воқеъабанду якпора фарқ нагузоштаанд.

Ғазали зерини Ҳумом, ки онро ба ҳайси намуна меорем, мусалсал аст:

Мо ба дасти ёр додем ихтиёри хешро,
Ҳосиле з-ин беш надонистем кори хешро.
Бар умеди он ки рӯзе кори мо гирад барор,
Солҳо кардем зоеъ рӯзгори хешро.
Рехтӣ хуни дилам, шукрона бар ҷони ман аст,
Гар ту бар фитрок мебандӣ шикори хешро.
Хоки поят шуд вуҷудам то наёбӣ раҳмате,
Менишонам з-оби чашми худ ғубори хешро.
Акси рӯйи чун нигори худ бубин дар оина,
То бидонӣ қудрати суратнигори хешро.
Ҳаст хоки остонат саҷдагоҳи аҳли дил,
Саҷдаи шукре бикун парвардгори хешро,
Нест холӣ аз хаёли рӯйи ту чашми Ҳумом,
Боғбон бе гул нахоҳад ҷӯйбори хешро [34, 58].

Дар ғазали боло, пеш аз ҳама, санъати тазодд (**донем, надонем**), маҷоз (**Хуни дил рехтан ва хоки по шудан**), ташбеҳ (**ташбеҳи рӯй ба оина**) ва ғайра ба маҳорати комили шоирона истифода шудаанд. Ин ғазал комилан маънии ирфонӣ дорад ва шоири ориф тамоми ҳастии худро дар роҳи Маъшуқ фидо мекунад ва буду бошу бақои худро ба умеди лутфи Ӯ ҳавола мекунад. Байти мақтаи ғазал як навъ ҷамъбасткунандаи умеду орзуҳои шоир аст ва ӯ зикр мекунад, ки тавре боғбон ҷӯйбори худро бе гул намехоҳад, Маъшуқ низ барои

ошиқ лутфу иноятe қоил аст. Гузашта аз ин, ин ваҷҳи ғолиб ё летмотиви ин ғазал – ишқ ва гирифторӣ ба Маъшуқ мебошад ва силсилаи маъноии миёни абёти ғазал чунон мустаҳкам аст, ки бо пешу қафо кардани абёти он саросари матни ғазал тағйир меёбад. Ҳамин мавзуи ишқ ва завқёбӣ аз бодаи аласт дар кулли ғазалҳои ирфонии шоир, ки аксаран мусалсаланд, дида мешавад:

Соқӣ, биёр бода, ки аз маҷлиси аласт
Моро ҳанӯз мастии як ҷуръа дар сар аст.
Менашканам аз майи дунё хумори хеш,
Моро шароб аз лаби майгуни дилбар аст.
Ҷоми ҷаҳоннамойи илоҳист сураташ,
Инсоф медиҳанд назарҳо, ки мазҳар аст.
Бо оқилон бигӯ, ки асҳоби ишқро
Завқ аст раҳнамой, на андеша раҳбар аст.
Дар тангнои лафз нагунҷад баёни завқ,
З-он сӯй ҳарфу савти мақомот дигар аст.
Чун чашми масти ёр диҳад май ба ошиқон,
Кай дар миён маҷоли суроҳию соғар аст?!
Ҷони Ҳумомро нафаси субҳу бӯи дӯст
Парвардаанд, з-он нафасаш руҳпарвар аст [34, 31].

Аз рӯйи сохтор ғазали боло низ мусалсал аст ва ягонагии мавзуъ аз аввал то охири он риоя шудааст. Таҳқиқи ин навъи ғазал дар девони шоир маълум сохт, ки аксари ғазалҳои шоир аз ҳамин навъанд.

Навъи дигари ғазалҳои мавҷуд дар девони Ҳумом ҳукми ғазали воқеъабанд ё қитъабандро доранд. Воқеъабанд чунин навъи ғазал аст, ки дар он ду ё се мавзуъ пайи ҳам меоянд. Дар ғазалҳои воқеъабанд нимаи аввали ғазал як мавзуъ ва нимаи дувуми он мавзуи дигарро дар бар мегирад:

Навбаҳору бӯи зуфли ёру анфоси насим
Аҳли дилро медиҳад пайғоми ҷанноти наъим,
Субҳ сар барзад зи Машриқ, бода пеш ор, эй надим,
Як замонам бехабар кун, то кай аз уммеду бим.

Мурғ гӯё гашт, мутриб, гӯ навои хуш бизан,
Ёд деҳ моро вафои ёру паймони қадим.
Ҳар гаронҷоне нашояд маҷлиси асҳобро
Ё малеҳе шанг бошад, ё сабукруҳе надим.
Дар чунин мавсим, ки гулҳо хайма бар саҳро заданд,
Гар даруни хона биншинӣ, бувад айбе азим.
Васли ҷононро ғанимат мешумор фасли баҳор,
Фурсате, к-аз даст шуд, натвон харид ӯро ба сим.
Олами ҳусну малоҳат нест ин майдони хок,
Хор мемонад ба ҷову гул намемонад муқим.
Баъд аз ин мову гулафшону самову рӯи дӯст.
Кӯси ишқи шоҳидон натвон задан зери гилем.
Суҳбати хубон набошад бемаломат, эй Ҳумом,
Муддаиро гӯ, ки аз ҷоҳил намеранҷад ҳаким [34, 130].

Дар ин ғазал ду мавзуъ – тавсифи баҳор ва ғанимат донистани умр матраҳ мешавад. Дар панҷ байти аввал шоир ба тавсифи баҳору хушгузаронӣ дар ин мавсим, шукуфоии гулҳо ва лаззат бурдан аз накҳати онҳо зикр шуда, дар чаҳор байти охир бо ғанимат донистани умр, муҳтарам донистани васли ҷонон ва будан бо дӯстонро матраҳ кардааст.

Дар девони Ҳумом аз рӯйи сохтор ғазалҳои якпора низ дида мешаванд. Якпора чунин навъи ғазал аст, ки дар он як мавзуи том аз аввал то охири ғазал риоя шуда, сохтори ягона ва мушаххас дорад. Ин навъи ғазалҳо як навъ сужети муайяни кутоҳ доранд. Яъне, шоир ё каҳрамони лирикӣ дар ин навъи ғазалҳо ҳолоти худро ба ҳолоти дигар ашё ба таври накл ё саргузаште ифода мекунад:

Видои ёру диёрам чу бигзарад ба хаёл,
Шавад манозилам аз оби дида моломол.
Зи сӯзи синаи ман сорбон ба фарёд аст,
Зи бими он, ки расад оташаш ба бору ҷамол.
Фироқро нафасе чун ҳазор сол бувад,
Бубин, чун гузарад рӯзу ҳафтаву маҳу сол

Маро ба хидмати ёрони меҳрубон айём
Маҷоли ҳамнафасӣ дода буд дар ҳама ҳол.
Миёни оташи сӯзанда мумкин аст ором,
Вале дар оташи ҳиҷрон қарору сабр маҳол.
Умеди ваъдаи дидор медиҳад айём,
Хуш аст ваъдаи ӯ, гар диҳад замона маҷол.
Дареғ бошад, агар ташна ҷон кунад таслим,
Миёни бодия дар иштиёқи оби зулол.
Ҳумом, бо шаби ҳиҷрону интизор бисоз,
Магар тулуъ кунад офтоби рӯзи висол [34, 115].

Ин ғазал дар мавзуи фироқу ҷудоӣ аз дӯстон суруда шуда, як устухонбандӣ ва сюжети кӯтоҳи мушаххасе дорад, ки дар он қаҳрамони лирикӣ, ки худи шоир аст, аҳволи худро дар муқоиса бо аносири зиндаи дигар тасвир мекунад. Ғазали зерини шоир низ аз рӯйи сохтор якпора мебошад ва ваҷҳи ғолиб, ки дар он тасвир мешавад, тасвири офариниши ҷон, аз асли худ ҷудо шудани он ва ба банди аносири дунявӣ гирифтор шудани он ба мисли як қисса ё ҳикояи хурде матраҳ шудааст:

Султони ҷон зи олами улвӣ нигоҳ кард,
Баҳри шикор рӯй бад-ин домгоҳ кард.
Омад ба банди чор табоеъ асир шуд,
Бар хеш айши олами увлӣ табоҳ кард.
Чун муддате ба олами сифлӣ биорамид,
Рухро зи дуди гулхани дунё сиёҳ кард.
Пас, нафси тирашакл зи рӯи муносибат
Пайванди ҷон гузид, чу дар вай нигоҳ кард.
Бо ҷон чу нафс ёфт маҷоли бародарӣ,
Чун Юсуфаш ба Миср гирифтори чоҳ кард.
Тавфиқ даррасид зи чоҳаш халос дод,
Бозаш ба Мисри олами ҷон подшоҳ кард [34, 83].

Навъи ғазали даврӣ низ дар девони шоир дида мешавад. Даврӣ чунин навъи ғазал аст, ки дар он мисраи якуми байти матлаъи ғазал дар мисраи дувуми мақтаъ такрор мешавад. Яъне, шоир ғазалро ба кадом мисрае, ки шуруъ мекунад, ба ҳамон ба анҷом мерасонад. Тавре қаблан низ ишора кардем, А. Мирзоев доир ба ин навъи сохтории ғазал баҳс карда, зикр мекунад, ки ин он дар осори Анварӣ дида мешавад, аммо баъд аз ӯ рушд намекунад. Ӯ доир ба як ғазали Анварӣ баҳс карда, чунин гуфтааст: «Аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклӣ маълум мегардад, ки шоир мисраи аввали матлаъро ба ҷои мисраи охири мақтаъ оварда, матлаъ ва мақтаъро ба як мисраъ ба охир мерасонад. Ин такрор, дар навбати худ, ба мафҳуми аслии ғазал заррае халал нарасонидааст» [111, 37]. Тавре дида мешавад, А. Мирзоев гарчанде аз истилоҳи ғазали даврӣ ном набарад ҳам, ҳамаи хусусиятҳои жанрии онро номбар мекунад. Гузашта аз ин, муҳаққиқи номбурда, зикр мекунад, ки ин навъи ғазал баъд аз Анварӣ пойдор намемонад ва дар девони ғазалсароёни даврони баъдӣ ба мушоҳида намерасад: «Вале ин кори Анварӣ на ин ки дар таърихи минбаъдаи ғазалсароӣ қобили қабул воқеъ намегардад, балки дар замони зиндагии худи ӯ низ аҳаммият пайдо карда наметавонад. Инро шояд худи шоир ҳам фаҳмида, бино бар ҳамин, дубора ба ин кор ҷуръат накарда бошад, зеро дар девони ӯ бо ин равия ғазали дигаре дучор намешавад» [111,  38].

Ба фикри устод А. Мирзоев аз ду ҷиҳат розӣ шудан муҳол аст. Аввалан, навъи ғазали даврӣ дар замони Анварӣ вуҷуд дошт ва он  аввалин бор дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ мушоҳида мешавад. Барои равшан шудани масъала ғазали машҳури Саноиро, ки даврист, ба таври комил меорем:

**Ошиқ машавед, агар тавонед**,
То дар ғами ошиқӣ намонед.
Ин ишқ ба ихтиёри кас нест,
Донам, ки ҳамин қадар бидонед.
Ҳаргиз набаред номи ошиқ,
То дафтари ишқ барнахонед.
Оби рухи ошиқон марезед,

То об зи чашми худ наронед.

Маъшуқа вафои кас начӯяд,

Ҳарчанд зи дида хун чаконед.

Ин аст ризои ӯ, ки акнун

Бар рӯи замин яке намонед.

Ин аст сухан, ки гуфта омад,

Гар нест дуруст, бармахонед.

Бисёр ҷафо кашид, охир,

Ӯро ба муроди ӯ расонед.

Ин аст насиҳати Саноӣ:

**Ошиқ машавед, агар тавонед** [11, 385].

Дувум, устод А. Мирзоев зикр кардаанд, ки «вале ин кори Анварӣ на ин ки дар таърихи минбаъдаи ғазалсароӣ қобили қабул воқеъ намегардад, балки дар замони зиндагии худи ӯ низ аҳаммият пайдо карда наметавонад» [111, 38]. Ба ин андеша, ки гӯё ғазали даврӣ баъд аз Анварӣ рушд накард, розӣ шудан муҳол аст, чунки баъзе аз таҳқиқоти охир ва баъзе мушоҳидаҳои шогирдонаи мо бар хилофи гуфтаи устод А. Мирзоев муайян намуданд, ки ин навъи ғазал баъдан рушд кард ва қисмати зиёде аз девони ғазалсароёни машҳурро фаро гирифт. Тавре Б. Мақсудзода низ қайд кардааст, ин навъи ғазал дар эҷодиёти бузургтарин ғазалсароёни тирози аввали адаби форсӣ, аз қабили Саъдии Шерозӣ, Фахруддини Ироқӣ, Ҳумоми Табрезӣ ва дигарон мушоҳида мешавад [109, 455].

Дар ин гуна ғазалҳо нуктаи асосӣ ва муҳимми шоир дар мисраи охири мақтаъ воқеъ мегардад. Ғазали зерини Ҳумом намунаи олии ғазали даврӣ мебошад:

**Бишунав зи най самое ба забони безабонӣ,**

Шуда бе ҳуруф гӯё, ҳама савти ӯ маонӣ.

Бикушой шамъи ҷонро, чу кушода най забонро,

Ки ҳадиси сир шунидан, на ба гӯши сар тавонӣ.

Зи най аст мастии мо, на зи май бизан замоне,

Ки ҳарифи хушнафас бех, зи шароби арғувонӣ.
Зи самои най касеро хабаре бувад, ки бояд,
Назаре зи меҳрварзон, асаре зи меҳрубонон.
Бигузор найшакарро, ки ба завқ менамояд.
Найи бенаво зи шаккар, ба наво шакарфишонӣ.
Чу шуданд гарм ёрон, манишин, ки оташ аз най,
На чунон гирифт дар дил, ки нишонданаш тавонӣ
Мадиҳед, эй ҳарифон, майи ишқ ҷуз ба эшон,
Ки ба вақти хирқабозӣ накунанд саргаронӣ.
Нашавӣ хиҷил, ки лофе занӣ аз вилояти дил,
Ба хаёли рангу бӯе, зи висол бозмонӣ.
Ба самоъ чун дарой, зи хаёли хеш бигзар,
Нафасе магар назарро, ба ба ҷамоли ӯ расонӣ.
В-гар он назар муяссар нашавад, туро ҳамон бас,
Ки кунанд илтифоте ба ҷавоби лан таронӣ.
Чу Ҳумом бе забон шуд, зи баёни завқ оҷиз.
**Бишунав зи най ҳикоят, ба забони безабонӣ** [34, 160].

Дар ин навъи ғазалҳо шоир имкон дорад, ки вақти зикри мисраи матлаъ дар мақтаъи ғазал онро тағйир диҳад. Масалан, дар ҳамин ғазал ҳангоми зикри мисраъ дар мақтаъ шоир ба ҷои калимаи «самоъ», «ҳикоят»-ро овардааст. Аз навъи ғазали даврӣ дар девони шоир фақат як ғазал пайдо шуд.

Аз ҷиҳати басомад агар ин сохтори ғазалҳои шоирро матраҳ кунем, маълум мегардад, ки ғазали мусалсал дар ҷойи аввал меистад, ки ин навъ қисмати зиёди девони шоирони машҳури ғазалсарои асри мавриди таҳқиқ – Мавлавӣ, Ироқӣ ва Саъдиро низ фаро гирифтааст. Дар байни ғазалҳои Ҳумом ҷойҳои якуму дувуму севум ва чаҳорум навъҳои мусалсал, якпора, воқеъабанд ва даврӣ қарор доранд.

## 3.2. Ҷанбаҳои мусиқоии каломи шоир

Мусиқӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои созандаи шеър аст, ки сабаби растохези калимот ва ташаххуси вожаҳо мешавад. Мусиқӣ аз боистаҳои табиии шеър ва лозимаи ҷавҳари он аст, ки шоир барои ибрози мафҳумҳои писандида ва зебо дар сухани худ аз воҳидҳои занҷираии калимоти омехта бо мусиқӣ кор мегирад. Гузашта аз ин, мусиқии шеър аз муҳимтарин унсурҳои сохтории он маҳсуб мешавад, ки ба се даста – мусиқии берунӣ, мусиқии канорӣ ва мусиқии дарунӣ тақсим мешавад [93, 391-393]. Шеъру мусиқӣ пайванди қавӣ ва ногусастанӣ доранд, ки умуми аҳли фарҳанг ва ҳунар, махсусан, аҳли адаб ва мусиқишиносон онро эътироф мекунанд. Ягона чизе, ки шеърро аз ғайришеър тамоюз мебахшад ва забони онро аз забони рӯзмарра ҷудо мекунад, оҳанг ва ҷанбаи мусиқоии он аст. Шиблии Нуъмонӣ шеърро иборат аз нағма, оҳанг, вазн ва рақс медонад: «...шеър маҷмуи алфозу вазн ва нағмаву рақсро гӯянд, лекин чун тамоми инҳо вақте дар як ҷо ҷамъ мешаванд, ки эҳсосу ҷазба дар ниҳояти дараҷаи шиддат бошанд...ҳеч шеъре намешавад, ки холӣ аз оҳангу наво бошад, зеро вазн, ки аз заруриёти шеър шуморида мешавад, навъест аз оҳанг» [130, 40]. Тавре аз сухани муаллифи мазбур маълум мешавад, барои шеър пас аз эҳсосу ҷазба оҳанг ва мусиқӣ муҳим аст. Кадканӣ дар китоби «Мусиқии шеър» мегӯяд: «Маҷмуаи авомиле, ки забони шеърро аз забони рӯзмарра ба эътибор бахшидани оҳанг ва тавозун имтиёз мебазшад ва дар ҳақиқат аз раҳгузари низоми мусиқиёӣ сабаби растохези калимаҳо ва ташхиси вожаҳо дар забон мешавад, метавон гурӯҳи мусиқиёӣ номид ва ин гурӯҳи мусиқиёӣ худ авомили шинохташуда ва қобили таҳлил ва таълиле дорад, аз қабили анвои вазн, қофия, радиф, ҷинос... » [93, 56].

Равонӣ, дилнишинӣ ва хушоҳангии калом яке аз боризтарин вижагиҳои ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ ба шумор меояд. Равонии шеър бо кор гирифтан аз баъзе ороязҳо ва аносири гуногуни мусиқӣ таъйин мегардад ва аз ин ҷиҳат, ин мавзуъ бештар ба вазни аруз, қофия, радиф ва дигар ороязҳои лафзӣ ва маънавӣ, ки ҷиҳати мусиқоии шеърро қавӣ мегардонад ва сабаби растохези калимот

мешаванд, алоқаманд аст. Калима дар шеър арзиши хеле баланди ҷамолшиносӣ ва мусиқоӣ дорад. Кадканӣ дар китоби «Растохези калимот» дар такя ба андешаи суратгароёни рус нақши калимаро дар оҳангнокӣ ва кашидани бори маънӣ чунин таъйин кардааст: «Суратгароёни рус дар тайи солҳо ва дар ҳаҷми анбуҳе аз мақолот нишон додаанд, ки калима дар шеър арзиши зотӣ ва ҷамолшиносӣ дорад ва ба ҳеч рӯй вазифаи интиқоли маънӣ ба мухотабро надорад. Калима дар шеър худ як воҳиди ҷамолшиносист, мусиқии калимот дар шеър тамоми вазифаро уҳдадор аст. Маънӣ ва ҳар чизи дигаре, ки дар шеър метавонад аҳаммият дошта бошад, аз даруни ҳамин ваҷҳи ҷамолшиносии забон худро ироа мекунанд. Калимоти шеър ирҷоъ ба ҳеч чизе надорад ҷуз ба худаш ва ба ҷониби ҷамолшиносиаш» [94, 86].

Дар хусуси ҷанбаҳои мусиқоии шеъри Ҳумоми Табрезӣ фақат аз ҷониби донишмандони Эрон Аббосзода Фозил ва Халили Таҷлил мақолае ба унвони «Нақши ҳамгунии комили вожагонӣ дар мусиқии шеъри Ҳумоми Табрезӣ» [160] навишта шудаасту тамом. Аммо метавон аз манбаъҳое ном бурд, ки ба таври ғайримустақим ба ин мавзуъ марбут мешаванд ва матлаби пароканда ва гоҳ ҷузъӣ дар боби мавзуи мазкур доранд, ки ба бархе аз онҳо ишора мегардад.

Аҳаммият ва судмандии мусиқӣ дар забони шеър то ҳаддест, ки устод Шафеъии Кадканӣ бар аҳаммияти ин унсур дар офариниши шеър баҳс карда ва истеҳкому инсиҷоми шеърро ба мизони бархурдории шеър аз мусиқӣ вобаста медонад. Агар ин назари Шафеъии Кадканиро пазирем, ноҷорем қабул кунем, ки каломи Ҳумоми Табрезӣ каломест мунсаҷим ва мустаҳкам, чунки мусиқӣ аз зотиёти шеъри ӯст. Агар мусиқиро аз шеъри ӯ бигирем, руҳи пуртакопу ва пурҳаяҷони шеъри ӯро гирифтаем, зеро шеър бидуни мусиқӣ бе руҳ, суст, бемор ва аслан бемаънӣ аст ва ба ҷуз сухани одӣ ва рӯзмарра чизе нест.

Шафеъии Кадканӣ мусиқи шеърро ба чаҳор даста – мусиқии берунӣ, мусиқии канорӣ, мусиқии дарунӣ ва мусиқии маънавӣ ҷудо мекунад. Ба мусиқии берунии шеър ҷанбаи арузии он шомил мешавад: «Манзур аз мусиқии берунии шеър ҷониби арузии вазни шеър аст, ки бар ҳамаи шеърҳое, ки бар як вазн суруда шудаанд, қобили татбиқ аст» [93, 391]. Ба мусиқии канории шеър

қофияву радиф, маҳҷуб, зуқавофӣ ва ғайра дохил мешаванд: «Манзур аз мусиқии канорӣ авомилест, ки дар низоми мусиқоии шеър дорои таъсир аст, вале зуҳури он дар саросари байт ё мисроъ қобили мушоҳида нест. Баръакси мусиқии берунӣ, ки таҷаллии он дар саросари байту мисроъ яксон аст...Ҷилваҳои мусиқии канорӣ бисёр аст ва ошкортарин намунаи он қофия ва радиф мебошад» [93, 391]. Навъи дигари мусиқии шеър мусиқии дарунист, ки ба кор гирифтан аз орояҳое чун такрор ҷинос, эънот, раддулаҷуз, қофияи ҳунарӣ, воҷоройӣ (нағмаи ҳуруф, аллитератсия) таҷаллӣ мекунад. Ин навъи мусиқӣ «маҷмуаи ҳамоҳангиҳоест, ки аз раҳгузари ваҳдат ё ташобуҳ, ё тазодди сомитҳо ва мусавватҳо дар калимоти як шеър падид меояд» [93, 392]. Аз миёни анбуҳи мусиқии шеър, ки муҳаққиқон муайян кардаанд, лаззати зиёдро хонанда аз мусиқии дохилӣ мебарад: «Як байти сода, ки факат аз вазне ва қофияе дорад, бо байте, ки илова бар вазну қофия аз мусиқии дохилӣ низ бархурдор аст ва дар ҷониби маъно ҳам маҷмуае аз донистаҳои пешини моро фароёд меоварад, аз назари навъ, мизони лаззатбахшӣ ва зебоӣ яксон нестанд» [93, 278].

Бояд қайд кунем, ки ин тақсимбандии мусиқии шеър дар таҳқиқи дигарон, аз ҷумла, Аҳмади Муҳсинӣ низ риоят шудааст [119, 10-12].

Мо мусиқии берунӣ ва канорӣи ғазалҳои Ҳумомро дар зерфасли дигар дар ҳамин боб ҳини таҳқиқи вазн, қофия ва радифи ғазалҳои шоир таҳқиқ намудем. Дар ин зерфасл орояҳои бадеие, ба мисли, ҷинос, такрор эънот, ҳоҷиб, қофияи бадеӣ, раддуссадр, раддулаҷуз, татриз, тардид мувозана, воҷоройӣ ё нағмоти ҳуруф ва дигар орояҳои лафзӣ, ки дар таъмини ҷанбаи дохилии мусиқии каломи шоир таъсиргузоранд, оварда мешаванд. Дар ҳамин боби диссертатсия дар фасли «Ороёҳои бадеӣ» дигар санъатҳои маънавиро, ки ҷиҳатҳои маъноии шеърро таъмин мекунанд, таҳқиқ кардем.

**Нағмаи ҳуруф** (воҷоройӣ, аллитератсия). Аз ороёҳои бадеие, ки боиси ғанӣ шудани ҷанбаи мусиқоии шеър мешавад, нағмаи ҳуруф, воҷоройӣ ё аллитератсия мебошад. Кадканӣ гуфтааст: «Набояд фаромӯш кард, ки мусиқӣ танҳо дар авзони арузӣ ҷилва намекунад, балки ҳар шеър илова бар вазни арузӣ (ки мусиқии берунии он аст), навъе мусиқӣ ё вазни дохилӣ дорад, ки иборат аст

аз ҳамоҳангии савтии ҳуруф ё нағмаи калимоти он аст» [93, 275]. Нағмаи ҳуруф такрори ҳамсадоҳои якхела ё пайвасти овозҳо ҳамчун воситаи услубӣ дар бештари забонҳо ба мушоҳида мерасад. Ин санъат, маъмулан, дар адабиёти бадеӣ барои тақвияти ҷанбаи муассирии савтиёти нутқ ва усулҳои гуногуни он истифода мешавад. Шоирон бо истифода аз равиши такрори овозҳо саъй кардаанд, ки монандии таркиби овозии луғавиро таъмин намоянд. Махсусан, такрори ҳамсадоҳо дар мавридҳои ҷудогона агар бамаврид истифода шавад, ба сухани гӯянда тароват ва мусиқии вежаи таъсирбахш илова мекунад: «Ҳар маҷмуаи гуфтор аз миқдоре аносири овоӣ ва савтӣ ба вуҷуд омадааст, валекин маҷмуаҳои овоиву савтӣ мумкин аст бо якдигар ё баъзе аз онҳо бо баъзе дигар тавозунҳо ё таносубҳое дошта бошанд. Ба таносуби имконоте, ки дар ҷиҳоти ин тавозунҳо дар як маҷмуаи овоӣ вуҷуд дошта бошад ва қобили тасаввур бошад, анвои мусиқии қобили тасаввур аст» [93, 56].

Аллитератсия дар санъати сухан, махсусан, дар осори манзум ҳамчун санъати ҷолиб муаррифӣ мешавад. Бинобар ин, он дар адабиётшиносӣ низ ҳамчун як навъи махсуси малакаи суханварӣ омӯхта мешавад [75, 210].

Аллитератсия, нағмаи ҳуруф ё воҷоройи такрори як ё чанд садонок ва ё ҳамсадо дар шеър ё наср аст, ки дар калимоти як мисраъ, ё як байт ба гунае ки мусиқии дарунии шеърро таъмин мекунад. Масалан, дар байти зерини Ҳумом такрори ҳамсадои «**ф**» дар калимаи «фитна» танин, оҳанг ва лаҳни хоссеро ба саросари байт илқо кардааст:

**Ф**итнаи оламе шуд**ӣ**, **ф**итна шуд**а**м чу дид**а**мат,

**Ф**итна нигар, ки мекуна**д** **ф**итнаи **ф**итнабини ман [34, 201].

Дар байти боло се навъи мусиқӣ дида мешавад:

1.Мусиқии арузӣ (берунӣ), ки ҳар ду мисраъ баробаранд ба муфтаъилун, мафоъилун муфтаъилун мафоъилун (–vv– /v–v–/–vv–/v–v–), ки мусиқии берунӣ ё хориҷии шеърро таъмин кардааст;

2.Мусиқии қофия (канорӣ), ки ҳамоҳангии поёнии мисраъҳост, ки аз қисмати инӣ, яъне ҳуруфи «и», «н» ва «ӣ» ҳосил шудааст;

3.Мусиқии дохилии калимот. Истифодаи чанд **«ф»** дар калимаи фитна ва чанд **«д»** дар калимаҳои «шудӣ», «шудам», «дидамат». Профессор М. Қ. Саломов, ки забони ғазали аҳди классикиро кор кардааст, доир ба ин санъат чунин мефармояд: «Аллитератсия ҳамчун вежагии услуби нутқ аз даврони пешин дар сухани шифоҳии шоирона ва осори бадеӣ маъмулу мустаъмал буда, дар сухани манзум ва осори мавзун мақоми махсус дорад. Намуди одии аллитератсия ҳамоно такрори тақлидкоронаи овозҳо дар таркиби калима ва ё раванди нутқ аст, ки аз нигоҳи муайян ин тарзи аллитератсия заминаи намудҳои дигари нисбатан мураккаб гардидааст» [142, 59].

Дар нағмаи ҳуруф бештар ҳамсадоҳо ва садонокҳои ф, с, б, о, д, м, қ, истифода мешаванд.

Аз вақти **с**убҳ ҳаст диламро **с**афои **с**убҳ**,**

Ҷонам мунаввар аст ба нури лиқои **с**убҳ [34, 81].

Дар байти боло гузашта аз он ки ҳасадои «**с»** такрор шудааст, ҳамчунин, бо такрори калимаи «субҳ» санъати илтизом низ вуҷуд дорад. Тавре ба мушоҳада расид, дар баъзе абёти ғазалҳои Ҳумом зиёда аз чаҳор ва ҳатто панҷу шаш ҳарф такрор мешаванд, ки нағма ва оҳанги хоссе ба шеър мебахшанд. Масалан, дар байти зер ҳарфҳои **д, о, м, н, с, т** такрор шудаанд:

**Д**ӯ**с**т**о**, **доманат осон натав**о**н дод** зи **даст**,

**Ҷон**и шири**ни** **манӣ**,ҷ**он** **на**тав**он** **дод** зи **даст** [34, 75].

Ё ин ки:

Ба хидмати ту раси**дан**, сабоҳ рӯи ту **дидан**,

**С**ао**д**а**т** ас**т**, сао**д**а**т**, **с**ало**м**а**т** ас**т**, **с**ало**м**а**т** [34, 122].

Тавре дида мешавад, ҳамсадоҳои димоғии «м» ва «н» дар шаклгирии санъати нағмаи ҳуруф фаъол мебошанд. Масалан, дар байти зерин:

Да**м**е, ки бе ту барора**м**, зи у**м**ри худ **н**ашу**м**ора**м,**

Ки зи**нд**аго**н**ии ботил на**д**о**м**ат аст, **н**а**д**о**м**ат [34, 122].

Шоир ба воситаи нағмаи ҳуруф дар таркиби калимаҳои шеър як растохезро ба вуҷуд овардааст. Калимоте, ки дар забони рӯзмарра ҳолати мурда ва ғайрифаъол доранд, дар ашъори Ҳумом вориди тасвироти тоза гардидаанд ва

ба қавли Шафеъии Кадканӣ, «...чеҳра дигаргун мекунанд ва ба ҳаёти нав вориди зиндагӣ ва муҳити ҳунарии аср мешаванд» [99: 85]. Талаботи нағмаи ҳуруф он аст, ки дар мисраъ ё байт фонема бояд зиёда аз се бор такрор шуда бошад, вагарна ба ҷанбаи мусиқоии калом асаре намерасонад:

Ё**д бод он** ро**ҳ**ати ҷ**он,** ё**д бод**,

**О**шиқ**онро** а**ҳд**и ҷ**онон** ё**д бод** [34, 81].

Дар байти фавқ ҳарфҳои б, д, о, н такрор шуда, ба шеър мусиқии фораме бахшидаанд.

Дар калимаҳои аслан тоҷикӣ овозҳои дурушту гӯшхарош ва душворталаффуз, аз қабили ҳамсадои ҳалқии чуқури «ҳ» (ҳои ҳутӣ), айну аломати ҳамза (ъ) ва қ (қоф), ки аз забонҳои арабиву туркӣ-ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, хос нестанд (ба истисnои андаке аз вожаҳои тақлидӣ-овозӣ, чун қар-қари зоғ, тақ-тақи дарвоза, қут-қути мурғ…). Масалан, шоир дар байти зер дар калимаҳои арабии фироқ ва қиёмат ҳамсадои қ-ро такрор кардааст:

Фиро**қ**и он **қ**аду **қ**о**м**ат **қ**иё**м**ат аст, **қ**иё**м**ат,

Шикеб аз он лаби ширин **ғ**аро**м**ат аст, **ғ**аро**м**ат [34, 79].

Калимаҳои аслан тоҷикӣ нарму салис ва хушнаво буда, хусусан, паҳлуи ҳам омадани онҳо дар назм нағмаи ҳуруфро падид меоваранд, ки дар натиҷа, мусиқии шеърро тавлиду таъмин мекунанд. Аммо шоири тавоно аз ҳар забон калимаҳои нарму форам ва дилнишинро ҷудо намуда, истифода мекунад, масалан, дар байти зерини Ҳумом ҳам калимаҳои арабӣ ва ҳам калимаҳои тоҷикӣ вуҷуд дошта, такрори ҳуруфи онҳо боиси ғановати мусиқии шеър шудаанд:

Султ**о**ни ҷ**о**н зи **о**лами улвӣ ниг**о**ҳ кард,

Баҳри шик**о**р рӯй бад-ин д**о**мг**о**ҳ кард [34, 83].

Санъати воҷоройӣ ё нағмаи ҳуруф нисбат ба дигар орояҳо дар тавлиди нағма ва наво дар мусиқии шеъри Ҳумом серистифода мебошад.

**Таҷнис.** Яке аз роҳҳои асосии тавлиди мусиқии дарунии шеър ва эҷодгари зебоии гӯшнавоз ва дилнавоз таҷнис ба шумор меояд, ки мушобаҳати

комил ва ноқиси калимот ва ҳамонандиҳои овоӣ дар калимоти мутаҷонис сабаби афзудани мусиқии каломи шоир мешавад. Арзиши асосии ин ҳунарсоза ба мусиқӣ ва оҳанг аст, ки дар сухан меофарад ва зебоии дигари он, ба қавли Ростгӯ: «дар ин аст, ки мусиқии суханро гӯшнавоз ва дилнишинтар месозад, дигар ин, ки пояҳои ҷинос афзун бар таносуби овоиву музикӣ, бештар таносуби маъноӣ ва симоӣ низ дорад ва таносуб аз ҳар гуна, ки бошад, завқпазир шодиангез аст ва севум ин ки бештари ҷиносҳо, бавижа, ҷиноси том ва ҷиносҳое, ки дугонагии симоии камтаре доранд, намудоре аз таҷаллии касрат дар ваҳдат низ ҳастанд ва ин худ низ барои зеҳн ва завқ шигифтӣ меоварад» [140, 90].

Таҷнис ҳам дар наср ва ҳам дар назм истифода мешавад. Аз анвои ҷинос навъи ҷиноси том бештар ҷанбаи мусиқоӣ дорад ва он яксозии ду вожа дар теъдод ва тартиби ҳиҷоҳо дар калимаҳоест, ки маънои онҳо гуногун аст ва ба мусиқии дарунии мисроъ ё ҷумла биафзояд. Таърифи комили ин навъи таҷнисро дар Фахри Розӣ дар китоби «Ҷомеъ-ул-улум» чунин овардааст: «Бидон, ки таҷнис бар ақсом аст. Аввал он ки том бошад ва шарт он бошад, ки дар ҳамаи се сулс ҳосил бошад дар анвои ҳуруф ва дар теъдоди он ва дар ҳайати он, дар ҳаракат ва сукун» [27, 235].

Профессор Х. Шарифзода дар хусуси ин навъи таҷнис чунин овардааст: «Дар таҷниси том ҳарфҳои ду рукни таҷнис пурра мувофиқат доранд, вале маънои онҳо мухолифу ба ҳам номувофиқ аст» [185, 144]. Масалан, дар байти зерини Ҳумом калимаи **ҳаво** истифода шудааст:

Аз ёди субҳ гашт муаттар димоғи ман,
Дорад дилам ҳамеша **ҳавои ҳавои** ту [34, 81].

Калимаи «ҳаво» дар ин байт ба ду маъно омадааст. Маънои якуми он орзуву умед ва маънои дувумаш ҷараёни ҳаво мебошад. Ҳар ду калима аз ҷиҳати дастурӣ исм ҳастанд, бино бар ин, бо ҳам чиноси том шудаанд ва мусиқии шеърро таъйин кардаанд. Масалан дар байти дигар мебинем:

Хомӣ, ки бад-ин **сурат** дар кор намеояд,
Ӯро натавон гуфтан ҷуз **сурати** деворӣ [34, 151].

Дар байти боло низ таҷниси том омадааст. Калимаи «сурат» ба ду маъно – тартиб, наҳва, равиш ва – нақш, пайкар ва қолиб ба кор рафта, ки пайванди мусиқиёии байти болоро таъйин кардаанд.

Дар байти зер низ калимаи мутаҷониси «мардум» ба кор рафтааст, ки маънои якуми он дида, чашм ва мардумаи чашм аст ва маънои дигараш инсонҳо, халқ мебошад, ки нағма ва мусиқии хоссе дар шеър илқо кардааст:

Нангарад **мардуми** чашмам ба ҷамоли дигар,

К-эътиборе набувад **мардуми** ҳарҷоиро [34, 60].

Такрори вожаи «**фитна»** низ дар байти зер дар маънои ошӯб ва ошиқ ҷиҳати мусиқоии шеъри зерро истеҳком мебахашад:

**Фитнаи** оламе шудӣ, **фитн**а шудам чу дидамат,

**Фитна** нигар, ки мекунад **фитнаи фитнабини** ман [34, 201].

Гузашта аз таҷниси том дар ин байт санъати илтизом низ ҷой дорад ва панҷ бор такрор шудани калимаи **фитна** далели ин гуфтааст.

Дар байти зер калимаи «**боло»** низ ба ду маъно ба кор рафта, ба маънои қомат ва баландӣ далолат мекунанд:

Фитна аз **болои** ту **боло** гирифт,

Шуд аз он рафтор, хеш ғавғо гирифт [34, 78].

Ҳамчунин, дар байти зер калимаи «**боз**» истифода шудааст, ки ба маъноҳои паранда ва кушода омадаст:

**Бози** ҷон дар ҳавои ӯ парвоз

Карду аз аҷз сарнигун шуд **боз** [34, 78].

Дар ин байт гузашта аз таҷнис санъати лафзии радулсадр илал-аҷуз низ вуҷуд дорад.

Аз навъҳои дигари таҷнис дар ғазалҳои Ҳумом, ки барои қавӣ гардонидани ҷанбаи мусиқоии шеър истифода шудааст, таҷниси мураккаб мебошад. Дар «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ таҷниси мураккаб чунин шарҳ ёфтааст: «Дар таҷниси мураккаб чунин калимаҳои ҳамҷинс зикр мегарданд, ки яке аз онҳо калимаи сода ва дигаре мураккаб ё ба шакли таркиб аст, ки ҳар ду монанди ҳамдигаранд ва дар талаффуз якранг бошанд ҳам, дар имло аз ҳам

фарқ мекунанд» [89, 178]. Дар «Каломи манзум» [153, 180] ва «Донишонмаи илми бадеъ»-и порфессор У. Тоиров [152, 430] ва «Балоғат ва суханварӣ»-и профессор Х. Шарифзода [185, 145] низ ин санъат айнан ҳамин тавр шарҳ ёфтааст.

Дар абёти зерини шоир калимаҳои **«парвона»** ва **«парво на»** истифода шудаанд, ки дар барҷастагии мусиқии шеър кумаки шоёне кардаанд:

Бо шамъ чу гарм шуд сари **парвона,**
Бо шамъ бисӯхт хештан мардона.
Шуд дар сари шамъу шамъро шаб ҳама шаб,
Аз сӯхтани хеш бувад **парво на** [34, 219]

Дар байти боло **«парвона»-**и якум маънои ҳашарот ва дувум маънои парво накарданро дорад.

Дар байти зер калимоти мутаҷониси «**монанд»** ҳарчанд, ки дар лафз ва китобат ҳамовоз ва ҳамнишинанд, вале аввалӣ ба маънои мисл ва ҳамонанд ва дувумӣ ба маънои шабеҳ аз масдари монистан аз мон ва –ан сохта шудаанд:

Он чӣ бояд ҳама дорию надорӣ **монанд,**
Кас нагӯяд маҳу хуршед ба рӯят **монанд** [34, 96].

Навъи дигари таҷнис мафрук аст, ки он ҳам ба таҷниси мураккаб монанд аст. У. Тоиров дар хусуси ин навъи таҷнис гуфтааст: «дар таҷниси мафруқ талаффузи калимаҳо як буда, дар навишти калимаҳои таҷнисшаванда фарқ мекунанд. Азбаски дар байни таҷниси мураккабу таҷниси мафруқ ихтилофи хат аст, аз ин рӯ, онро таҷниси мафруқ номидаанд» [153, 226-227].

Дар байти зер шоир бо зебоии тамом вожаҳои бо «**Хутан»** ва «**бохтан»-**ро дар садр ва арузи байт ба кор бурда, мусиқии каломро дар ду сӯйи байт ба камол расонидааст:

**Бо Хутан** майле надорему зи мушкаш фориғем,
Ишқ бо чини сари зулфи ту бояд **бохтан** [34, 133].

Мисоли дигар:

Ҳолам зи фурқати ту наояд ба нома рост,

К-ин к**орномаес**т, на ин **кори номаест** [34, 197].

Навъи дигари таҷниси лафзӣ, ки ба мураккаб монанд аст, таҷниси марфу (бофташуда) мебошад: «Таҷниси марфу низ ба таҷниси мураккаб наздик аст, фарқ дар он аст, ки дар таҷниси марфу калимаи мураккаб аз ду калимаи сода таркиб наёфта, аз калима ва давоми калимаи дигар сохта шудааст... Сабаби марфу номидани ин навъи таҷнис он аст, ки ки гӯё калимаи мураккабро рӯфӯкорӣ (тармим) кардаанд» [153, 227].

Дар байти зерини шоир калимаҳои **«дилбар» ва «дил бар»** ҷиноси марфу доранд, дар мисраъи дувум тарафи ҷинос (дил бар), ҷузви дувуми таркиби худ (бар)-ро, ки аз вожаи канори худ (баромад) гирифта ва бар худ руфӯ задааст:

Барат, к-аз ёсуман нозуктар омад,

Ҳар он **дилбар**, ки дид, аз **дил баромад** [34, 274].

**Радду-с-садр ила-л-аҷуз.** Аксари донишмандони илми бадеъ, аз ҷумла, муаллифи «Фунуни балоғат ва санооти адабӣ» – Ҷалолиддини Ҳумоӣ ин санъатро бо номи радду-л-аҷуз ила-с-садр овардаанд [17, 82].. Таърифи комил ва саҳеҳро аз ин санъат дар «Балоғат ва суханварӣ»-и профессор Х. Шарифзода мебинем: «Мувофиқати айнӣ ё ҳамоҳангии овозии калима (рукн)-и аввали байт ё ҷумла, яъне садрро бо аҷуз ё калимаи (рукн)-и охири байт рад-ул-садр илал аҷуз мехонанд» [185, 151].

Барои ин навъи санъати лафзӣ, ки шоир бо коргирӣ аз он ҷиҳати мусиқоии шеърро комил кардааст, мисолҳои зерро меорем, ки шоир бо такрори вожаҳои «**даҳон», «ҷигар» ва «ҳазор»**, ки ҳам садоноку ҳамсадо ва ҳам шакли навиштори онҳо яксон ҳастанд, дар садри байтҳо омада ва дар зарби байтҳо зикр шуда, ҷанбаҳои мусиқоии каломи шоирро афзудаанд ва ба шунаванда таъсири аҷибе мекунанд:

**Даҳона**т оби ҳайвон офариданд,

Насибе ҷони моро з-он **даҳон** ҳаст [34, 77]

***

Хун шуд **ҷигари** хаста, Ҳумом, аз ғами ишқат

В-акнун ба ғазо хӯрдани ман худ ҷ**игаре** нест [34, 78].

****

**Ҳазор** ҷон ба лаб омад зи орзуи лабаш,

Ки дар фирефтани дил **ҳазор** фан дорад [34, 82]

Дар байти дигар шоир калимаи «**боз**»-ро дар аввали мисраи аввал оварда, онро дар охири мисраи дувум такрор кардааст:

**Бози** ҷон дар ҳавои ӯ парвоз

Карду аз аҷз сарнигун шуд **боз** [34, 78].

Дар байти зерини шоир низ бо истифода аз равиши такрор аз орояи лафзии тард хеле баҷо ва дилнишин вожаҳои «**мардумиву мардӣ»**-ро дар оғоз ва анҷоми байт гунҷонида ва ҷанбаи мусиқоии шеърро густариш додааст:

**Мардию мардумӣ** зи ту зоданд дар ҷаҳон,

Ахлоқи туст одаму **мардию мардумӣ** [34, 188].

**Радду-л-аҷуз ила-с-садр**. Дар ин навъи санъати бадеӣ калимаи охири байт (аҷуз) дар аввали байти дигар (садр) такрор мешавад: «Ҳақиқати радду-л-аҷуз ила-с-садр, – мегӯяд Фахри Розӣ он аст, ки дар нимаи охири сухане ва лафзе бошад мушоббеҳ ба лафзе, ки мавҷуд бувад ва дар нимаи аввали он сухан ё дар маънӣ ва лафз, ё дар лафзи муҷаррад, ё дар иштиқоқ, ё дар чизе, ки мушоббеҳи иштиқоқ бошад» [27, 237]. Дар намунаҳои зер бо такрори вожаҳои «**ҷавонӣ»** ва **«вафо»** дар аҷуз ва садри байтҳо аз аз тариқи радду-л-аҷуз ила-с-садр ба густариши мусиқии аломи шоир кумак кардааст:

Диранге чун надорад зиндагонӣ,

Макун харҷи ҳаво нақди **ҷавонӣ.**

**Ҷавонӣ** навбаҳори зиндагонист,

Дар ин дам кор кори зиндагонист [34, 263].

***

Дило, дар суҳбати аҳли сафо бош,

Чу суҳбат ёфтӣ, аҳли **вафо** бош.

**Вафо** аз суҳбати мардум тавон ёфт,

Гуҳар аз баҳру лаъл аз кон тавон ёфт [34, 260].

**Такрор** низ яке аз саноеъи машҳури бадеъ ба шумор меравад. М. Ростгӯ дар хусуси санъати такрор гуфтааст: «Яъне, аз пайи ҳам овардани чандбора ва дасти кам дубораи вожа хоҳ бо дирангу хоҳ бо баст ва бандҳое, чун касраи изофаӣ, вови рабт, ба, дар, анд ва ...» [140, 33]. Назарияпардозони муосри мо, ба мисли Т. Зеҳнӣ [89, 200], Х. Шарифзода [185, 162], У. Тоиров [153, 243-244; 152, 740], А. Алишер [60, 142] ва дигарон дар осори назарии худ санъати такрорро шарҳ додаанд. «Яке дигар аз санъатҳои зебоиофарин дар шеър такрор буда, мусиқии дохилии шеърро ба вуҷуд меоварад. Ин санъат анвои зиёд дорад, ки, дар навбати худ, ҳар кадом дорои зебоиҳои хоссе мебошад. Аз ин санъат шоирони мутасаннеъ дар ашъори худ бисёр истифода карда, қасидаҳои комил низ сурудаанд» [60, 142]. Агар такрори вожагони ҳамгун ба сурати қайдвор дуто-дуто ё сето-сето сурат гирад, навъе такопӯйи тапида дар матни шеър эҷод мегардад, ки хонанда дар печутобҳо ва мусиқии вожагони шеър ҳайрон мемонад. Ин гуна суханбозӣ ва такрори калимот дар осори Мавлоно басомади зиёде дорад, вале дар каломи Ҳумоми Табрезӣ ба нудрат дида мешавад. Масалан, ғанисозии мусиқии абёти зер аз тариқи такрори вожаи **«биҳишт»** ба сурати «**биҳишт биҳишт»** ва вожаи «**ҷон»**, ки бо овардани ҷони дувум барои таъкид, таркиби дилнишин ба сурати **ҷон ҷон** офарида ва навъе ҳаракати тавъам бо мусиқӣ ва тапиш дар ҷони шеър сурат бастааст:

Эй **биҳишти биҳишт** рӯйи шумо,
Ҳуру ризвон дар орузуи шумо [34, 179].

****

Сухан аз **ҷони ҷон** шунав, на зи тан,
Ки ба ӯ зебад ин сухан гуфтан [34, 242].

Санъати такрор, пеш аз ҳама, барои ифода ё таъкиди маъноe ва мақсаде истифода мешавад. Агар такрори калима ё ибора бемавриду безарурат бошад, онро аз ҷумлаи ҳашви қабеҳ ва уюби шеър медонанд. Аммо такрори бамавриду баҷо ҳусни калом аст, қувваи тахайюл аст ва ҷиҳатҳои гуногуни мусиқоии шеърро таъйин мекунад. Ба воситаи ҳамин қувваи тахайюл аст, ки растохези

калимот ба вуҷуд омада, дар калимаҳои мурда ва беҷон дар назари шоир ҷон медароранд ва ба ҳаракат меоянд: «Ҳамин қувваи тахайюл аст, ки аз давлати он тамоми ашёи беҷон дар назари шоир ҷондору зинда ва ҳассос ҷилвагар аст. Садоҳохи хушоянд аз ҳар сӯ ба гӯш танинандоз аст. Замину осмон, ситорагон, балки тамоми заррот ба ӯ сухан мегӯянд» [129, 197-198]. Монанди намунаҳои зер аз девони шоир:

**Шоҳи шоҳон, ҷони ҷонон** банда аст,

**Тан ба ҷонам**, **ҷон** ба он **тан** зинда аст [34, 38].

Дар ғазали зерини шоир, ки мо онро ба шакли комил овардем, такрори калимаҳо ва таркибҳо ғано ва лаҳу оҳанги хоссе ба шеър додаанд:

Фироқи он қаду қомат **қиёмат аст, қиёмат,**

Шикеб аз он лаби ширин **ғаромат аст, ғаромат**.

Ба хидмати ту расидан, сабоҳ рӯи ту дидан,

**Саодат аст, саодат, саломат аст, саломат.**

Ман аз куҷову саломат, ки ишқи рӯи ту варзам,

Ки бар саломати ошиқ **маломат аст, маломат.**

Даме, ки бе ту барорам, зи умри худ нашуморам,

Ки зиндагонии ботил **надомат аст, надомат.**

Ҳумом бар сари кӯят ҳавои боғ надорад,

Ки дар миёни биҳишташ **иқомат аст, иқомат [**34, 79].

Ифодаи такрор дар шакли бефосила дар абёти зер барои ғинобахшӣ ба мусиқӣ ва оҳанги шеър мебошад. Ба тавре ки бо такрори унсури дастурии «**биё»** дар шеъри зер:

**Биё, биё, ки** зи ҳаҷр омадам ба ҷон, эй дӯст,

**Биё,** ки сер шудам бе ту аз ҷаҳон, эй дӯст [34, 76].

Абёти зер низ санъати такрор мебошанд:

Рӯзгорам з-устухону **сар** чу ангезад ғубор,

Чун **сарам** ҳар заррае дорад **сари** савдои ту [34, 141].

Дар мисоли боло калимаи «**сар»**, ки се бор ба маъноҳои мухталиф ба кор рафтааст.

Эй **бохабарони** ту ҳама **бехабар** аз хеш

В-ин бехабари орузуи бохабарон аст [34, 74].

Вожаи **бохабаррон** ва **бехабарон** дар байти боло низ орояи тардид аст:

Дар ҳеч манзиле дили моро қарор нест,

Дар зулфи **беқарори** ту гирад **қарор** дил [34, 116].

Дар байти боло калимаҳои «**қарор**»-у **«беқарор»** санъати тардид мебошанд. Дар байти зер низ, ки Ҳумом дар мисраи аввал калимаҳои «**гулоб»** ва **«гул»**-ро оварда ва дар мисраи дувум онро ба сурати акс истифода кардааст:

Май зи **гулоби** оразаш гашта чу **гул** ба ранги май,

Маҷлиси ошиқони ӯ пур зи **гулу гулоб** бин [34, 81].

**Радиф**. Калимаҳое, ки дар шеър пас аз қофия бе тағйир меоянд. Тавре дар боло ишора шуд, дар фасли дигари ҳамин диссертатсия дар хусуси радифу қофия ғазалҳои шоир муфассал баҳс кардаем, аз ин хотир, дар ин ҷо фақат мо ба ҷанбаҳои мусиқӣ ва ҳунарии радифу қофия кутоҳ ҳарф мезанем.

Ҳумоми Табрезӣ аз тамоми воҳидҳои занҷираи калом барои мусиқии шеър аз радиф суд бурдааст, ки барои намуна мисолҳо меорем. Шоир барои комил кардани ҷанбаи ғиноии шеър ва такмили мусиқии бозмонда аз қофия аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, амсоли ҳуруфи рабт, изофат ва нидо кор гирифтааст:

Агар дар равза нанмоӣ ба мо нури таҷалли**ро**,

Зи дӯзах боз нашносад касе фирдавси оли**ро** [34, 30].

Дар абёти зер шоир вожаҳои исм, феъл сифат, қайд ва замирро ба унвони радифи поёнӣ ба хидмат гирифта ва дар қисмати аҷузи абёт оҳанги дилнишин офаридааст:

Зиҳӣ, ҷамоли ту роҳатфазой **андеша**,

Мабод ҷуз ба хаёлат ҳавои **андеша** [34, 43].

********

Қавме, ки раҳ ба манзили ҷонон **ҳамебаранд**,

Иқбол мояест, ки арзон **ҳамебаранд** [34, 93].

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, радиф бештар барои комил кардани мусиқии қофияи шеър истифода мешавад. Саййид Доии Гелонӣ чунин назар дорад: «Радиф шакли дигаре аз мусиқии шеър аст, ки дар ҳақиқат, такмили мусиқии қофия аст ё шакли ғанитаршудаи қофияҳост» [81, 9]. Такрори радиф дар девони Ҳумоми Табрезӣ бештар аз анвои феъл аст, ки аз ҷиҳати сохтмон ба сурати қайду феъл, исму феъл, таквожаҳои дастурӣ ва феъл, ибороти феълӣ ва аз ҷиҳати ҷойгоҳи ишғол ба сурати поёнӣ ҳоҷиб мебошанд, ки ин гуна радифҳо дар таъсири ғино ва мусиқии калом ва ритму оҳанги шеър дар девони Ҳумом нақши калидӣ доранд. Чунонки Кадканӣ низ зикр кардааст, шоир дар ҷойҳое, ки хоҳони интиқоли ҷанбаи отифии шеър ба мухотаб аст, бештар аз радифи феълӣ истифода мекунад [93, 159] ва ба ҳамин хотир, ба намунаҳои радифи феълӣ аз ғазалҳои шоир шинос мешаваем:

**Исму феъл:**

Дӯстон аз дӯстон **ёд оваред,**
Аҳди ёри меҳрубон **ёд оваред** [34, 105].

**Феъл+ҷонишин ва калимаҳои ёвар**:

Доштам рӯзе нигоре ёд **меояд маро,**
Ҳар замон аз ёди ӯ фарёд **меояд маро** [34, **59**].

**Ҳоҷиб.** Агар дар миёни ду қофия фосила, яъне калимаҳои дигар омада бошанд, онро ҳоҷиб мегӯянд: «Ҳоҷиб иборат аст аз калимае, ки қабл аз қофия меояд» [93, 154]. Муаллифи «Фарҳанги бадеӣ» зимни шарҳи вожаи ҳоҷиб меорад: «Мурод аз ҳоҷиб вожаест, ки пеш аз қофияи аслӣ ба як маъно такрор гардад. Қофияе, ки дорои ҳоҷиб аст, қофияи маҳҷуб номида мешавад» [105, 116]. Ҳоҷиб калимаи арабӣ аст ва маънои луғавиаш монеъа ва пардадор аст ва «дар истилоҳи адабиётшиносӣ калимае бошад, ки пеш аз қофия дар ҳар байт оварда шавад» [153, 354]. Радифи ҳоҷиб низ дар тавлиди мусиқӣ ва эҷоди нағма ва зарбу оҳанги калом нақши шоиста дорад. Вале Кадканӣ нақши мусбати онро машрут карда ва ҳоҷиброро дар он сурате мустаҳсан медонад, ки миёни ду қофия бошад, дар ғайри ин сурат, онро кори лағву беҳуда шумурда ва навъе аз илтизом донистааст, ки дар ҳадди муайян ва ҷойи хоссе қарор мегирад, ки ҳеч

кадом аз хусусиёти мусбати радифро надорад, вале айбҳои радифро дорад, яъне монеъи озодӣ ва истиқлоли андешаи шоир шуда, ҳеч зебоӣ ва лутфе ба шеър намебахшад [93, 155].

Ҳумоми Табрезӣ дар абёти зер бо овардани вожагони «**эшон», «сад»** ва «**шукр»** аз тариқи радифи ҳоҷиб шеърро дилпазир ва оҳангин кардааст:

Рӯй бар остони **эшон** неҳ,
Бӯса бар хоки пойи **эшон** деҳ [34, 191].

***

Ба ҳар мӯе агар бошадам **сад** забон
Кунад ҳар як аз фазли ӯ **сад** баён [34, 192].

***

Нагӯям чаро з-он ки **шукри** забон,
Ҳадис аст, воҷиб бувад **шукри** он [34, 192].

**Қофияи бадеӣ.** Баъзан шоир гузашта аз қофияҳои расмӣ ва маъмули шеър барои зинати калом ва қавӣ намудани ҷанбаи мусиқоии шеъри худ аз қофияҳое истифода мекунад, ки бунёди онҳо бар истифодаи ягон санъати лафзии бадеӣ аст. Ин навъи қофияро қофияи бадеӣ ва қофияи маънавӣ номидаанд. Тавре А. Авғонов мушоҳида кардааст: «адабиётшиносони асримиёнагии тоҷик ҳарчанд анвои гуногуни қофияи бадеиро баён кардаанд, таърифи куллӣ ё номи ҷомее барои он насохтаанд» [60, 124]. Аз донишмандони муосир Р. Мусулмониён [117, 254]. С. Шамисо [178, 99] ва Кадканӣ [93, 220] дар хусуси қофияи бадеӣ изҳори назари жарфтаре намудаанд. Масалан, Р. Мусулмониён меорад: «...агар қофия дар ҷойҳои дигари пеш аз қофияи лавозим, барои хушоҳангию ороиши сухан оварда шавад, он санъати шеърист» [117, 254]. Сируси Шамисо зикр мекунад, ки «мақсуд аз қофияи бадеӣ қофияест, ки дар он яке аз саноотн бадеӣ, аз қабили иъноту таҷнису навоварӣ ва ибдоъе» вуҷуд дошта бошад [178, 99].

Ҳамаи ороёҳои лафзии бадеӣ ба вазифаи қофияи бадеӣ омада наметавонанд. Тавре А. Авғонов низ қайд кардааст: «На ҳамаи ороёҳои адабӣ метавонанд, ки дар иртиботи наздик бо қофия қарор гирифта, дар сохтмони

қофияи бадей накше ифо бикунанд. Шоирони мутасаннеъ танҳо аз баъзе санъатҳои бадеӣ, ба монанди таҷнис ва анвои он, илтизом, зуқофиятайн, раддулқофия, ҳоҷиб, ирсоду тафҳим, тазод ва ғайра дар маҳалли қофия истифода кардаанд» [60,124].

Дар байти зерини шоир таҷниси том ба вазифаи қофия омадааст:

Он чӣ бояд ҳама дорию надорӣ **монанд,**

Кас нагӯяд маҳу хуршед ба рӯят **монанд** [34, 96].

Дар байти боло шоир паҳлуҳои гуногуни маъноии калимаи «**монанд**»-ро ба назар гирифта, қофия сохтааст. Маънои якуми калимаи «**монанд»** мисл, ҳамбоз, шарик ва маънои дувумаш шабеҳ ва ба якдигар монанд шудани ин ё он ашёст.

**Эънот.** Санъати дигаре, ки дар сохтмони қофияи бадеии ашъори шоир истифода шудааст, эънот аст. Фахри Розӣ дар хусуси эънот овардааст: «Ва онро лузуми молоязам хонанд ва ҳақиқати ӯ он аст, ки шоир ё дабир илтизоми ҳуруфи муайян кунад пеш аз ҳарфи равӣ ё ридф...» [27, 238]. Дар «Донишномаи илми бадеъ»-и У. Тоиров эънот чунин шарҳ ёфтааст: «Эънот, иънот (ар...– ранҷонидан, худро дар кори душвор афкандан, ранҷ бар худ ниҳодан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд. Ин санъат чунон аст, ки шоир барои ороиши сухан ва зинати калом ҳарфи (пеш аз ҳарфи равӣ ва ридф) калимаеро такрор меорад, ки ба мазмуну талаби шеър кам дахл дорад. Ин навъи санъатро лузуми молоялзам (лозими ғайри зарурӣ) низ меноманд» [152, 1009].

А. Авғонов эънотро як навъи илтизом шумурда, дар хусуси он чунин меорад: «Мувофиқи назарияи илми қофия, илтизом он аст, ки шоир ҳарф ё ҳарфҳоеро дар решаи қофия меоварад, ки онҳо ҷузъи унсурҳои қофия ҳисобида намешаванд, вале дар таъсири мусиқоии калом нақш доранд. Аксаран низоми овоӣ ва сохтори калимаҳо худ ба гунае меоянд, ки шоир нохудогоҳ ба халқи ин санъат даст меёбад. Аз ин рӯ, ин санъат дар мусиқии канории шеър таъсиргузор аст» [60, 128].

Аз ин санъат низ дар девони Ҳумом мушоҳида мешавад, ки фақат барои ороиши зоҳирии сухан ва қавӣ гардонидани ҷанбаи мусиқоии сухани ӯ аҳаммият доранд:

Эй карда иқтидо ба камоли ту **анбиё**

В-эй муҳтадӣ ба нури ҷамоли ту **авли**ё [34, 31].

****

Хаёлат мекунад ҷонро **ҳимоят,**

В-агарна рафта будӣ з-ин **вилоят** [34, 278].

****

Зи ҳиҷронат басе дорам **шикоят,**

Намегунҷад дар имрӯз ин **ҳикоят** [34, 281].

Ҳарфи **«ё»** дар қавофии байти аввал ва «**ой»** дар абёти баъдӣ эънот мебошанд, дар сурате ки бидуни онҳо низ қофия дуруст аст ва шоир худро ба сахтӣ ва заҳмат андохта ва чизеро, ки лозм набуд, риоят кардааст. Бо истифода аз эънот дар абёти зери Ҳумом бо такрори вожаи «**кал»**, мусиқӣ ва оҳанги каломи шоир хеле қавӣ гардидааст:

Каримуддин, **калон калро** бигӯ **кал**,

Аминуддини **калро** шав муваккал.

Назар кун дар сари **кал** то бубинӣ,

Сафои ҷони ёронро мушаккал.

Ҳаметарсам, ки **кал** девона гардад,

Маро гӯяд макун беҳуда **кал-кал [**34, 183].

Дар ғазали дигари шоир калимаи **«субҳ»** илтизом шудааст:

Аз вақти **субҳ** ҳаст диламро сафои с**убҳ,**

Ҷонам мунаввар аст ба нури лиқои **субҳ**.

Аз ёди **субҳ** гашт муаттар машоми мо,

Дорад дилам ҳамеша ҳавои ҳавои **субҳ**.

Ёбад яқин зи зулмати бегонагӣ халос,

Ҳар ҷони ошно, ки шавад ошнои **субҳ**.

Аз теғи **субҳ** лашкари шаб мунҳазам шавад,

То шоҳи ахтарон бувад андар қафои **субҳ.**

Эй шаб, ҷамоли **субҳ** сазои ту медиҳад,

Ҷуз рӯи ёри ман надод ҳеч кас сазои **субҳ** [34, 81].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин ғазали комили шоир, ки навъи ғазали мусалсал аст, калимаи с**убҳ** илтизом шудааст, ки такрори он мусиқӣ ва оҳанги вижае ба саросари матни ғазал илқо кардааст. Бо ҷувуди ҷанбаи мусиқоӣ доштани калимаи якмаром дар шеър (лузуми молоязам), назариядодон онро хуб қабул надоранд. Кадканӣ мегӯяд: «Навъи дигари «илтизом» дар адаби қадим ҳаст, ки аз корҳои факкоҳию хандаовар ва ҳосили айёми бекории шуаро будааст ва он иборат аз ин аст, ки шоир шеъре бигӯяд ва дар тамоми мисраъҳо ва абёти он калимае муайянро то охир ба кор бибарад...Ин кор фақат девонагӣ ва ҷунун аст. Фақат одами девона метавонад аз он лаззат бибарад» [93, 277].

Баҳси мусиқии шеъри Ҳумоморо ба поён расонида, зикр кардан лозим аст, ки ҳар се навъи мусиқӣ – ҳам мусиқии берунӣ, ҳам кандорӣ ва ҳам дохилии калом дар шеъри Ҳумом бо ҳам омада, як мусиқи том ва оҳанги мутантане дар кулли ашъори ӯ ато кардаанд. Орояҳои бадеии номбурда, ки мо шаммае аз онҳоро таҳлил намудем, гузашта аз ҷанбаи дарунии мусиқоии шеъри шоирро таъмин кардан, ҳамчунин, дар сохтмони маъноии каломи ӯ низ саҳм дорад.

## 3.3. Вазн

Вазн навъе аз оҳанг ё мусиқие мебошад, ҳиҷоҳо дар он дар замону макони муайян устувор мегарданд. Дар хусуси ҷанбаи мусиқоии вазн профессор М. Нарзиқул дар китоби «Вазни шеъри тоҷикӣ» чунин мегӯяд: «Баъд аз ба таври дуруст муайян кардани вазни шеър як навъ оҳанги махсус ҳам ба вуҷуд меояд, ки онро мусиқии шеър мегӯем. Лаҳни мусиқоие, ки аз ин роҳ ҳосил мешавад, танҳо навъе аз мусиқии шеър аст. Воситаҳои бавуҷудоварандаи мусиқии калом зиёданд» [123, 9]. Гузашта аз ин, муҳаққиқи номбурда доир ба аҳаммияти омӯзиши аруз андеша ронда, се ҷиҳати муҳимми онро матраҳ кардааст: «Вазни шеър аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммият аст:

1. Такрори муназзаму хушоянди рукн ва зиҳофҳо ба шеър таъсири мусиқоӣ мебахшад ва ба ин васила шеър гӯшнавоз мешавад.

2. Ба шеър назму таносуби хоссе, ки мебахшад, ҳифз ва идроки онро осон мегардонад.

3. Табиати махсуси шеърро, бо таваҷҷуҳ ба муҳтаво ва мавзуъ, мушаххас мегардонад. Аз ин ҷост, ки баъзе вазнҳо ба мавзуоти хоссе ҳам вобаста дониста шудаанд, ба мисли авзони маснавиҳо, вазни рубоию дубайтӣ ва ғайра» [123, 9].

Аз ин бармеояд, ки дар вазни аруз на танҳо баробарии миқдори ҳиҷоҳо, балки риояти тартибу низом ва таносуби муайян миёни навъи ҳиҷоҳо низ дорои эътибори махсус аст. Донишмандони назарияпардоз мусиқии вазнро ба мусиқии берунии шеър иртибот додаанд. Муҳаққиқи Эрон Аҳмади Муҳсинӣ дар китоби «Радиф ва мусиқии шеър» чунин меорад: «Манзур аз мусиқии берунии шеър ҷониби арузии вазни шеър аст, ки бар ҳамаи шеърҳое, ки дар як вазн суруда шудаанд, қобили татбиқ аст» [119, 12].

Андешаи дигаре, ки дар мавзуи мусиқии вазн бояд изҳор кард, ин аст, ки ихтироъкору созандаи баҳрҳову вазнҳо аслан шоиронанд, дар сурате, ки бархе аз вазнҳоро уламои аруз низ ба таври маснуӣ сохтаанд. Яъне, ҳар вазне, ки аз ҷониби ин ва ё он шоири хушзавқ кашфу эҷод мешавад, ба руҳияи алоқамандони шеър завқ ва лаззату шуре ато мекунад. Ин қабил авзонро дар

истилоҳи адабӣ, маъмулан, авзони матбуъ мегӯянд. Ба сухани дигар, мусиқӣ, оҳанг, ё худ вазн падидаи завқиест, ки нахуст дар зеҳну равони шоир арзи ҳастӣ карда ва сабаби эҷоди ин ё он шеър мешавад [168, 104].

Арасту шеърро ба мусиқӣ монанд мекунад [151, 73], ки комилан дуруст аст, чунки фақат шеър аст, ки аз ҳар ҷиҳате бо мусиқӣ иртиботи қавии мантиқӣ дорад. Ғазалиёти Ҳумом ҳам дар ин маврид беҳтарин намунаи шабоҳати шеър бо мусиқӣ аст, зеро ҷанбаи хушоҳангии савту лафз ва равонии сухан дар он ба таври махсус эҳсос мешавад.

Ҳамаи авзон ва баҳрҳои истифодашуда дар ғазалиёти Ҳумомро муайян ва онҳоро бо мисолҳо ба таври зер табақабандӣ кардем:

### I. Рамал – 86 ғазал

1.Рамали мусаммани маҳзуф – 30 ғазал

–V– – /–V– – /–V– – /–V–

Рӯйи туркам бин макун нисбат ба хубӣ моҳро,

Турки ман дар хайл дорад сад чу маҳ панҷоҳро [36, 59].

2. Рамали мусаддаси маҳзуф – 14 ғазал

–V– – /–V– – /–V–

Чашми масташ дӯш медидам ба хоб,

Карда буд аз ноз оғози итоб [36, 61].

3.Рамали мусаммани махбуни аслам – 27 ғазал

–V– – /VV– – /VV– – / – – (~)

Макун, эй дӯст, маломат мани савдоиро,

Ки ту рӯзе накашидӣ ғами танҳоиро [36, 60].

4.Рамали мусаммани солим – 1 ғазал

–V– – /–V– – /–V– – /–V– –

Солҳо бояд, ки чун ту моҳе зи даврон барояд,

Ё чу болои ту сарве хуш зи сарвистон барояд [36, 103].

5.Рамали мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур – 13 ғазал

–V– – /VV– – /VV– – / VV– (~)

Дӯсто, доманат осон натавон дод зи даст,

Ҷони ширини манӣ, ҷон натавон дод зи даст [36, 75].

6.Рамали мусаммани машкул – 2 ғазал

VV–V /–V– – /VV–V /–V– –

Найи бенаво зи шаккар ба наво шакарфишон шуд,

Чӣ хуш аст нағмаи ӯ, ки ҳаёти ҷовидон шуд [36, 87].

**II. Музореъ – 40 ғазал**

1.Музореъи мусаммани ахраб ё ахраби мусаббағ – 18 ғазал

– –V /–V– –/– –V /–V– –

Ҷонро ба ҷойи зулфат ҷойи дигар набошад,

З-ин манзили хуш ӯро азми сафар набошад [36, 85].

2.Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур – 22 ғазал

– –V /–V– V / V – –V /–V– (~)

Аз вақти субҳ аст диламро сафои субҳ,

Ҷонам мунаввар аст ба нури лиқои субҳ [36, 81].

**III. Ҳазаҷ – 39 ғазал**

1.Ҳазаҷи мусаммани солим – 7 ғазал

V– – – /V – – – / V– – – /V – – –

Агар бахтам диҳад ёрӣ, ки ёрам ҳамнишин бошад,

Зиҳӣ муқбил, ки ман бошам, зиҳӣ давлат, ки ин бошад [36, 86].

2.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф – 4 ғазал

– – V/ V – – V /V – –

Рӯят ба ҳар анҷуман дареғ аст,

Сарви ту ба ҳар чаман дареғ аст [36, 69].

3.Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф – 21 ғазал

V– – – /V – – – / V– –

Зи ҷонон меҳру аз мо ҷонфишонист,

Ҷавоби меҳрубонон, меҳрубонист [36, 86].

4.Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф – 3 ғазал

– – V /V – – V /– – V /V – –

Ёре, ки рухаш қиблаи соҳибназарон аст,

Чашму дили мардум ба ҷамолаш нигарон аст [36, 73].

5. Ҳазаҷи мусаммани ахраб – 4 ғазал

– – V /V – – – /– – V /V – – –

Рӯят беҳ аз он омад, инсоф кӣ мебояд,

бо рӯи ту дар олам гар гул набувад, шояд [36, 102].

**IV. Муҷтас – 31 ғазал**

1.Муҷтаси мусаммани махбуни аслам ё аслами мусаббағ – 23 ғазал

V–V– /VV– – /V–V– /– – (~)

Миёни мову шумо буд пеш аз ин пайванд,

Ки ҷони улвии мо шуд дар ин қафас дар банд [36, 88].

2.Муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур – 8 ғазал

V–V– /VV– – /V–V– / V – – [~]

Биҳишти рӯйи туро пок дидае бояд,

Ки ҷуз ба дидани рӯйи ту дида накшояд [36, 101].

**V. Раҷаз – 9 ғазал**

1.Раҷази мусаммани солим – 9 ғазал

– – V – /– – V – /– – V – /– – V –

Ай пеши нақши рӯйи ту соҳибдилон бехештан,

В-аз чашми мастат фитнаҳо афтода дар ҳар анҷуман [36, 130].

**VI.Мутақориб – 5 ғазал**

1.Мутақорибі мусаммани солим – 2 ғазал

V – – /V – – /V – – /V – –

Зи баҳри ту бояд маро зиндагонӣ,

Ки ширинтарӣ аз замони ҷавонӣ [36, 160].

2.Мутақориби мусаммани маҳзуф – 2 ғазал

V – – /V – – /V – – /V –

Кашам нақди ҷонро ба бозори ӯ,

Ки ин аст шарти харидори ӯ [36, 141].

### VII. Мунсареҳ – 4 ғазал

1.Мунсареҳи мусаммани матвӣ ё матвии макшуф – 4 ғазал

– VV– /–V– /– VV– /–V–

Чун саҳар аз бӯи гул гашт муаттар ҳаво,

Аз нафаси ёри мо дод нишоне сабо [36, 56].

### VIII. Хафиф – 2 ғазал

1.Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё мақсур – 1 ғазал

–V – – /V–V– /V – – (~)

Эй гул, аз ғунча кай бурун оӣ,

Ки шудам з-интизор савдоӣ [36, 162].

2.Хафифи мусаддаси махбуни аслам ё асламӣ мусаббағ – 1 ғазал

–V – – /V–V– /– – (~)

Ҳар кӣ ӯ ошиқи ҷамол бувад,

Шоҳидаш худ гувоҳи ҳол бувад [36, 96].

### IX. Сареъ – 1 ғазал

1.Сареъи мусаддаси матвии мавқуф – 1 ғазал

–VV– /–VV– /–V–

Бӯйи хушат ҳамраҳи боди сабост,

Ончи сабораст муйяссар кирост? [36, 64].

Аз таҳқиқи авзони истифодашуда дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ маълум гардид, ки аз ҷиҳати басомад баҳри рамал ва зиҳофҳои он дар ғазалҳои шоир бештар (86 ғазал) истифода шудааст. Муҳаққиқон сабаби истифодаи зиёди ин баҳрро дар ғазали классикии форсӣ гуногун маънидод кардаанд. Масалан, профессор Б. Мақсудзода дар китоби «Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ» доир ба истифодаи баҳри рамал дар ашъори Ироқӣ чунин натиҷа гирифтааст: «...аз рӯи ҷойгиршавии ҳуруфи ҳамсадоҳо савти нутқи бадеии шоир навъе даккахӯрон ба алвонҷ берун меояд ва мизони зарбии аҷибе ба вуҷуд меоварад. Табиист, ки дар чунин ашкол каломи мавзун замзамаи хос ба ҳосил медиҳад» [109, 462].

Ҳумом дар вазни рамал ва шуъабу азоҳифи он бештар ашъори ҳаштрукна (мусамман) сурудааст, ки теъдоди онҳо 72 адад мерасад, дар шакли мусаддаси ин баҳр (рамали мусаддаси маҳзуф) танҳо 14 ғазал сурудааст.

Навъи фаръии аз ҳама серистеъмоли баҳри рамал дар девони Ҳумом рамали мусаммани маҳзуф бар афоили –V– – /–V– – /–V– – /–V– (30 ғазал) ва рамали мусаммани махбуни аслам бар афоили –V– – /VV– – /VV– – / – – (20 ғазал) мебошанд.

Дувумин баҳре, ки аз ҷиҳати басомад дар ғазалҳои шоир зиёд корбаст дорад, музореъ мебошад. Тавре қаблан овардем, шоир ҳамагӣ дар ду вазни баҳри музореъ – музореъи мусаммани ахраб ё ахраби мусаббағ ба афоили – –V /–V– –/– –V /–V– – ва музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур бар афоили – –V /–V– V / V – –V /–V– (~) 40 ғазал сурудааст.

Дар ҷои сеюм баҳри ҳазаҷ ва авзони ҳосилшуда аз азоҳифи он (39 ғазал) қарор дорад. Аксари ғазалҳои дар баҳри ҳазаҷ сурудаи шоир дар шакли мусаддас (25 ғазал) суруда шуда, 14 ғазали он дар шакли мусамман суруда шудаанд. Бояд қайд намоем, ки баҳри ҳазаҷ аз ҷумлаи равонтарин авзони шеъри форсӣ, аз ҷумла, ғазалиёти Ҳумом ба ҳисоб меояд. Ин баҳр дорои оҳанги махсуси ҳузнангез мебошад ва дар ғазалҳои Ҳумом мусиқии равон ва оҳанги риққатнокеро ба вуҷуд овардааст.

Чаҳорумин баҳр аз буҳури арузии серкорбурдтарин дар ғазалҳои Ҳумом, баҳри муҷтас ва азоҳифи он ба шумор меояд. Шоир дар ду вазни баҳри муҷтас – муҷтаси мусаммани махбуни аслам ё асламi мусаббағ бар афоили V–V– /VV– – /V–V– /– – (~) (23 ғазал) ва муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур бар афоили V–V– /VV– – /V–V– / V – – (~) (8 ғазал) эҷод намудааст.

Муайян шуд, ки Ҳумом дар 27 вазн аз 9 баҳри аруз ғазал сурудааст ва агар онҳоро ба авзони истифодашуда дар ғазалҳои Ироқӣ, ки профессор Б. Мақсудзода [109, 462] муайян кардааст ба вазни ғазалҳои Саъдӣ [58, 62-64] муқоиса кунем, маълум мегардад, ки як ҳамоҳангӣ ва ташоббуҳи хосс миёни онҳо вуҷуд дорад. Аз миёни анбуҳи буҳури тистифодашуда дар ғазалҳои Ҳумом 200 ғазал дар шакли мусамман ва 20 ғазал дар шакли мусаддас эҷод шудаанд.

## 3.4. Қофия ва радиф

Қофия калимаи арабист ва дар луғатҳо ба маънои пушти сар ва ниҳояту охири ҳар чиз мебошад. Дар истилоҳ калимаҳои ҳамшакл, ҳамвазн ва ҳамоҳангеро мегӯянд, ки аксаран дар охири шеър омада, вазн ва ҷанбаи мусиқоии шеъро муҳкам мекунанд. Кадканӣ дар таърифи қофия гуфтааст: «Қофия ҳамон маҷмуаи овоӣ, гузашта аз вазн ба лиҳози иштироки сомитҳо ва мусавватҳо дар мақотеъи хоссе – васат ё охир ва ҳатто аввали ҳар қисмат метавонад таносуби якдигарӣ ҳам дошта бошад, ки худ сурати дигаре аз мусиқии шеър аст ва онро қофия (ба маънои омми калима, ки шомили қофияҳои миёнин ҳам мешавад), мехонем» [93, 10].

Ба қавли Муҳсини Аҳмад, қофия ва радиф бо ҳам омада, ҷанбаи мусиқии канории шеърро мушаххас мекунанд: «Манзур аз мусиқии канорӣ авомилест, ки дар низоми мусиқиёии шеър дорои таъсир аст, вале зуҳури он дар саросари байт ё мисроъ қобили мушоҳида нест. Баръакс, мусиқии берунӣ, ки таҷаллии он дар сартосари байт ё мисраъ яксон аст ва ба таври мусовӣ дар ҳама ҷо ба як андоза ҳузур дорад. Ҷилваҳои мусиқии канорӣ бисёр аст ва ошкортарин намунаи он қофия ва радиф аст ва дигар такрорҳо ва тарҷеъҳо» [119, 12].

Саре дорам зи савдои ту **сармаст**,
Ки бо чашми ту ӯро нисбате **ҳаст** [34, 64].

Тавре маълум аст, ҳар ҳарф ва ҳаракоти қофия ном дорад. Фахри Розӣ дар боби бистум аз «Ҷомеъ-ул-улум», ки ба қофия бахшида шудааст, дар хусуси ҳуруфи қофия гуфтааст: «Адади он шаш аст: равӣ, васл, хуруҷ, ридф, таъсис ва дахил. Ва қавме дигар ҳуруфе дигар ёфтаанд баъд аз ҳарфи хуруҷ ва онро «зоид» ном кардаанд ва қавме дигар ҳуруфи дигар афзудаанд» [27, 227]. Дар байти аввали Ҳумом ки матлаи яке аз ғазалҳои ӯст, калимаҳои «сармаст» ва «ҳаст» қофия буда, ҷузъи «аст»-и ҳар ду калима решаи қофия мебошанд ва «т» равӣ, «с» дахил ва садоноки кӯтоҳи «а», ки пеш аз дахил омадааст, ҳазв мебошад. Ин навъи қофияро қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд мегӯянд.

Дар бунёд ва шаклгирии қофия вуҷуди ҳарфи равӣ хеле муҳим аст ва бузургони назарияпардози мо «бинои шеърро бар равӣ» рабт додаанд: «Аммо ҳарфи равӣ он ҳарф аст, ки бинои шеър бар вай бувад ва аз такрор аз он дар ҳар байте дар як мавзуи муайян гузир набошад, чунонки «бо» дар ҳар шеъре, ки қофияи ӯ катаб ва насаб бошад» [27, 227]. Қофия дар адабиёти классикии форс-тоҷик аз воситаҳои асосии шаклии шеър буда, вобаста ба тарзи қофиябандӣ навъҳои шеърро (ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, мусаммат ва ғайра) ҷудо мекунанд.

Вобаста ба иштироки ҳарфи равӣ (охирин ҳарфи решагии калимаи қофия) ва иштироки дигар ҳарфу ҳаракатҳо, қофияро ба навъҳои муқайяд ва мутлақ ҷудо мекунанд.

Қофияи муқайяд (ишкелшуда, дар банд шуда) қофияеро мегӯянд, ки бо равӣ ба анҷом расида бошад. Яъне, қофияе, ки дар он баъди равӣ дигар аносири қофиясоз наомада бошанд. Мисол:

Чун саҳар аз бӯйи гул гашт муаттар **ҳаво,**
Аз нафаси ёри мо дод нишоне **сабо** [34, 56].

Дар ин байти Ҳумом калимаҳои «ҳаво» ва «сабо» қофия буда, садоноки дарози «о» равӣ мебошад. Аз сабаби он ки дар ин қофияҳо пас аз равӣ дигар ҳарфҳои қофия вуҷуд надоранд, онро қофияи муқайяди муҷаррад меноманд.

Қофияи мутлақ (комил, пурра) қофияеро мегӯянд, ки баъди равӣ дигар унсурҳои қофиясоз омада бошанд, яъне қофияе, ки дар он баъди равӣ ҳарфҳои васл, хуруҷ, мазид, ноира ва ҳаракатҳои маҷрову нафоз омада бошанд. Мисол:

Ҷонро ба ҷойи ҷонӣ, ҷойи ту кас **нагирад**,
Меҳри ту зинда монад, рӯзе, ки тан **бимирад** [34, 85].

Дар байти боло калимаҳои «нагирад» ва «бимирад» ба вазифаи қофия омада, ҷузъи «ирад»-и ҳар калима решаи қофияро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо садоноки кӯтоҳи «и» ҳазв, «р» равӣ, «а» маҷро ва «д» васл мебошад, ки ин навъи қофияро қофияи мутлақ бо васл мегӯянд.

Баъзан, ба воситаи оҳанг ва танини хосси қофия маънои шеърро дарк кардан ва мақсади шоирро комилтар фаҳмидан мумкин аст: «Вобаста ба ҳолати

отифӣ ва таҷоруби руҳонии шоир гоҳо тавассути оҳанги хосси калимоти қофия мафоҳими шеър рӯшан мегардад. Аз нигоҳи савтӣ калимоти қофия ҳолати ваҷд ё ҳузни шоирро мерасонанд» [127, 84].

Анвои қофияи пурбаҳои истифодашуда дар ашъори Ҳумомро ба таври зайл баррасӣ мекунем ва барои ҳар навъи қофия намунаҳо меорем:

**I. Қофияи муқайяд ва навъҳои он** (117 ғазал).

1. Қофияи муқайяди муҷаррад – 46 ғазал

Чун саҳар аз бӯйи гул гашт муаттар **ҳаво,**

Аз нафаси ёри мо, дод нишоне **сабо** [34, 56].

2. Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад – 66 ғазал:

Доштам рӯзе нигоре **ёд** меояд маро,

Ҳар замон аз ёди ӯ **фарёд** меояд маро [34, 59].

3. Қофияи муқайяд бо ридфи зоид – 7 ғазал:

Дилам зи уҳдаи ишқат бурун **намеояд**,

Ба ҷойи ҳар сари мӯйе маро диле **бояд** [34, 102].

4. Қофияи муқайяд бо таъсис, дахил ва қайд – 1 ғазал:

Он чӣ бояд ҳама дорию надорӣ **монанд**,

Кас нагӯяд маҳу хуршед ба рӯят **монанд** [34, 96].

5. Қофияи муқайяд бо қайд – 8 ғазал:

Туркам зи майи муғона **сармаст,**

Меомаду ақл рафта аз **даст** [34, 63].

6. Қофияи муқайяд бо таъсис ва дахил – 3 ғазал:

Хиромон меравад он **сарвқомат,**

Ҷаҳонеро аз он қомат **қиёмат** [34, 79].

**II.Қофияи мутлақ ва анвои он (93 ғазал)**

1. Қофияи мутлақ бо васл – 21 ғазал:

Ҷонро ба ҷойи ҷонӣ, ҷойи ту кас **нагирад**,

Меҳри ту зинда монад, рӯзе, ки тан **бимирад** [34, 85].

2. Қофияи мутлақ бо ридф, васл ва хуруҷ – 4 ғазал:

Соқӣ ҳамон беҳ к-имшабе дар гардиш орӣ **ҷомро**,

В-аз акси май рӯшан кунӣ,чун субҳи содиқ **шомро** [34, 58].

3.Қофияи мутлақ бо васл ва хуруҷ – 14 ғазал:

Назарҳо маҳрами рӯят **набуданд,**

Ба муштоқон намудорӣ **намуданд** [34, 90].

4. Қофияи мутлақ бо ридф ва васл – 26 ғазал:

Биномезад **чунонат** офариданд,

Ки пиндорӣ зи **ҷонат** офариданд [34, 92].

5. Қофияи мутлақ бо қайд ва васл – 6 ғазал:

Зиҳӣ, шамоили мавзуну қадди **дилбандаш,**

Ки ҳар ки дид рухаш гашт **орзӯмандаш** [34, 111].

6. Қофияи мутлақ бо қайд, васл ва хуруҷ – 2 ғазал:

Сар то қадам ба оби ҳаётат **сириштаанд,**

Дилҳо мисоли нақши ту бар ҷон **набиштаанд** [34, 89].

7. Қофияи мутлақ бо таъсис, дахил, васл ва хуруҷ – 2 ғазал:

Зоҳидон бо шоҳидон **ҳамхонаанд,**

Гирди ҳар шамъе дусад **парвонаанд** [34, 90].

8. Қофияи мутлақ бо таъсис, дахил ва васл – 1 ғазал:

Агар нигори ман аз рух ниқоб **бикшояд**,

Ба ҳусни хеш ҷаҳон сар ба сар **биорояд** [34, 100].

Бояд ёдовар шуд, ки агар яке аз роҳҳои асосии хушоҳангӣ ва ҷанбаи мусиқоии шеъри Ҳумом интихоби авзони арузӣ бошад, ҷанбаи дигари мусиқоии ғазалҳои ӯ корбурди махсуси қофия ва навъҳои он аст. Шафеии Кадканӣ дар китоби «Мусиқии шеър» [93, 62-102] 15 хусусияти шакливу маъноии қофияро дар сохмони шеър оварда, ба мисолҳо тавзеҳ додааст, ҳамчунин, дар «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ [89, 381-387] ва «Назарияи адабиёт»-и Р. Мусулмониён [117, 251-254] баъзе аз вазифаҳои қофия сареҳан нишон дода шудаанд, ки хонанда дар ин хусус аз он ҷо маълумоти зиқиммати илмӣ пайдо карда метавонад.

Радиф ва навъҳои он низ дар ғазалҳои Ҳумом корбасти қавӣ дорад. Радиф калимаи арабист ва дар фарҳангу луғатҳо дар шакли «радиф», ки маънои «аз ӯ

пайравӣ кардан», «пушти сари ӯ савор шудан» ва ғайра омадааст [119, 17]. Ба маънои истилоҳӣ «калима ё ибора, ки дар охири ҳар байти шеър пас аз қофия такрор меёбад», зикр гардидааст [37, 115].

Симо Дод вожаи радифро наздик бо ҳамин нишондоди фарҳанги мазкур маънидод кардааст: «Радиф дар суннати назми форсӣ як ё чанд калимаи мустақил ва ҳатто ҷумлаи ҷудо аз қофия аст, ки якҷо бо қофия айнан такрор шавад ва шеър дар маънию вазн бад-он эҳтиёҷ дошта бошад» [16, 235].

Шафеъии Кадканӣ дар «Мусиқии шеър» радифро неъмати бузург барои шеъри форсӣ донистааст: «Радифро бояд яке аз неъматҳои бузурги шеъри форсӣ донист, дар сурате, ки балои ҷони маонӣ ва эҳсосоти шоир набошад. Зеро аз ҷиҳати мусиқию маонӣ ва кӯмак ба тадоиҳои шоир ва аз назари таркибот ва маҷозҳои бадеъ ба шеър зебоӣ ва аҳаммият мебахшад» [93, 138-142]. Ҳамчунин, Кадканӣ зикр кардааст, ки гарчанде калимаи радиф арабӣ ҳам бошад, он, аслан, моли шоирони порсигӯ ё шеъри форсӣ аст ва он дар шеъри арабӣ корбаст надорад: «Аз баррасии шеърҳои форсию арабӣ ва туркӣ ба хубӣ дониста мешавад, ки радиф хосси эрониён ва ихтирои эшон аст, зеро то он ҷо ки медонем, дар ин се забон радиф вуҷуд дорад, аммо дар ҳеч кадом ба аҳаммият ва собиқаи форсӣ нест» [93, 124-138].

Гузашта аз қазовати боло, ҳамчунин, Кадканӣ радифро яке аз шигардҳо, шохисаҳо ва аз ҳунарсозаҳои халлоқи мухтас ба шеъри форсӣ медонад ва як имкон барои ошноизудоӣ ва ибдоъу халлоқият дар шеъри форсӣ мураррифӣ кардааст: «Баъзе шигардҳо дар баъзе фарҳангҳо бисёр шохис ва омили халлоқиятанд, вале дар фарҳанги дигар ё шинохта нестанд, ё агар масодиқе дошта бошанд, чандон ҳолати чашмгиру халлоқ нахоҳанд дошт; мисли мақулаи радиф дар шеъри форсӣ. Бахше азиме аз халлоқияти шоирони эронӣ ва саҳми чашмгире аз ташаххуси корашон дар баҳраварӣ аз радиф аст. Аммо дар забони англисӣ касе бихоҳад аз имконоти радиф баҳравар шавад, бо тангноҳои аҷибу даступогир рӯ ба рӯ хоҳад шуд» [93, 64-65].

Муҳсини Аҳмад низ радифро мутлақан моли шеъри форсӣ медонад: «Радиф ҷузве аз мусиқии шеъри форсист. Ин унсури шеърӣ фақат номи худро

аз забони арабӣ гирифтааст, аммо ҳеч ранги адаби арабро бар худ надорад» [119, 23].

То асрҳои XI-XII радифҳо, одатан, аз калимаҳои сода иборат буданд. Бо такомули адабиёт ва шеър радиф низ такомул ёфта, аз феълҳои сода ба таркибу ибора ва ҷумлаҳо баробар мешавад. Ҳатто шеърҳое ҳастанд, ки дар онҳо як калима қофия буда, дигар калимаҳо ҳама ба вазифаи радиф меоянд ва радиф бори маъноии шеърро бар дӯш дорад. Масалан дар байти зерин калима "биё", "даро" қофия буда, дигар калимаҳо ҳама радиф мебошанд:

Биё, **ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад,**

Даро, **ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад** [153, 289].

Аз миёни ғазалиёти Ҳумом дар 92 ғазал радиф омадааст ва 128 ғазали дигар бидуни радиф мебошанд. Аз ғазалҳои мураддаф дар 12 ғазал радифҳои таркибӣ истифода шуда, дар 80 ғазали дигар калимаҳои сода ва сохта ба ҳайси радиф омадаанд, радифҳои тулонӣ ва дар шакли ибора низ дар ашъори ӯ дида мешаванд. Радифҳо бо якҷоягӣ бо қофия дар ғазалиёти шоир яке аз омилҳои асосии эҷоди оҳангнокӣ ва мусиқоии ғазалҳо гаштаанд. Шоир бештар калимаҳои содаро амсоли «аст», «нест», «мебошад», «субҳ», «шакар», «надорад», «оварад» ва ғайра ба кор мебурдааст. Чанд мисол барои радифҳои сода:

Ҳуснат чу иштиёқи дилам бениҳоят **аст**,

В-аз ошиқон фароғати ёрам бағоят **аст** [34, 66].

***

Ёре, ки рухаш қиблаи соҳибназарон **аст,**

Чашму дили мардум ба ҷамолаш нигарон **аст** [34, 74].

***

Видои чун ту нигоре на кори осон **аст,**

Ҳалоки ошиқи мискин фироқи ҷонон **аст** [34, 73].

***

Аз сӯзи дили мо-т ҳамоно хабаре **нест**,

К-ин нолаи шабҳои маро худ саҳаре **нест** [34, 78].

***

Аз вақти субҳ ҳаст диламро сафои **субҳ**,

Ҷонам мунаввар аст ба нури лиқои **субҳ** [34, 81].

Тавре мушоҳида мешавад, аксари радифҳои истифодакардаи шоир феълӣ ва исмӣ мебошанд. Кадканӣ дар хусуси ин гуна ридифҳо мегӯяд: «Интишори радифҳое, ки ҷанбаи исмӣ доранд, мисли «теғ», «субҳ», «оташ» ва «об» бештар барои намоиш додани қудрати шоирии гӯяндагон будааст. Ва низ радифҳои феълии дигаре, аз қабили «афшонданд», «хоҳам фишонд» сабаб шудааст, ки ба таври куллӣ тасвирҳои шеъри давраҳои баъд хулоса ва кӯтоҳ шавад ва истиораю изофаҳои ташбеҳӣ ҷои ташбеҳҳои дақиқ ва комили баъидро бигиранд» [93, 226].

Радифҳои исмӣ ва феълӣ барои офариниши тасвирҳои тоза низ муфиданд: «Радиф, аз як сӯй, гӯяндаро дар тангнои интихоби калимот қарор медиҳад. Барои шоире, ки қудрати тахайюл ва ройи сохтани тасвир ва тадоъии маонии тоза дошта бошад, равзанаест барои халқи хаёлҳои бадеъ ва тасвирҳои тоза» [93, 226].

Ҳамагӣ дар 12 ғазали Ҳумом радифҳои мураккаб омадаанд, ки оҳангнокӣ ва ҷиҳати мусиқоии ғазалҳои шоирро дучанд кардаанд:

Доштам рӯзе нигоре, **ёд меояд маро**,

Ҳар замон аз ёди ӯ **фарёд меояд маро [**34, 59].

Радиф ба хотири нақши созанда ва таъсиргузораш дар мусиқии шеър «аз қадимтарин намунаҳоли мавҷуди шеъри дарӣ то давраи рушду такоммули он ҳамвора ҷузъи ошкор ва боризи шеъри форсӣ будааст, ки ба тавсеаи хайёлот ва таркиботи тасвирӣ дар шеър кумак мекунад ва маҷоз ва истиораро васеъ месозад» [93, 233]. Радиф дар забони форсӣ бештар аз соири дигар забонҳо вуҷуд дорад, ҳатто дар забони арабӣ, ки хостгоҳи асосии қасида аст ва дар забони форсӣ ба табаият аз он дар қарни IX оғоз шудааст, эҳтимол меравад, қофия ва радиф дар он забон басомади зиёде надорад. Кадканӣ иллати таваҷҷуҳи эрониён ба радиф ва адами таваҷҷуҳи араб ба онро дар сохтмони табии забони форсӣ медонад. Сабаби ин чиз дар ҷанбаи мусиқоии забони форсӣ

мебошад. Ҷанбаи мусиқоии калимоти форсӣ бар хилофи калимоти арабӣ нишоне аз эъроб надоранд. Бинобар ин, наметавон дар он кашиши савтӣ эҷод кард, агарчи дар забони форсӣ андак таваққуф рӯи ҳаракати қабл аз равӣ сурат мепазирад, аммо ин таваққуф ба он андоза нест, ки мусиқии қофияро комил кунад. Бинобар ин, барои такмили мусиқии шеър аз радиф истифода мекунанд, то ҳуруфи муштараки поёни шеърро, ки баъзан аз як ё ду ҳарф бештар нест, густариш диҳанд ва бар мусиқии шеър бияфзоянд [115, 46]. Профессор М. Низомӣ доир ба хусусияти забони форсӣ дар офариниши радиф баҳс карда, чунин меорад: «Як хусусияти забони форсӣ-тоҷикӣ ин аст, ки қариб дар ҳар ҷумла феъли робит (буд, шуд, кард) ё бандаки хабарӣ (аст) мавҷуд аст ва ҳамчунин, аз рӯи тартиби калима дар ҷумла феъл ҳамеша дар охир меояд. Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши радиф дар шеъри форсӣ низ ҳамин аст. Илова бар ин, ниёзмандии бештаре ба мусиқии қофия ва тавсеаи тасвирҳою маонӣ истифодаи радифро ривоҷ бахшидаанд» [127, 87].

Ҳамчунин, муҳаққиқи шеъри маснуъ А. Авғонов доир ба радиф ва хусусиятҳои мусиқиофарии ӯ чунин гуфтааст: «Дар шеъри форсӣ радифҳо бештар аз калимаҳои форсӣ ҳастанд, бархилофи қофия, ки бештар аз алфози арабӣ ахз шудааст. Шоир барои сохтани қофия гоҳ мушкил дорад ва овардани чандин қофия дар як шеър барои ӯ осон нест, аз ин ҷиҳат, аз забони арабӣ, ки забони қолабист, баҳра мегирад. Овардани радиф ин душвориро барои шоир надорад ва табиист, ки калимаи форсӣ ва бахусус феълҳои форсӣ, барои ӯ муносибтар аст. Чаро ки ҳам ҷумларо ба сомон мерасонад ва ҳам мусиқии шеърро ғанӣ мекунад» [60, 190].

Дар ғазалиёти шоир бештар таркиб ва ибораҳои сода ва маъмулии ба фаҳми хонанда наздик ба кор рафтаанд, ки хонандаро ба сардаргумӣ намебаранд. Чанд намуна:

Рӯят ба ҳар анҷуман **дареғ аст,**
Сарви ту ба ҳар чаман **дареғ аст** [34, 69].

***

Ёд бод он роҳати ҷон, **ёд бод,**

Ошиқонро аҳди ҷонон **ёд бод** [34, 81].

*******

Хона имрӯз биҳишт аст, ки Ризвон **ин ҷост**.

Вақти парвардани ҷон аст, ки ҷонон **ин ҷост** [34, 67].

*******

Биё, биё, ки зи ҳаҷр омадам ба ҷон, **эй дӯст,**

Биё, ки сер шудам бе ту аз ҷаҳон, **эй дӯст** [34, 76].

***

Дӯсто, доманат осон **натавон дод зи даст**,

Ҷони ширини манӣ, ҷон **натавон дод зи даст** [34, 75].

Маълум гардид, ки қофия радиф дар ғазалҳои Ҳумом натанҳо ҷанбаҳои шаклии ашъори ӯро таъин намудаанд, балки ҷанбаи мусиқоии шеъри ӯро мустаҳкам намуда, бори маънои ғазалро низ бар дӯш доранд. Гарчанде ки донишмандону суханшинон радифро аз лавозими ғазал донистаанд, аммо таҳқиқи мо нишон дод, ки қариб 80 дарсади ғазалҳои Ҳумом бидуни радиф мебошанд.

### 3.5. Orояҳои бадеӣ

Ҳумоми Табрезӣ дар ғазалҳояш аз навъҳои гуногуни орояҳо ва ҳунарсозаҳои бадеӣ истифода кардааст, ки ин аз истеъдод ва маҳорати ғазалсароии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ҳумом тавассути кор гирифтан аз саноеъи гуногуни бадеӣ сухани хешро муассиру ҷаззоб адо кардааст. Истифодаи касир ва бамаврид аз ташбеҳу истиора, маҷоз, тавсифу тазодду муқобала, суолу ҷавоб, талмеҳ, иҳом ва дигар санъатҳои маънавии бадеӣ дар ғазалҳои шоир мушъир бар он аст, ки ӯ аз мактаби бузурги ғазалсароёни салафи худ хуб огоҳ будааст ва баъзе ташбеҳоту истиороти салафро ошноизудоӣ кардааст.

Дар истифодаи санъатҳои гуногуни бадеӣ Ҳумом тариқеро интихоб кардааст, ки мухтас ба сабк ва салиқаи ӯ дар эҷоди ғазал аст ва ҳамин чиз сабаби тағйир ва фарқи сабки ӯ аз дигар ғазалгӯёни адабиёти форсу тоҷик шудааст.

Латофату таровати ғазалҳои Ҳумом дар беолоишӣ ва дур аз суханбозӣ будани онҳо мебошанд. Дар ғазалиёти ӯ вожаҳои мураккаб ва тумтароқ, ки хонандаро ба сардагумӣ баранд, ҷой надорад. Аз мундариҷаи ғоявии баъзе аз ғазалҳои ӯ равшан аст, ки ӯ қолаби суханбозиро раҳо карда, бо шеваи ноб ва забони саъдиёна, ки дар он давр расм буд, шеър мегӯяд ва дар ин ҳангом дар сухани ӯ печидагӣ ва такаллуф ҷой надорад.

**Тавсиф.** Санъати маънавии мустаъмал дар ғазалҳои Ҳумом тавсиф мебошад. Х. Шарифзода гуфтааст: «Дар матни бадеӣ воситаи баёние, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои касе, чизе ва ё воқеаро барҷаста нишон медиҳад, ё муайянкунандаи бадеӣ, ки хусусиятҳои муҳимтарини исмро таъкид мекунад, тавсиф аст» [186, 180].

Дар бораи ин ҳунарсозаи адаби форсӣ, чигунагии он дар кутуби назарии адабиётшиносии асриммиёнагии мо маълумоти алоҳида вуҷуд надорад. Дар ин хусус Ш. Тоҷибоев гуфтааст: «Дар бораи тавсиф, ки навъе аз санъатҳои бадеӣ бошад, дар осори тадқиқотии қудамо ишораву қайде ҳам дида намешавад. Тавсиф аз гурӯҳи чунин воситаҳои тасвири бадеист, ки дар осори поэтикаи

асримиёнагӣ ба он умуман таваҷҷуҳ нашудааст. Ҳол он ки сарчашмаи тансиқ-ус-сифот, ки аксари муҳаққиқони каломи бадеъ бештар дар осори хеш доир ба он тавaққуф намудаанд, маҳз тавсиф аст» [156, 11]. Профессор Б. Мақсудзода ҳамин чизро мушоҳида намуда, нигоштааст: «Агарчи ин санъат яке аз воситаҳои муҳимми баёну тасвири бадеӣ мебошад ва аз даврони қадим дар насру назми форсӣ исифода мешавад, бо вуҷуди ин, дар поэтикаи меъёрии қурунивустоии мо барои он арзиш қоил нашудаанд» [109, 479]**.** Аз донишмандони муосири мо, аз қабили Т. Зеҳнӣ [89, 180], Х. Шарифзода [186, 123] доир ба тавсиф маълумот додаанд**.** Б. Мақсудзода доир ба мақому ҷойгоҳи тавсиф дар адабиёти форсу тоҷик мулоҳиза ронда, мавқеи онро дар ашъори Фахриддини Ироқӣ [109, 479] ва Камоли Хуҷандӣ [107, 114-120] муайяну дақиқ кардааст. Аз донишмандони назарияпардози имрӯии мо, аз ҷумла, профессор У. Тоиров на дар «Каломи манзум» [149] ва на дар «Донишномаи илми бадеъ» [152] аз ин санъат ном намебаранд. Х. Шарифзода дар китобҳои «Каломи бадеъ» [186, 86-87] ва «Балоғат ва суханварӣ» доир ба ин санъат андеша ронда, дар китоби «Балоғат ва суханварӣ» чунин меорад: «Маънои луғавии тавсиф васф кардан аст. Дар истилоҳи илми бадеъ тавсиф сифати чизеро мегӯянд, ки аз ягон ҷиҳат, монанди ранг, бузургӣ ва ғайра маънои онро мекушояд» [185, 93]. Гузашта аз инҳо, донишманди дигари тоҷик Ш. Ш. Тоҷибоев доир ба тавсиф таҳқиқоти комиле бурда, мақоми онро дар адабиёти форс-тоҷик таъйин кардааст [156].

Тавсиф чунин санъати бадеист, ки нависанда ё шоир барои тасвир кардани ин ё он воқеъа, васфи касе ё чизе сифатҳоеро истифода мекунад, ки дар он муҳимтарин нишона ё хусусияти он воқеъа ё касеро нишон медиҳад.

Тавре маълум аст, дар шеъри ирфонӣ ошиқ дар назди қудрати Маъшуқ ночизу бечора мебошад. Бинобар ин, дар ғазалҳои Ҳумом, ки аксаран ирфонӣ мебошад, қаҳрамони лирикӣ – ошиқ ҳамин ҳолатро дорад:

Бигӯ, оҳиста рон маҳмил касонро,
Ки ҳамроҳат **фақири нотавон** аст [34, 72].

Дар ин байт қаҳрамони ғиноӣ худро фақири нотавон ба қалам додааст. Ба ҷуз аз ин, дар ғазалҳои шоир авсофи дигаре, ба мисли вола, хаста, зор, ғамхор, мушавваш, шайдо, мискин ва ғайра барои ошиқ қоил шудааст:

То ҷудо гашт зи ман он ки чу ҷон аст маро,
**Волаву хаставу зо**р аст дили ғ**амх(ва)р**и ман [34, 138]**.**

Ғазали зерини шоир, ки мо онро комилан зикр мекунем, саропо тавсиф аст:

Дорам умеди васл, таманнои ман бубин,
**Табъи мушаввашу дили шайдои** ман бубин.
Барги гулу бунафша бибӯем ҳазор бор,
Бар ёди рӯю мӯяш **савдои** ман бубин.
Ҳамранги рӯи дӯст гуле ҷустам аз чаман,
Гул гуфт: Рангу ч**ехраи зебои** ман бубин.
Гуфтам ба норван, ки намонӣ ба қоматаш,
Бишнид сарву гуфт, ки **болои** ман бубин.
Омад хаёли дилбару боло намуду гуфт,
**Сарви сиҳию қомати ҳамтои ман бубин**.
Шуд дар бунафша зор Ҳумому паём дод,
Наздики дил, ки хезу биё ҷои ман бубин.
Дил гуфт дар миёни сари зулфи ёри хеш.
Боре, биёву маскану маъвои ман бубин [34, 139]**.**

Барои тавсиф дар ашъори шоир 57 мисол пайдо шуд. Дар ин қисмат низ аз овардани мисолҳо худдорӣ мекунем ва фақат мафҳум, калима ва таркибҳои тавсифиро бо дарҷи сафҳаи девони шоир меорем: «волаву хаставу зор» [34, 138], «ғамхор» [34, 138], «мушавваш» [34, 138], «шайдо» [34, 138], «мискин» [34, 5-73-78-85], «латифу нозук» [34, 70], «шӯх» [34, 72], «дилсӯхта» [34, 78], «пурдард», «заиф», «ширин»,«гулшакар» [34, 78], «чобук», «чобуксавор» [34, 2-80], «чашми маст» [34, 145], «бенаво» [34, 57], «нимҷон» [34, 58], «номеҳрубон», «меҳрубон» [34, 72], «чашми ашкрез» [34, 59], «савдоӣ» [34, 60], «дидаи пурхун» [34, 60], «маст» [34, 2-60-63-66], «парешон», «шайдо» [34, 60-

66], «чашми маст» [34, 61], «бенасиб» [34, 61], «сармаст» [34, 3-63], «махмур» [34, 63], «дили шикаста» [34, 64], «зоеъшуда» ва «зиндонӣ» [34, 67], «мусаввар» [34, 68], «мунаввар» [34, 68], «рӯйи муборак» [34, 68], «синаи бирён» [34, 73], «чашми нолон» [34, 73], «чашми мастона» [34, 73], «дилсӯхта» [34, 78], «чашми хуши шӯх» [34, 78], «хаста» [34, 3-78-83], «мушкин» [34, 78], «дилфиреб» [34, 79], «лаби ширин» [34, 79], «зулфи мушкбӯ» [34, 79], «Лаби ширини хандон» [34, 81], «шикаста» [34, 81], «сангиндил» [34, 81], «рӯйи хуб» [34, 83], «дардманд» [34, 85], «шакар» [34, 86], «мағрур» [34, 88], «девона» [34, 88], «даҳони латиф» [34, 88], «кофаркеш» [34, 106], «султони ҳусн» [34, 109], «бенаво» [34, 109], «нимхоб» [34, 111], «мавзун» [34, 111], «дилбанд» [34, 111], «шуху шанг» [34, 111].

Аксари тавсифоти Ҳумом анъанавӣ ва корхӯрда мебошанд. Тавре ба назар расид, тавсифҳои истифодашуда дар ғазалҳои шоир бештар дар ғазалҳои шакли мусаддасдошта омадаанд. Дар ҷамъбасти баҳс дар ин санъат метавонем бигӯем, ки Ҳумом бо ёрии ин санъат ҷазба, зебоӣ ва қудрати Маъшуқаро нишон додааст ва ҳам нотавонӣ, бечорагӣ ва камқудратии худро дар назди Маъшуқ. Ӯ ба воситаи санъати тавсиф эҳсосоти дарунӣ, ғаму андуҳ, сӯзу гудоз, дарду ҳиҷрон ва монанди инҳоро табиӣ ва образнок тавонистааст иброз кунад. Агар аз ҷиҳати сохт ба тавсифҳои шоир назар кунем, аксаран кутоҳ, сода ва яккалимаӣ мебошанд.

**Ташбеҳ.** Аз муҳимтарин ва серкорбурдтарин санъати маънавӣ, ки дар ғазалҳои шоир ба кор рафтааст ва шоир аз он дар ниҳояти камоли эҷодӣ истифода кардааст, ташбеҳ ва анвои он ба шумор меояд. Профессор М. Низомӣ дар хусуси аҳаммияти ташбеҳ дар тасвирсозӣ гуфтааст: «Дар шинохти услуб ва маҳорати бадеии шоир воситаҳои баён ва тасвир (сувари хаёл) ба ҳайси меъёри хубе хизмат мекунанд. Ҳар шоире дар коргоҳи хаёл ва зеҳну отифаи хеш бардоште, ки аз оламу табиат дорад, даст ба бозофаринӣ ва тазйину тамрини он мезанад. Ин бозофаринӣ вобаста аз завқу салиқа ва ҳунари ӯст, ки дар натиҷа инсону табиат дар асари бадеӣ, хосса шеър, ҳам сурат дигар мекунад ва ҳам сират» [127, 146].

Ташбеҳоти мустаъмал дар ғазалҳои Ҳумом вобаста ба тарзи адо ва омезиш бо дигар орояҳои бадеии мавҷуд дар ғазалҳои ӯ соҳиби мухтассоти чашмгире ҳастанд. Аз ҷиҳати чигунагии ифодаву адо ё баёни монандии мафҳумҳову ашё ташбеҳоти Ҳумом ба ду навъ ҷудо мешаванд: сареҳ ва музмар, яъне ташбеҳоте, ки тавассути адот – воситаҳои монандкунӣ тарҳрезӣ шудаанд ва ташбеҳоте, ки бе ин воситаҳо сохта шудаанд. Ин навъи коргирӣ аз анвои ташбеҳоти мавҷуд дар ғазалҳои шоир як монандӣ ва ҳамоҳангие ба ташбеҳҳои истифодашуда дар ғазалҳои Саъдӣ низ мебошанд: М. А. Абдуманнонзода дар хусуси ташбеҳоти Саъдӣ овардааст: «Бе адоти ташбеҳ ба ҳамдигар монанд кардани мафҳумҳову ашё, яъне бакоргирии ташбеҳи музмар ҳам дар ғазалҳои Саъдӣ бисёр мушоҳида мешавад. Бояд қайд намуд, ки чунин навъи ташбеҳ, агар, аз як тараф, муҷазтар ҷилва диҳад, аз ҷониби дигар, дар маҷозитар гаштани мазомини шоирона нақши бештар дорад. Зеро аз тариқи пӯшида баён доштан ё тасвир кардани мафҳумҳову ашё дарки мазомини ташбеҳшаванда ва ташхиси тасвирҳои шоирона дар қиёс бо корбурди ташбеҳоти равшан, ки дар онҳо муайян кардани ҷузъҳои мушаббаҳу мушаббаҳун биҳӣ, яъне ташбеҳшавандаву ташбеҳкунанда басо осон аст, мушкилтар сурат мегирад» [58, 120-122].

Девони Ҳумом саршор аз ташбеҳоти дилпазир ва матбуъ аст. Ӯ бо пайравӣ аз устоди хеш Саъдии Шерозӣ аз ташбеҳ баҳраи вофир бардоштааст. Ташбеҳ пас аз истиора дар девони шоир дуюмин ҷойгоҳро дорад.

Ташбеҳоти ашъори ӯ мисли дигар васоити баёнӣ – истиора, киноя ва маҷоз то ҳадде сода ва қобили фаҳм ҳастанд. Мо ба ташбешавандаҳо ва ташбеҳкунандаҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки дар осори дигар адибон то ҳадде корбаст шудаанд ва ваҷҳи ташбеҳҳо то ҳадде дар зеҳни хонанда унс гирифтаанд.

Анвои мухталифи ташбеҳ аз қабили балеғ, музмар, тафзил, муфассал, тамсил, мураккаб, мурсал, машрут ва ғайра дар ашъори шоир дида мешаванд.

**Ташбеҳи сареҳ.** Ташбеҳи сареҳ ё равшан ташбеҳест, ки дар он ҳам монандкунанда ҳам монандшаванда ва ҳам адоту ваҷҳи ташбеҳ вуҷуд доранд.

У. Тоиров зикр кардааст: «Дар ин навъи ташбеҳ мавҷудияти рукнҳои асосии он – ташбеҳкунанда, ташбеҳшаванда ва адоти ташбеҳ шарт аст» [153, 164]. Дар ғазалҳои Ҳумом ин навъи ташбеҳ хеле олӣ ва самимӣ садо медиҳад. Ҳумом дар ашъори худ аз ин навъи ташбеҳ хеле зиёд кор гирифтааст ва ин навъро дар раъси дигар анвоъ қарор додааст:

Гулзор чун биҳишт шавад фасли навбаҳор,

Ҷонам фидои он, ки аз ин ҳар ду хуштар аст [34, 58].

Дар ин байти Ҳумом ташбеҳи мутлақ вуҷуд дорад ва шоир фарорасии баҳор ва шукуфтани гулҳоро ба биҳишт монанд кардааст. Дар ин ҷо **гулзор** мушаббаҳ, **биҳишт** мушаббаҳбаҳун, **чун** адоти ташбеҳ мебошанд. Дар мисраи дуюми он низ ташбеҳ вуҷуд дорад ва он ташбеҳи тафзилӣ ё баргашта аст, ки дар поинтар дар хусуси он ҳарф мезанем. Яъне, шоир гуфтан мехоҳад, ки баҳорон ва шукуфоии гулҳо мисли биҳишт зебост, аммо маъшуқи ман аз ҳар дуи инҳо зеботар аст.

Ҳумом дар аксари ташбеҳоташ ақоиди фалсафӣ ва ирфонии худро гунҷонидааст. Масалан, дар байти зер ҷони худро ба булбул монанд мекунад ва сабаб ва ваҷҳи монандии онҳо дар қафас будани он аст:

**Булбули ҷон дар қафас ҳеч намегирад нафас,**

Бӯйи гулистон шунид, азми сафираш куҷост [34, 132].

Яъне, барои ҷони як орифи ворастаи баҳақрасида дунё ва тааллуқоту кашишҳои нафсонии он ба манзилаи қафасе мебошад ва ҷони ӯ мудом дар орзуи он аст, ки аз ин қафас ва ё аз қафаси танги тан бипарад ва ба қурби Ҳақ бирасад. Дар ин гуна ташбеҳоти истифодашуда дар ғазалҳои Ҳумом ҳамчун адоти ташбеҳ калимоте, амсоли *гӯяд, мисоли, монӣ, монад, пиндорӣ, чу, чун, чунон, чунонки (чунон-к), ҳамчу, ҳамчунон монанди ва ғайра* истифода гардидаанд. Дар миёни калимаҳое, ки дар ин навъи ташбеҳ дар ғазалҳои шоир ба вазифаи адоти ташбеҳ ба кор рафтаанд, *чу, чун ва монанди* мебошанд. Масалан, дар байти зер шоир шабро дар дарозӣ ва сиёҳӣ ба зулфи ёр монанд кардааст ва дар ин байт ташбеҳшаванда «шаб», ташбеҳкунанда «зулфи ёр» ва калимаи «ҳамчун» ба вазифаи адоти ташбеҳ омадааст ва дарозӣ, ки сифати

муштараки ҳар монандшаванда ва монандкунанда аст, ба вазифаи ваҷҳи ташбеҳ омадааст:

**Шаби дароз**, ки **монанди зулфи ёри ман аст,**
Чу зулфи ёр ба даст аст, кор кори ман аст [34, 74].

Дар байти дигар ба воситаи калимаи «**чун**», ки адоти ташбеҳ аст, будани маъшуқаро дар зимистон баҳор тасаввур мекунад:

Миёни фасли зимистон ту чун баҳори манӣ.
Миёни хона гулистону лолазори ман аст [34, 74].

***

Бо ҷон чу нафс ёфт маҷоли бародарӣ,
Чун Юсуфаш ба Миср гирифтори чоҳ кард.
Тавфиқ даррасид, зи чоҳаш халос дод,
Бозаш ба Мисри олами ҷон подшоҳ кард [34, 83].

Дар ин гуна абёт ваҷҳи ташбеҳ чунон ба фаҳми хонанда наздик аст, ки ӯ ба як бор хондан метавонад ин абётро комилан бифаҳмад. Тавре болотар ишора кардем, аз ин навъи ташбеҳ дар ғазалҳои шоир бисёр пайдо шуд ва дар ин ҷо маҷоли ҳамаои онҳоро баррасӣ кардан надорем.

**Ташбеҳи музмар ё пӯшида ё балеғ.** Ин навъи ташбеҳ чунон аст, ки дар он мушаббаҳ ва мушаббаҳбиҳӣ зикр шуда, аммо адот ва ваҷҳи ташбеҳ зикр намегардад. Доир ба ин навъи ташбеҳ У. Тоиров чунин мегӯяд: «Маънои измор пӯшида ва нуҳуфта аст ва ба ин сабаб онро ташбеҳи пӯшида ҳам гуфтан мумкин аст. Дар ин навъи ташбеҳ дар зоҳир аз монандӣ дур мешаванд, аммо асли мақсад монандӣ аст. Ин навъи ташбеҳро таркибӣ ҳам мегӯянд, зеро чунин ташбеҳот маъмулан таркибҳо ё калимаҳои мураккабанд. Масалан, дар калимаҳои «ақиқлаб», «сарвқад», «гулрӯ» ва ғайра ҷузъи якум монанд ва дуюм монандааст» [153, 851].

Мавриди зикр аст, ки чунин навъи ташбеҳ агар, аз як тараф, одӣ ҷилва диҳад, аз ҷониби дигар, дар шоиронатар шудани каломи шоир нақши бештар дорад. Ба таври пӯшида ифода кардан ё тасвир кардани мафҳумҳову ашё дарки мазмунҳои ташбеҳшаванда ва ташхиси тасвирҳои шоирона дар қиёс бо

корбурди ташбеҳоти равшан, ки дар онҳо муайян кардани ҷузъҳои ташбеҳшавандаву ташбеҳкунандаҳо осон аст, мушкилтар сурат мегирад [58, 122]. Ин авъи ташбеҳ хеле фишурда ва дақиқ мебошад ва аҳ ҳамин хотир ба истиора, ки аз ҳамин навъи ташбеҳ ташкил мешавад, хеле монанд аст.

Ҷоми ҷаҳоннамойи илоҳист сураташ,

Инсоф медиҳанд назарҳо, ки мазҳар аст [34, 31].

Дар байти зерини Ҳумом рӯю чеҳраи Маъшуқро ба меҳробе монанд мекунад ва зикр мекунад, ки ошиқон агар ба сӯйи рӯйи поки ту дар намоз шаванд, ҷоиз аст:

Ошиқонрост намозеву дигар меҳробе,

Пеши абрӯйи ту аз баҳри намоз омадаам [34, 119].

Дар байти зер рӯй дар сурхӣ ба арғувон, мӯй дар хӯшбӯйӣ ва дарозӣ ба сумбул, чашм дар зебоӣ ва раъноӣ ба наргис ташбеҳ шудаанд:

Арғувону сунбулу наргис куҷо растӣ зи хок?

Дар замин гар рӯю мӯйю чашми хубон нестӣ [34, 140].

Дар байти дигар шоир қомати ёрро дар расоӣ ва баландию зебоӣ ба сарву шамшод монанд кардааст:

Бо хаёли қомати ӯ ишқбозӣ мекунам,

Чун назар бар сарву бар шамшод меояд маро [34, 59].

Мисолҳои дигар барои ин навъи ташбеҳ:

Васли ту, ки маҳбубтар аз умри ҷавонист,

Ҳайф аст, ки ӯ низ чу умрам гузарон аст [34, 74].

*******

Агар ҷонро биҳиште дар ҷаҳон ҳаст,

Тӯйӣ аз некувон, дигар кадом аст? [34, 71].

***

Кард тулуъ офтоб, ёр даромад зи хоб,

Рӯйи **нигори мараст хусрави анҷум гуво** [34, 65].

***

**Куҳлу ҷавоҳир аст** ғубори манозилаш,
З-он чашми ошиқони ту доим мунавар аст [34, 69].

***

Ба зери соя кай будаст хуршед,
**Рухаш хуршеду зулфаш соябон аст** [34, 72].

***

**Ту он шамъӣ**, ки ҷон парвонаи туст,
Киро парвои шамъи осмонист [34, 77].

***

**Ҳаст рӯят гули хандону** ҷаҳон муштоқанд,
Ҳамчу булбул ба ту дар наъразанон менигаранд [34, 94].

***

Маро рашк ояд аз пироҳани ту,
Ки бо худ мекашад **симинтани** ту [34, 80].

Дар ин байт калимаи **симинтан** ба маънои тани наҳиф ва нозуки маъшуқ ба кор рафтааст. Шоир нисбат ба маъшуқаи худ чунон ҳассос ва ғайратӣ аст, ки ҳатто ба пироҳани ӯ, ки тани нозукашро пӯшонидааст, рашк мебарад, чунки пироҳан пеш аз ошиқ тани маъшуқро мебинад.

Бе **офтоби рӯят рӯзам бувад чу мӯят**,
Бо зулфи мушкбӯят бошад шабам чу рӯят [34, 79**].**

Дар байти боло шоир рӯи маъшуқро дар сафо ва дурахшандагӣ ба офтоб монанд мекунад ва ҳолоти нобасмомону душвори худро дар сиёҳӣ ба рӯи ӯ монанд кардааст.

Дар байти зер гузашта аз **сарви қади ор**, ки ташбеҳи музмар аст ҳамчунин, калимаи ҷ**ӯйборр**о ба маънои ашки чашм истифода кардааст, ки истиора мебошад:

Мудом бар тарафи ҷӯйбори дидаи ман,
Хаёли **сарви** қадат ёри дилситон хуштар [34, 108].

**Ташбеҳи тафзил ё баргашта.** Ин навъи ташбеҳ чунин аст, ки шоир касеро, ин ё он ашёро ба ҳам монанд мекунад, аммо аз ташбеҳи худ бармегардад ва монандшавандаро аз монандкунанда боло медонад:

Не, чӣ сухан бошад ин, чист сабо то кунам,
Нисбати бӯи хушаш бо нафаси ёри мо?! [34, 56].

Тавре мебинем, шоир дар ин байт нафаси ёрро ба насими саҳарӣ ва сабо монанд мекунад ва аз ташбеҳи худ баргашта, бӯи хуши нафаси ёрро аз насими сабо тозатару муаттар медонад.

Дар байти зер низ қадди ёрро дар ростӣ ба сарв монанд мекунад, аммо ба баҳонаи он, ки сарв рафтору кирдор надорад, аз ташбеҳи худ бармегардад:

Сарв зад бо қоматаш лофи дӯруғ аз ростӣ,
Мардуми соҳибназар донад, ки қавлаш ботил аст [34, 71].

Дар навъи ташбеҳи тафзил ашё ва чизҳо ба ҳам монанд карда мешаванд ва дар натиҷаи ин монандӣ ҳусну қубҳи онҳо муайян шуда, бартарии яке аз дигаре таъйин мешавад. Масалан, дар абёти зайл шоир хиромидани сарвро бо қомати маъшуқ муқоиса мекунад ва натиҷа мегирад, ки маъшуқа нисбат ба ӯ бартариҳо дорад:

Гуфтам ба сарв, агарчи хиромиданат хуш аст,
Болои хушхироми дилором дигар аст [34, 56].
Дар ҷони найшакар набувад он ҳаловате,
К-андар лабу ҳадису даҳони ту музаммар аст [34, 56].

Ё ин ки:

Рӯйи туркам бин, макун нисбат ба хубӣ моҳро,
Турки ман дар хайл дорад ҳамчу маҳ панҷоҳро [34, 59].

Ташбеҳи тафзилӣ аз дӯстдоштатарин навъ дар ғазалиёти шоир будааст. Дар ин навъи ташбеҳ шоир ба воситаи ошноизудоӣ, тавре дар фасли «Шеваҳои офариниши маъонӣ...» овардем қолаби масдуди ҳунарсозаҳоро мешиканад ва ба воситаи боз намудани ин қолабҳои масдуд маънии нав меофарад. Дар адабиёти классикии мо аксаран шоирон рӯйи маъшуқаро дар зебоӣ ба моҳ ва қомати ӯро дар раъноӣ ба сарв монанд кардаанд. Ин қолабҳои тасвирҳо дар натиҷаи

касрати истеъмол ғаробати худро аз даст додаанд. Аммо Ҳумом ба воситаи кор гирифтан аз ташбеҳи тафзил, тавре дар байти фавқ дидем, ба воситаи ошноизудоӣ ин қолаби масдудро шикаста, зикр кардааст, ки рӯйи ёри ман аз моҳ зеботар ва раънотар аст.

Дар байти дигар шоир дандони ёрро ба парвин монанд мекунад, аммо аз ташбеҳи худ мегардад ва зикр мекунад, ки дандонҳои ту мисли назм як низому танзиме доранд, аммо парвин мисли наср парешон аст. Дар ин байт шоир зикр кардан мехоҳад, ки нисбат ба чизи парешон чизе, ки назму низом дорад, авлотар аст, яъне ба ин восита дандони ёрро дар зебоӣ аз парвин хубтар медонад:

Нисбате ҳаст ба дандони ту парвинро, лек
Ҳаст дандони ту манзуму сурайё мансур [34, 109].

**Ташбеҳи тамсил.** Дар ин навъи ташбеҳ шоир ба овардани масал ё панде фикри худро тақвият мебахшад. Дар бораи ин ташбеҳ Кадканӣ гуфтааст: «Дар ташбеҳи тамсилӣ ваҷҳи шабеҳ ошкоро ва зоҳир нест ва ба рӯйи ҳам, ниёз ба таъвил дорад ва бояд аз зоҳири амр гардонда шавад, зеро мушаббаҳ бо мушаббаҳбуҳун дар сифати ҳақиқӣ муштарак нестанд ва ин ҳангомест, ки ваҷҳи шабеҳ амре ҳиссӣ ва ахлоқӣ ва ғайриҳақиқӣ набошад, балки амри ақлӣ бошад ва он ҳам ақлии ҳақиқӣ бад-он гуна, ки дар зоти мавсуф мавҷуд набошад» [95, 80].

Ин навъи ташбеҳ низ дар ғазалҳои Ҳумом истифода шудааст ва барои он 26 мисол пайдо шуд:

Вуҷуди хокии моро ба кӯйи дӯст чӣ кор,
**Ки нест лоиқи боғу биҳишт хору хасе** [34, 156].

Дар ташбеҳи тамсил маъмул аст, ки як мисраъ мушаббаҳ ва мисраи дигар мушаббаҳбаҳун бошад. Вале дар баъзе ҳолат мушоҳида мешавад, ки мушаббаҳ дар як байт ва мушаббаҳбаҳун дар байти дигар оварда мешавад. Мисол:

Яъқубро зи Юсуфи худ дур кардаанд,
Хотам бурун зи дасти Сулаймон намеравад.
Одам видои сояи Тубӣ намекунад,

Хизр аз канори чашмаи ҳайвон намеравад [34, 99].

Шоир дар байти аввал аз дурии маъшуқ сухани худро оғоз мекунад ва байти баъдиро мушаббаҳбаҳуни худ карор медиҳад. Дар абёти зер низ шоир мисраъҳои якумро ба ҳайси монандшаванда оварда, дар мисраъҳои дувум онҳоро бо панд ва тамсиле ҷамъбаст мекунад:

Гар зи ҳоли шаби мо бехабарӣ, маъзурӣ,

**Хуфтаро кай хабар аз ҳолати беморон аст**?

Ҳар кӣ бар кӯйи ту бигзашт, чунон пиндорад,

**Ки магар бар гузараш растаи атторон аст?** [34, 74].

**Ташбеҳи машрут.** Шарти асосии ин навъи ташбеҳ он аст, ки шоир чизеро ба чизе шартан монанд мекунад ва барои ифодаи матлаби хеш калимаҳои «агар», «гар», «чун», «пиндорӣ» ва ғайраро ба кор мегирад. Дар хусуси ин навъи ташбеҳ У. Тоиров меорад: «Ташбеҳи машрут монанд кардани чизе бо чизи дигар бо шарту шароит мебошад. Шарт гузоштан як навъ таъкиди матлаб аст» [152, 850]. Дар ашъори шоир 11 намуна аз ташбеҳи мазкур ба назар расид, ки ин навъ аз ҷиҳати оморӣ дар поёнтарин ҷойгоҳ қарор дорад:

Дар ин оташ, ки ман ҳастам, замоне душманат бодо,

Ки ҳоло об гардонад, вуҷудаш гар бувад сандон [34, 133].

Шоири ориф оташи ишқро чунон тез ва сӯзанда ёфтааст, ки чу сандон вуҷуди муҳкамеро қодир аст, фано кунад.

Ё худ:

Ҳадисат хуб чун бисёр гардад,

Агар худ ҳаст гавҳар, хор гардад [34, 276].

Сухани арзишманди замонӣ, ки бисёр гуфта ва такрор шавад, ҳатто агар дар арзиш ва гаронмоягӣ мисли гавҳар бошад ҳам, беарзиш ва беаҳаммият аст.

Ҳумом дар офаринишу истифодаи ташбеҳ яди байзо дорад. Шоир худ воқиф аст, ки бояд аз зебоиҳои табиӣ баҳраи комил дошта бошад, то шеъри дилчасп орояд ва бо табъи дили шунаванда созгор гӯяд. Ҳумом ин амрро медонад ва бо зеҳни гирои хеш даст ба офариниш ва эҷод мезанад.

**Истиора.** Аз санъатҳои дигаре, ки дар ғазалҳои Ҳумом корбурди фаровон дорад, истиора мебошад. Истиора дар луғат ба маънои орият гирифтани чизе омадааст. Ба маънои истилоҳӣ истиора чунин санъати бадеие мебошад, ки як калимаро ба ҷойи калимаи дигар ба кор мебранд, ки бояд аз ягон ҷиҳат шабоҳате миёни ин ду калима дида шавад.

Муҳаққиқон ба истиора ва анвои он таърифҳои гуногуне қоил шудаанд. Аз донишмандони тоҷик Т. Зеҳнӣ, [89, 83-84], Х. Шарифзода [186, 118], У. Тоиров [153, 169-170; 152, 213-115] ва аз олимони Эрон С. Шамисо [175, 189-233], М. Ҷ. Каззозӣ [99, 95-137], М. Алавӣ [63, 116-128], ва дигарон дар бораи истиора маълумот додаанд. Аксари муаллифони номбурда истиораро як такмилаи ташбеҳ дониста, ӯро як навъи маҷоз низ арзёбӣ кардаанд: «Истиора ҳам ба маҷоз ва ҳам ба ташбеҳ наздик аст. Донишмандони илми бадеъ истиораро як навъи маҷоз низ зикр кардаанд, ба ин маънӣ, ки дар истиора калима аз маънои аслии худ хеле дур меравад. Истиораро ташбеҳи пӯшида низ меноманд ва он дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ба вуҷуд меояд. Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда ном бурда мешавад» [152, 213].

Шафеъии Кадканӣ дар хусуси сувари истиора ва нақши он дар такмили ашъори ғиноӣ гуфтааст: «Ҳар шоире мумкин аст яке аз сувари хаёлро бештар дар ғазали хеш мавриди истифода қарор дода бошад, аммо он чи дар ин давра (асрҳои X-XI) метавон мушоҳида кард ва такомули шеъри форсӣ дар адвори баъд онро таъйид мекунад, ин аст, ки қавитарин унсур дар сохтмони шеъри ғиноӣ ва ошиқона истиора аст: забоне, ки метавонад авотиф ва эҳсосҳои рақиқу нармро дур аз ҷараёноти одии гуфтор ва дур аз мантиқи маъмулии сухан баён кунад» [95, 383]. Истиора воқеан як навъи маҷоз аст. Дар истиора миёни калимаҳои маҷозӣ фақат як навъи алоқа аст, ки он алоқаи мушобаҳат аст. Аммо дар маҷоз миёни калимаҳои маҷози анвои гуногуни алоқа ва қаринаҳо, амсоли алоқаи куллият ва ҷуъзъият (зикри кулл иродаи ҷузъ ва зикри ҷузъ иродаи кулл), алоқаи ҳолу маҳалл, тарафу матруф, алоқаи сабабият ё иллату маълулӣ, алоқаи умум ва махсус, алоқаи сифат ва мавсуф, алоқаи муҷовират ва ғайра

вуҷуд дорад, ки ба восита онҳо хонанда аз фаҳми автоматии матн берун шуда, ба маънои ҳунарии онҳо мерасад [174, 35].

Истиораро ба навъҳои пӯшида ва равшан ҷудо намудаанд. Дар истиораи равшан ташбеҳшаванда, яъне соҳибистиора зикр мешавад. Дар истиораи пӯшида шоир истиорашавандаро умуман зикр накарда, ягон сифат, аломат, хислат ва узви онро ба таври изофат соҳибистиора месозад [152, 214]. Доир ба хусусияти образофаринии истиора М. Ҷ. Каззозӣ чунин гуфтааст: «Яке дигар аз турфандҳои шоирона, ки суханвар бо ёрии он мекӯшад, то сухани хешро ҳар чӣ беш дар зеҳни сухандӯст ҷойгир гардонад, истиора аст. Истиора домест тангтар ва танҳотар аз ташбеҳ, ки суханвар дар баробари хонанда ё шунавандаи худ дармегустурад. Аз ин рӯ, бузургии ҳунарӣ ва арзиши зебоишинохтии он аз ташбеҳ фузунтар аст, зеро сухандӯстро бештар ба шигифтӣ дармеоварад ва ба дарк дар сухан бармеангезад» [99, 95].

Истиора дар ашъори Ҳумом ҷойгоҳи махсус дорад. Бо ин роҳ шоири ориф матлаби худро хеле олӣ ва муассир ба хонандаи худ мерасонад. Ҳумом шоири нозукбин ва тавоност, зеҳни халлоқи ӯ калима ва таркибҳои муносибро дар чанбари сайди хеш гирифта, дар ҷойи муносиб, ба тарзи бисёр содаву олӣ ба кор мебарад. Шоир калимаҳои сода, бепироя ва гоҳе хушкро дар ҳарири рангоранги баёнӣ хеле назаррабо матраҳ кардааст. Дар ашъори шоир ҷаҳони ҳастӣ дар ҳоли ҳаракат ва нооромӣ аст. Ҳама чиз ҳаёт дорад ва дар ҳаракат мебошад: наботот, парандагон, чарандагон ва, ҳатто, ҷамодот ба ӯ дар иртибот ва алоқа ҳастанд. Ҳамаи ин аносири табиат ба эҳсосоти шоир даромехтаанд ва шоир низ як ҷузъи табиат ба шумор меравад, ки ин чиз боиси равнақи сухани шоир гардидаанд: «Тасарруфи зеҳни шоир дар мафоҳими одӣ ва иртиботи зиндагии инсон бо табиат, табиат бо табиат, чунонки медонем, ҳосили навъе бедории ӯст дар баробари дарки ин иртиботот. Зеҳни шоир танҳо зеҳнест, ки метавонад дар баробари эҳсоси ин навъ иртиботот бедор шавад. Ин иртиботҳо то бекарон густарда аст ба густардагии табиат ва ба густардагии ҳаёти инсонӣ ва таърих ва фарҳанги башар...аммо ба шарти ин ки шоирон онро дар вуҷуди хеш эҳсос кунанд ва қабл аз он ки ба риштаи назм дароянд, ба ҳиссу ҷони шоир

муртабит ва пайваста шавад. Ҳар гӯшае аз зиндагии инсон бо гӯшае аз табиат ҳазорон-ҳазор пайванд ва иртибот дорад, ки аз ин ҳама пайвандҳои гуногун, зеҳни шоир гоҳ якеро эҳсос мекунад ва дар баробари он бедор мешавад ва ҳосили ин бедории худро ба мо нишон медиҳад» [95, 3]. Яке аз барҷастагиҳои мавҷуд дар ашъори Ҳумом доир ба истиора, ҳаётбахшӣ ба калима ва таркибҳост, ки бештар бар муҳити ирфону фалсафа чарх мезананд. Ба мисли о**би ҳаёт, ҷон, нури Ҳақ, раҳмат, ишқ, фазл, яқин** ва ғайра. Гоҳ дар тасвироти шоир мо, ҳатто, аносиреро мебинем, ки ғайривоқеӣ ва тасаввурнашаванда ҳастанд ва ба воситаи ин ҳунарсоза ҷон гирифтаанд.

Матлаби шоёни зикр дар ин ҷо он аст, ки мо дар ғазалҳои шоир ба калимоте бармехурем, ки як ё ду бор истироа шудаанд, вале боз вожаҳое ҳастанд, ки мудом такрор мешаванд. Масалан, калимаҳои дил (13 бор), ҷон (93 бор), чашм (79 бор), ақл (41 бор), гул (61 бор) истиора шудаанд:

Магар, ки бод биёрад насиме аз кӯҳсор,
Ки ҳаст **булбули** мискин асир дар **қафасе** [34, 159].

**Булбул** дар ин байт истиора ва **мискин** сифати ӯ мебошад, ки санъати тавсиф аст. Дар ин байт булбул худи шоир аст ва асири дар **қафас будан** сифати муштараки байни шоир ва булбул аст. **Булбул** дар маънои луғавии худ барои хонанда ягон таровату ҷаззобияте надорад, аммо вақте, ки шоир онро аз маънои аслии худ бароварда, барои хонанда ғариб месозад ва ба воситаи ҳунарсозаҳо ороиш медиҳад, растохези калимотро ба вуҷуд меорад. Масалан, калимаи **булбул** дар натиҷаи ҳанҷоргурезиҳо аз забони расмӣ, зинда шудааст. Калимаи **қафас** низ дар байти боло гунае аз истиора аст ва ба маънои дунё омадааст. Қафас ба маънои луғавию рӯзмарраaш истифода нашуда, балки аз ҳавзаи маъмулии истифодааш ҷудо шуда, ба маънии дигаре омадааст, бино бар ин, барои хонанда ғарибу бикр намоён мешавад.

Дар байти зерин таркиби **оби ҳаёт** ба маънои сухан, калом ва **набот** ба маънои даҳон омадааст. Дар ин байт лаби ёрро дар ширинӣ ба **набот** ва каломи маъшуқаро дар шевоӣ ва ҷаззобию ширинӣ ба **оби ҳаёт** нисбат медиҳад.

Чун лабат аз Миср кай хезад набот,

К- аз **наботат** мечакад **оби ҳаёт** [34, 62].

Ҳангоме ки хонанда саргарми мутолиаи ашъори Ҳумом мегардад, ҳеч мушкилӣ ва печидагие барои ӯ вуҷуд надорад, зеро ҳамаи истиораҳо барои ӯ равшан аст. Мухотаб ё хонанда муносибати байни худ ва шоирро мефаҳмад:

Ман дастбӯсӣ мекунам, марди лабу чашмат наям,

Нуқли лаби мастон макун, он **шаккару бодомро** [34, 59].

Дар байти зикршуда **бодом** истиора аз чашм ва **шакар** истиора аз даҳон ва каломи ширин аст.

Мушоҳида мешавад, ки шоир ҳангоми тавсифу тасвири қаҳрамони лирикӣ – ошиқ, калимаҳоеро истиора мекунад, ки ҳоли табоҳ ва беқадрию нотавонии ошиқро дар пеши маъшуқ ҷилва медиҳад. Ҳангоми тасвири хусусиёти маъшуқ шоир калимаҳои зебо, дилнишин ва тавсифомезро истифода мекунад. Барои тасвири лабу даҳон ва сухани маъшуқ шоир калимаҳои оби ҳаёт, набот, қанд, шакар ва ғайраро хеле шоирона истифода мекунад:

Дар он нафас, ки лабаш дар ҳадис меояд,

Равон ҳамешавад **оби ҳаёт** аз **қандаш** [34, 111].

Дар байти боло таркиби **оби ҳаёт** ба маънои ба маънои сухан ва **қанд** ба маънои даҳони маъшуқ омадааст:

Ба остину ба домон **шакар** кашанд он ҷо,

Ки **пистаро** ба сухан ё ба ханда бикшояд [34, 100].

Дар ин байт **шакар** ба маънои сухан ва **писта** ба маънои даҳон омадааст. Дар байти зер низ писта ба маънои даҳон омадааст:

Медод шароби нобу нуқлам,

Аз **писта**и хеш дод пайваст [34, 63].

Дар байти дигар шоир бо овардани талмеҳи Миср ишорат бар он мекунад, ки агарчанде макони қанду набот Мирс аст, аммо ман ба он эҳтиёҷ надорам, чуни макони қанду наботи ман вуҷуди маъшуқ аст:

Ман фориғам зи Миср, ки дар давлати лабаш,

Имрӯз кони **қанду набот** ин в**илоят** аст [34, 66].

Дар ин байт **қанду набот** ба маънои сухани маъшуқ ва в**илоят** ба маънои вуҷуди маъшуқ омадааст. Дар байти зер **навбаҳор** ба маънои маъшуқ ва **ҷӯйбор** ба маънои ошиқ омадааст.

**Набота**т бар лаби **шаккар** баромад,
Зумуррад гирди ёқутат даромад [34, 88].

Дар байти дигар чашмаҳои оби ҳаёт ба маънои сухан омадааст:

Равон шавад зи лабам **чашмаҳои оби** ҳаёт,
Чу номи дӯст маро бар сари забон ояд [34, 102].

Дар корбурди калимаи **офтоб** ҳамчун истиора ҳам, ки киноят аз маҳбуб мебошад, латофати гуфтори Ҳумомро барҷаста мебинем:

**Офтобию** зи меҳрат ҳама дилҳо маҳрур,
Чашм рӯшан бувад онро, ки ту бошӣ манзур [34, 109].

Дар байти фавқ гузашта аз истиора, таркиби «**чашм рӯшан будан»** истифода шудааст, ки ба маънои маҷозӣ корбаст шудааст ва онро баъдтар ҳини таҳлили санъатҳои киноя ва маҷоз шарҳ хоҳем дод. Дар байти зер низ калимаи офтобро ба маънои рӯйи тобони маъшуқ овардааст:

Мунтазир бошанд шабҳо ошиқон нокарда хоб,
То барояд бомдод аз шарқи кӯят **офтоб,**
**Офтобе** мекунад аз машриқи кӯят тулуъ,
К-аз шуои ӯ наёрад чашмаи хуршед тоб [34, 61].

Дар байти дигар офтобро ба маънои рӯй истифода кардааст:

Дар чашми ман фироқат нагзошт рӯшноӣ,
Эй **офтоби** тобон, дарёб дидаҳоро [34, 56]**.**

Шоир барои тасвири чашми маъшуқ калимаи наргисро истиора кардааст:

Нест моро сари бӯстону раёҳин имрӯз,
**Наргиси** масту **гулу сарви** хиромон ин ҷост [34, 66].

****

Дилам зи **наргиси** хушат илоҷ металабад,
Табиб низ чу маст асту нотавон, чӣ кунам? [34, 126].

***

Интизори назарам, пардаи сабрам бидарид,

То ба кай **наргиси** мастат бувад аз мо мастур [34, 109].

Барои тасвири қади маъшуқ калимаи сарв бештар истиора шудааст:

Маро чу **сарви** ту бояд, ба бӯстон, чӣ кунам?

Чу масти рӯи туам, ранги арғувон, чӣ кунам? [34, 126].

***

Рӯят ба ҳар анҷуман дареғ аст,

**Сарв**и ту ба ҳар чаман дареғ аст [34, 69].

Барои тасвири рӯйи ёр таркибҳои чашмаи нур, гулбарг ва сунбул, гул, лаъл, парвин ва ғайраро истиора намудааст:

Он чӣ меҷӯст Сикандар ба миёни зулмот,

Гу, биёед, бубинед дар ин **чашмаи нур** [34, 109].

Дар байти боло таркиби **чашмаи нур** ба маънои рӯйи маъшуқ омадааст.

Шоир барои ифодаи маъшуқ калимаҳои турк, оби зиндагонӣ, хусрави хубон, оинаи Ҳақ ва ғайраро истифода кардааст:

**Турк:**

**Туркам** зи майи муғона сармаст,

Меомаду ақл рафта аз даст [34, 63].

**Оби зиндагонӣ**:

Аз чашми ман ниҳонӣ, ай **оби зиндагонӣ**,

Васлат муносиб омад Симурғу кимиёро [34, 58].

**Оинаи Худо:**

Пеши рухи ту бояд бар хок сар ниҳодан,

Шарт аст саҷда бурдан **оинаи Худоро** [34, 58].

Шоир барои абрӯи ёр бештар калимаи камонро истиора мекунад:

Аз абрӯйи ту натобам ба ҳеч ваҷҳе рӯй,

Агарчи бар дили ман **тир** аз он **камон** ояд [34, 38].

****

Чун назар кардам ба абрӯят маро чашми ту гуфт,

Бо чунин бозу **камони** некӯвон натвон кашид [34, 39].

Дар байтҳоии мазбур калимаи **камон** ба маънои абрӯи маъшуқа омадаанд ва калимаи **тир** ба маънои ҷавру ҷафою ситами он омадаанд, ки истиораи равшан мебошанд.

Дар байти дигар гиряҳои хунини худро ба лаълу ёқут истиора мекунад ва чизе, ки сабаби ин монандӣ мешавад, сурхии оби дидаи шоир ва лаълу марҷон аст:

Сангҳое, ки қадамгоҳи ту бошад он шаб,
**Лаълу ёқут** кунам аз мижаи хунинам [34, 127].

Шоири ориф, ки бо рӯварӣ ба ирфону тасаввуф дил аз ҳамаи тааллуқоти дунявӣ кандааст, мудом дар ашъораш ба воситаи коргирӣ аз истиора, ба бевафоии дунё ва гузарон будани моддиёт ва сарватҳои ӯ ишора мекунад:

Дар **хокдони тира** диламро қарор нест,
Боду ҳавои даҳр маро созгор нест [34, 52].

Дар байти фавқ ибораи «**хокдони тира**» ба маънои дунё ба кор рафтааст, ки шоир бо коргирӣ аз ин истиора канорачӯйии худро аз дунё ва мофиҳо талқин мекунад. Ҳар шоири ғазалсарои аҳди классикӣ барои муассир баён намудани афкори бадеӣ ҳатман ба маҷоз рӯ меорад. Дар байти зер таркиби **ба гул хуршед пӯшидан** истифода шуда, гул ба маънои мӯй ва кокул ва хуршед ба маънои рӯй омадааст:

Миёни халқ мебояд, ки ошиқ роз накшояд.
Вале ҳаргиз намешояд, **ба гул хуршед пӯшидан** [34, 138].

Дар ин байт **хирмани гул** истиора аз рӯйи ёр аст. Бо истифода аз истиораҳои бикру тоза Ҳумом мазмунҳои нав ва тасвирҳои гуногуни шоиронаро ба вуҷуд овардааст:

Дар зери **хирмани гул** дорӣ шакарситонӣ,
Дар ҳеч бӯстоне гул бо шакар набошад [34, 85].

Дар байти зер шоир истиораи **дасти хаёлро** истифода кардааст, ки истиораи мукния ё пушида мебошад ва шоир хаёлро инсон ё ҳайвоне фарз кардааст, ки дасту бозуе дорад:

Ҳар ҷо, ки менишинаму чандон, ки меравам,

Дар гарданам ду **дасти хаёлаш** ҳамоил аст [34, 115].

Дар китобҳои маонӣ ва баён ба истиораи навъи пӯшида ё мукanния, ки ба ашёҳо хӯйю хислати инсонӣ дода мешавад, истиораи мукaннияи инсонвора, инсонмадорона ва ба истилоҳи ғарбӣ, персонификатион (personification) мегӯянд [175, 159]. Ба мисли таркиби «дасти хаёл» дар байти боло. Ба истиораи мукaннияе, ки барои соҳибистиора баъзе аз аъзои ҳайвонот ва дигар ҷондорҳоро мансуб медонанд, ҷондорангорӣ ё ба истилоҳи ғарбӣ анимизм (aninisn) мегӯянд [175, 159-160]. Ба мисли таркибҳои «панҷаи аҷал» ва «панҷаи қазо».

Дар фароварди ин қисмат бояд зикр кард, ки тарзи ҷолиби диққати истифодаи истиораҳо дар бештари вақт бозгӯи сабки мухтас ба Ҳумом ба шумор меояд, зеро шоир истиораҳоро ба тарзе сохтааст, ки ивази онҳо бо дигар ибораи маҷозӣ сабаби халалпазирии маъно мегардад.

**Маҷоз.** Маҷоз низ аз орояҳои маънавии бадеист Ш. Р. Шарипов дар хусуси маҷоз овардааст: «Маҷоз (аллегория) яке аз муҳимтарин воситаҳои дигари баён буда, корбурди вожагон ба маънои ғайриаслӣ дар матни бадеист, ки ҷиҳати мухтасарбаёнӣ ва барҷастаю ҷозибанок ифода намудани тасвир истифода мешавад» [18, 187].

Адибон ва адабиётшиносони қурунивустоӣ дар бораи маҷоз ва анвои он маълумот додаанд. Аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ доир ба маҷоз чунин гуфтааст: «Маҷоз зидди ҳақиқат аст. Маҷоз он аст, ки аз ҳақиқат даргузаранд ва лафзро бар маънии дигаре итлоқ кунанд, ки дар асли вазъ на барои он ниҳода бошанд. Лекин бо ҳақиқати он лафз ваҷҳи алоқае дорад, ки бад-он муносибат муроди мутакаллим аз он итлоқ фаҳм тавон кард» [51, 192].

Шафеии Кадканӣ доир ба хусусиятҳои образофаринии маҷоз дар китоби «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» қайд кардааст: «Адабиёт ва, бавижа, шеър шеваи ғайримустақими баёни андеша аст, вале то чизеро ба ҳамон ном, ки ҳаст, яъне ба номи аслии худаш бидонем, се-чаҳорум лаззат ва зебоии баёнро аз миён бурдаем» [95, 149]. Забоншиноси тоҷик М. Қ. Саломов баъд аз он ки маҷозро дар осори адибони классикӣ меомӯзад, хулосаи худро чунин ҷамъбаст мекунад:

«Маҷоз яке аз он мафҳумҳои муҳимест, ки дар низоми илмҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадофи асосии маҷоз барои ифодаи маъно равона шудааст. Яъне, он воситаест, ки тавассути он аз калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд, маънои дигаре тавлид ёбад. Ин мафҳум аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз аз даврони қадим олимони соҳаи суханшиносӣ барои муайян кардани маънои калима ва хусусиятҳои гуногуну серпаҳлуи он баҳсҳо карда, тадқиқотҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонидаанд. Зеро ташаккули таърихии ҷамъият ба инсоният шароит фароҳам месохт, ки барои ғанӣ гардонидани маънавиёти худ ба эҷодкорӣ даст бизанад ва дар ин раванд образу тасвирҳо ва фантазия (ё муболиға)-ҳои зиёдеро тавассути забон баён кунад. Пеш аз ҳама, ифода ва ё баёнҳои ғайривоқеӣ боиси он мегардид, ки калимаҳо дорои тобиш ё ҷилоҳои нави маъноӣ гарданд» [142, 120].

Маҷоз аз санъатҳои муҳим ва калидӣ дар девони Ҳумом мебошад. Аз мутолиаи ғазалҳои Ҳумом маълум шуд, ки дар ашъори ӯ 1345 калима ва таркибҳои маҷозӣ ба кор рафтаанд. Бояд зикр кунем, ки маҷозоти шеъри Ҳумом нисбат ба дигар шоирони таърихи адабиётамон сода, бетакаллуф ва бидуни ибҳому душворбаёнӣ воқеъ гардидаанд. Ӯ то ҷойе тавониста аз маҷозҳое кор гирифтааст, ки дархури фаҳму дарки хонанда бошанд. Хонандаи ашъори Ҳумом ба вожаҳое дучор меояд, ки онҳоро борҳо дида, хонда, маъноҳои онҳоро дар зеҳни худ имтиёз додааст. Мо хеле кам ба калима ва маҷозҳое дучор мешавем, ки дар фаҳм ва дарки онҳо дучори мушкилӣ шавем. Масалан, дар байти зер таркиби «офтоби инояти азалӣ» ишора ба Ҳазрати Расули Акрам (с) мебошад:

Чу баромад зи шарқ лам язалӣ,
**Офтоби инояти азалӣ** [34, 233].

Дар байти дигар таркиби **«мавҷи ҳастнамой»** маҷозан инсон ва **«баҳри мавҷфизой»** Ҳақ аст:

Нақши ин **мавҷҳои ҳастнамой,**
Менамояд **чу баҳри мавҷфизой** [34, 235].

Дар натиҷаи истифодаи зиёди калимаҳо ба маънои ғайриаслӣ дар илми баён категорияи маҷоз ва ҳақиқат ба вуҷуд омад. Аз абёти ҷамъоваришуда аз ғазалҳои шоир чунин маълум мешавад, ки ӯ барои баёни афкори мавриди назар ва муқобилгузории мафҳуму воқеоти гуногун дар байтҳои алоҳида аз навъҳои гуногуни маҷоз кор гирифтааст. Масалан, дар байти зер калимаҳои «гадоён», «лаби ширин» ва таркиби «шакар чидан» ба маънои маҷозӣ омада, калимаи «гадоён» ба маънои худи қаҳрамони лирикӣ – шоир омадааст ва таркиби «лаби ширин» ба маънои лаби маъшуқа омадааст ва таркиби «шакар чидан» ба маънои гӯш кардан, истимоъ ва лаззат бурдан аз сухани маъшуқ аст:

Ба г**адоён** нарасад он **лаби ширин,** боре,

Ту сухан гӯй, **то ман шакаре барчинам** [34, 127].

Дар байти дигар таркиби хобгоҳи адамро ба маънои марг ва қабр истифода кардааст:

Ба **хобгоҳи адам** гар ҳазор сол бихусбам,

Зи хоби оқибат огаҳ зи бӯи мӯи ту бошам [34, 125].

Дар ғазал ба кор рафтани маҷоз ба сабку услуб, ҷаҳонбинӣ, чигунагии адо кардани маъно ва омилҳои дигари эҷодии шоир бастагӣ дорад. Масалан, дар байти зерини Ҳумом ибораҳои **қолаби мурдор**, **зоғу заған** ва **тӯтии шаккарсухан** истифода шудаанд, ки ҳама ба маънои маҷозӣ омада, якумӣ киноя аз тану пайкар, дувумӣ киноя аз инсонҳои ҳасуди пастфитрати нодон ва севумӣ киноя аз ширинзабонии худи шоир аст:

Пеши ин **қолаби мурдор** чӣ кор аст маро?

Нестам **зоғу заған тӯтии шаккарсуханам** [34, 125].

Баъзан мешавад, ки дар як байти шоир як мисраъ ҳукми маҷозро дорад:

Соқиё**, бар сари ҷон бори гарон аст танам,**

Бода деҳ, боз раҳон, як нафас аз хештанам! [34, 125].

Дар мисраи аввали ин байт «**бар сари ҷон бори гарон»** будани тан маҷоз аст ва шоири ориф шикоят аз тани худ мекунад ва иброз медорад, ки ҷони ман зери бори тан мондааст, миннати танро мекашад ва маро аз васл шудан ба Маъшуқ бозмедорад. Ба ҳамин мазмун дар байти зер бо итсифода аз маҷозу

киноя зикр мекунад, ки ман мурғи боғи малакутам ва барои будубоши муваққат дар дунё қафасам сохтаанд аз баданам:

Мурғи **боғи малакутам**, наям аз олами хок,

Ду-**се рӯзе қафасе сохтаанд аз баданам** [34, 125].

Ё ин ки:

Эй насими саҳарӣ, бӯи нигорам ба ман ор,

То ман аз шавқ **қафасро ҳама дар ҳам шиканам** [34, 125].

Дар ин байт «**қафасро ҳама дар ҳам шикастан»** ба маънои маҷозии раҳо шудан аз қайду банди танпарварӣ ва васвоси нафсонӣ аст:

То хаёли қоматаш дар дидаи гирёни мост,

Гар **нарӯяд сарв бар оби равон,** осудаем [34, 128].

Дар ин байт низ рӯидани сарв ва оби борон ба маънои маҷозӣ омада, ба маънои аз гиряи бисёр ва мунтазирии ошиқ ба маъшуқ мебошад. Дар байти дигар шоир ишқро ба бисоти нард ва ҷони худро ба муҳраи он маҷозан шабеҳ кардааст:

**Покбозонро** чу бозӣ менамояд, эй Ҳумом,

**Бар бисоти нарди ишқаш мухраи ҷон бохтан** [34, 137].

Яке аз шартҳои муҳим дар истифодаи маҷозҳо истифодаи қарина ё сабаби монандии маънои маҷозӣ ба ҳақиқӣ мебошад, ки дар ин маврид Каззозӣ чунин овардааст: «Маънои ҳунарӣ дар вожа бо маънои ростини он бояд пайвастагӣ дошта бошад. Ин пайвастагиро «пайванд» (алоқа) меномем. Бар бунёди ҳамин пайванд аст, ки ба кор бурдани вожаро дар маънои ҳунарии он метавон раво шумурд. Агар пайванде дар миёнаи ду маънои вожа натавон ёфт, маҷоз арзиши зебоишинохтӣ наметавонад дошт… Пайвандҳои маҷозӣ ҳамонҳост, ки аз пеш ёфта шудаанд ва дар адаб корбурд ёфтаанд. Ба сухани дигар, ин пайвандҳо чунонанд, ки гӯйӣ аз сиришту сохтори забон ҷӯшидаанду баромадаанд» [99, 143].

Ҳумом ҳар куҷое ки калимаро ба маънои маҷозӣ меорад, ҳатман қаринае барои он таъйин мекунад, то хонанда ба сардаргумӣ наафтад. Масалан, дар

абёти зер маъшуқаро ба шамъ монанд мекунад ва сабаби ин монандӣ равшании онҳост:

**Ҷон ба лаби ту додаам,** пеши ту сар ниҳодаам,
**Шамъию шоҳидон лаган, ҷонию дигарон бадан.**
Ҷони мани шикаста кай дар назар оварӣ ту чун
Зулфи **туро ҳазор ҷон**, ҳаст ба зери ҳар шикан [34, 137].

Дар байти зеррини шоир таркиби **аз даст рафтани сар** ба маънои маҷозии ирода ва ихтиёр ва аз миён рафтан омадааст:

Нақшат ҳаме парастам, гӯ **сар бирав зи даста**м,
Савдои хубрӯён бе дарди сар набошад [34, 85].

Дар мисраит дувум таркиби бе дарди сар набудан маҷоз набуда, балки киноя аст ва маънои мушкилот ва саргардониро дорад. Дар байти зер калимаи **сар** ба маънои маҷозии азм, қасд ва андеша ба кор рафтааст:

Ҳар к-ӯ **сари** ту дорад павои сар надорад,
Масти ту то қиёмат аз худ хабар надорад [34, 86].

Гузашта аз маҷоз дар байти боло санъати таҷниси том низ вуҷуд дорад, чунки шоир калимаи сарро ду бор ба маъноҳои мухталиф ба кор бурдааст.

Маҷоз дар ғазалҳои Ҳумом воситаи хеле муҳимми тасвири бадеӣ шумурда шуда, пояи асосии бунёди дигар тасовири шоир аст, зеро фақат ба воситаи маҷоз сухани шоир муассир мегардад ва мафҳумҳо бо тарзу сабки мухталиф ифода мешаванд. Ба ҷуз аз ин, маҷоз доманаи васеъи истифода дорад ва ҳатто ташбеҳ, истиора, тавсиф низ як ҷузъи маҷоз мебошанд. Аз ин рӯ, маҷоз дар шаклгирии баъзе орояҳои адабӣ саҳим аст.

**Киноя.** Киноя низ яке аз санъатҳои бадеист, ки дар ғазалҳои Ҳумом ба кор рафтааст. Киноя дар луғат ба маънои пӯшида сухан гуфтан омадааст. Аммо дар истилоҳ чунин санъати бадеист, ки шоир калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳоеро истифода мекунад, ки дорои ду маъно – наздик ва дур бошанд ва муроди шоир маънои дувуми онҳо бошад. Ҷалолуддини Ҳумоӣ дар таърифи киноя чунин овардааст: «Киноя дар луғат ба маънои пӯшида сухан гуфтан аст ва дар истилоҳ сухане аст, ки дорои ду маънӣ – қариб ва баъид бошад ва ин ду маънӣ лозиму

малзуми якдигар бошанд. Пас гӯянда он ҷумларо чунон таркиб кунад ва ба кор барад, ки зеҳни шунаванда аз маънои наздик ба маънои дур мунтақил гардад» [172, 286]. Ҳамчунин, М. Ҷ. Каззозӣ мегӯяд: «Киноя яке дигар аз абзорҳоест, ки шоир бо ёрии он андешаи худро дар лифофае аз калимоти печида таҳвили хонанда мегардонад. Ӯ андешаи ошкор ва равшани хешро пӯшида қарор медиҳад, ки ӯ бо ҳаллоҷӣ ва интихоб ва гузиниши мукаррари худ ба маънои аслӣ даст ёбад» [99, 157]. Донишмандони улуми балоғат миёни истиора, маҷоз ва киноя шабоҳатҳо ва ва фарқҳое қоил шудаанд. Дар киноя низ ба мисли дигар васоити баёнӣ калима дар ғайри маънии ҳақиқии худ ба кор меравад. Аммо он аз истиора ва маҷоз ба он фарқ мекунад, ки дар истиора ва маҷоз байни калимаҳои маҷозӣ анвои гуногуни алоқаҳо ва қаринаҳо, махсусан, алоқаи сорфияи мушобаҳат вуҷуд дорад, ки зеҳни хонандаро аз фаҳми автоматии матн берун карда, ба маънои маҷозӣ наздик мекунад, аммо дар киноя қарина вуҷуд надорад ва калимаҳо ба ду маъно истифода мешаванд ва ҳар ду маъно ҳам барои фаҳми маънои киноявии калимот зарур мебошад. Аммо дар маҷоз ё истиора маънии асосӣ ё луғавии калимаро сарфи назар мекунанд, аммо дар киноя иродаи маънии аслӣ низ ҷоиз ва мумкин аст [172, 286]. Дар китобҳои назарии қадимии мо киноя ба маънои куллии он ба кор рафтааст, ки шомили истиора ва маҷоз низ будааст [172, 286] ва онро истилоҳи махсусе дар муқобили маҷоз, истиора ва ташбеҳ қабул накардаанд ва ҳар куҷо калима дар ғайри маънои ҳақиқии худ ба кор мерафт, маънои кинояви мегуфтанд [Ҳамон, 286]. Аксари вақт истиораи муканния ё мураккаб бо киноя иштибоҳ мешавад. Аммо фарқи киноя аз истиораи мураккаб дар он аст, ки истиораи мураккаб дорои қаринаи сорфия ҳаст ва аз рӯйи ҳамин, хонанда дарк мекунад, ки калима дар маънои ҳақиқии худ ба кор нарафтааст. Аммо дар киноя қаринае, ки далолат бар маънои сонавии калима кунад, расман вуҷуд надорад [174, 131]. Ба ин тартиб, маълум мешавад, ки истиора ва киноя аз ҳам чунин фарқҳо оранд:

1.Дар истиора (ва ҳам маҷоз) байни калимаҳо алоқа ва ё қарина вуҷуд дорад, аммо миёни маъноҳои калимаҳои кинояви алоқа вуҷуд надорад.

2. Дар истиора фақат аз ашёҳо ном бурда мешавад ва калима дар истиора фақат ба як маъно меояд, аммо дар киноя калимаҳо, таркибҳо ва ҷумлаҳо ҳатман дорои ду маъно мебошанд. Дар киноя калимаҳо ҳам маънои дур ва ҳам маънои наздик доранд, аммо аслан муроди гӯянда маънои дури вожаҳост, аммо маънои аввал низ зери назар аст, чунки бидуни маънои нахуст, ба маънои сонавӣ расидан душвор аст.

3. Истиора аз киноя ба он фарқ мекунад, ки дар истиора аксаран калимаҳои муфрад ё сода истифода мешаванд (гарчанде ки дар истиораҳои мураккаб иборахо ва ҷумлаҳо низ истиора мешаванд, аммо ин кам рух медиҳад). Аммо дар киноя аксаран таркибҳо, иборахо ва ҷумлаҳо ба маънои киноявӣ меоянд.

Аз киноя ва анвои он низ дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ истифода шудааст. Масалан, дар байти зер таркибҳои **камари бандагӣ бастан** ва **миён бастан** истифода шудаанд, ки киноя аз омодагӣ ба коре, таёрӣ ба амале мебошанд:

**Бандагиро камар имрӯз бибандед ба ҷон**,
Чун **набандем миён**, Юсуфи даврон инҷост [34, 67].

Дар байти зер низ таркиби **пой дар гил будан** истифода шудааст, ки маънои побандшуда, муқайяд ва гирифторро дорад:

Маштоб сорбон, ки **маро пой дар гил аст**,
Бар гарданам зи ҳалқаи зулфаш салосил аст [34, 70].

Дар байти боло гузашта аз киноя, маҷоз низ ҳаст ва **ба гардан аз зулфи ёр салосил доштан** маҷоз аст ва он низ ба маънои гирифторӣ ва мулзам будан ба коре омадааст.

Дар байти зер **лоф задан** низ киноя аст ва маънои сухани беҳуда ва нолозим гуфтан аст:

**Сарв зад бо қоматаш лофи** дурӯғ аз ростӣ,
Мардуми соҳибназар донанд, ки қавлаш ботил аст [34, 73].

**Пардадарӣ кардан ва ё пардаи касеро даридан** низ дар шеъри Ҳумом бисёр истифода шудааст ва он бештар ба маънои киноии сирру асрори касеро фош кардан ва фошгӯйӣ истифода шудааст:

Чу субҳ **пардадарӣ** мекунад шикоятҳо,

Ҳаме кунам бари он кас, ки ғамгусори ман аст [34,74].

Дар абёти зерини шоир низ кинoя вуҷуд дорад:

Биё, биё, ки зи ҳаҷр **омадам ба ҷон**, эй дӯст,

Биё, ки **сер шудам** бе ту аз ҷаҳон, эй дӯст [34,76].

****

Фитна аз болои ту **боло гирифт**,

Шаҳр аз он рафтори ту ғавғо гирифт [34,78].

****

**Ҳар к-ӯ сари ту дорад**, парвои сар надорад,

Масти ту то қиёмат аз худ хабар надорад [34,81].

****

Чун Ҳумом онҳо, ки чашми нимамастат дидаанд,

**Пушт бар хумхонаҳои майфурӯшон кардаанд** [34, 82].

****

Ман аз ин ҳастии худ нек **ба ҷон омадаам**,

Ту чунон бехабарам кун, ки надонам, ки манам [34, 127].

****

Намедонам чӣ рӯй аст он, ҳар ҷое, ки бинмудӣ,

**Зи ҳайрат ақл мегирад сари ангушт дар дандон** [34, 133].

Дар байтҳои болоизикр таркибҳои **ба ҷон омадан, сер шудан, боло гирифтан, сари касе доштан, пушт бар чизе кардан** ва **сари ангушт бар дандон гирифтан** ба маънои киноӣ омадаанд.

Таҳқиқи иҷмолии кинояҳои ғазалҳои Ҳумом нишон медиҳад, ки аксари киноёти бакоррафта дар ашъори ӯ омиёна буда, фаҳми онҳо барои хонанда осон аст ва ба як назар маънои дувуми онҳоро, ки мақсади шоир аст, хонанда мефаҳмад.

**Иҳом.** Иҳом яке аз бахшҳои муҳимми зебоишиносии шеър аст, ки сабаби гироӣ ва расоии калом, ҳамчунин, сабаби густариши маъно мешавад. Таърифи иҳом бо гузари замон ва афзоишу пайдоиши макотиби адабӣ, ҳамеша дар ҳоли

тағйир аст. Рашидуддини Ватвот дар таърифи иҳом мегӯяд: «Иҳом чунон бувад, ки дабир ё шоир дар наср ё назм алфозе ба кор барад, ки он лафзро ду маънӣ бошад: яке қариб ва дигаре ғариб. Ва чун сомеъ он алфоз бишинавад, ҳоли хотираш ба маънии қариб равад ва мурод аз он лафз худи маънии ғариб бувад» [10, 39].

Таърифи нисбатан комилтари иҳомро Ҳусайн Воизи Кошифӣ оварда ва онро ба навъҳои мурашшаҳ ва муҷаррад ҷудо карда, гуфтааст: «Ва иҳом бар ду навъ аст иҳоми мурашшаҳ ...ва дувум иҳоми муҷаррад» [18, 112]. Дар иҳоми мушаррах барои фаҳми маънои калимоти иҳом қаринае вуҷуд дорад ва ба воситаи он хонанда аз фаҳми автоматии матн берун меравад ва мақсади шоирро мефаҳмад. Дар иҳоми муҷаррад баракс, қаринае барои фаҳми калимоти иҳом вуҷуд надорад. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ низ дар «Бадоеъ-ус-санеъ» гуфтааст: «Иборат аз овардани лафзе дар калом, ки аз вай он ҷо ду маънӣ мафҳум гардад: яке қариб ба фаҳм ва дигаре баъид аз фаҳм. Бо иродаи маънии баиъд, эътимод бар қаринаи хуфия, хоҳ он қарина дар калом бошад ва хоҳ дар хориҷи он калом» [46, 174]. Муҳаммадхалили Раҷоӣ дар китоби «Маъолим-ул-балоға» зимни шарҳи иҳом «таврия», «ибҳом» ва «тахайюл», «қаринаи хуфия» ва «мухотиби фитан»-ро аз шурути иҳом оварда ва чунин таъриф мекунад: «Ин санъат [таврия – Ф. У.]-ро иҳом ва тахайюл низ гӯянд ва он чунон аст, ки дар калом лафзе оваранд, ки ду маънӣ дошта бошад: яке қариб ва дигар баъид. Ва мурод маънии баъид бошад, ба маънои қаринаи хуфия, ки онро ҷуз шахси фатин дарк накунад» [26, 349]. Ваҳидиёни Комёр чунин таъриф кардааст: «Иҳом ба танҳоӣ суханест, ки дорои ду маъно бошад: яке маънои дур, ки маънои аслӣ аст ва дигаре маънои наздик» [104, 137]. М. Ҷ. Каззозӣ гуфтааст: «Иҳом пиндорхезтарин ва ҳунаритарин орояи дарунист, суханвари борикбини хурдасанҷ метавонад жарфандешу ниҳонкор ва лояҳои гуногуни маъноиро ба ёрии иҳом дар сурудаи худ биёфарад ва андешаҳову нигораҳои гуногуни шоиронаро бад-ин сон дар ҳам фурӯ танад. Иҳом он аст, ки суханвар вожароончунон нағз дар сурудаи худ ба кор барад, ки битавон аз он ду маъно дарёфт: яке маъное, ки нахуст ва ба якбора дарёфта мешавад ва онро маънои наздик

меномем. Дигар, маъное, ки бо дирангу ковиш дар байт бар он раҳ мебаранд ва онро маънои дур мехонем. Он чи дар орояи иҳом фузунтар хости суханвар аст, маънои дур аст» [99, 128-130]. Кадканӣ дар китоби «Растохези калимот» гуфтааст: «Иҳом навъе дупаҳлу сухан гуфтан аст, яъне калимае, ки ба кор барем, ки дорои ду маънист ва зеҳн ҳар ду маъниро тадоӣ кунад» [94, 278].

Нақди таърифҳои иҳом нишон медиҳад, ки донишмандони илми балоғат ба ҷанбаҳои думаъноӣ ё чандмаъноии калом бисёр таваҷҷуҳ нишон дода ва онро аз аз рукнҳои асосии иҳом дар зебоишиносӣ баррасӣ кардаанд, зеро дар иҳом вожа ё иборат ба гунаест, ки зеҳн бар сари дуроҳа қарор мегирад ва наметавонд дар як лаҳза яке аз ду маъниро баргузинад. Дарки ин ки кадом маънӣ аслӣ аст ва кадом фаръӣ, баста ба робитаи кулли калимоти мисраъ ё байт бо калимаи мавриди иҳом дорад [99, 131].

Баъзе донишмандон иҳоми омезишёфта бо ибҳомро ширинтар ва дилпазиртар зикр кардаанд. Масалан, Яҳё Ибни Ҳамзаи Алавӣ иҳоми омехта бо ибҳомро омили балоғати калом даниста ва гуфтааст: «Маънӣ чун дар каломе мубҳам дарояд, балоғати он меофзояд ва эъҷоб ва фахомат пайдо мекунад, зеро вақте гӯш мутаваҷҷеҳи ибҳом шавад, шунаванда ба роҳҳои мухталиф меравад» [5, 278].

Дар саросари ғазалҳои Ҳумом иҳом ва анвои он дар 37 байт ба даст омад:

Аз раҳи чашмам гирифтӣ мулки дил,
Ҷумла дилҳо дар балои дидаанд [34, 91].

Дар байти боло ибораи «аз раҳи чашм», дар маонии «аз тариқи равзани чашм, мамлакати дилро тасхир кардӣ» ва «аз баробар ва ҷилави чашмам мулки дилро гирифтӣ» ба кор рафта, ки муроди шоир маънии нахуст аст, ки ишқ бо нигоҳ оғоз мешавад ва ҳар балое, ки ба дил мерасад, аз роҳи дида меояд.

Ё ин ки:

Аз дидаи пири мо шуд ашк равон ҳоло,
Чун дид муридонро аз ишқ бад-он зорӣ [34, 149].

Дар ин байт вожаи «пир» ду маънӣ дорад: яке ба маънии «коркарда ва заифшуда» ва дигаре «муршид ва мурод», ки бо каме тааммуқ дармеёбем, ки муроди шоир маънии дувум аст ва ин маънӣ бар маънии нахуст мувофиқ аст:

Яке аз навъҳои дигари иҳом иҳоми қасдулмаъниайн ё иҳоми қасдулваҷҳайн аст. Қасдулваҷҳайн лафзеро гӯянд, ки ду маънӣ ё зиёда аз он ирода намоянд ва қароину мулоимоти ҳар дуро биоваранд. Ва фарқи он бо таврия ин аст, ки дар таврия як маънӣ ирода шуда ва дар ин ҷо ҳар ду мурод аст [95, 289].

Хоки пойи ту шавам гар гули рухсораи хеш

Ба ҳамон обу тароват ба раҳе биспорӣ [34, 148].

Вожаи «раҳе» дар ин байт, ба ду маънӣ – «роҳ ва маҳалли рафту омад» ва «бандаву чокар» ба кор рафта, иҳоми қасдулмаъниайн ё зулваҷҳайн мебошад:

Ҳуснро аз дидаҳо пайваста пинҳон доштан

Ҷуз ба рӯзе рӯйи ту берун наомад аз ҳиҷоб [34, 61].

Дар байти боло низ калимаи «дидаҳо» дар ду маънӣ «чашмҳо» ва «дидашудаҳо» ба кор рафтааст, ки ҳар ду маъниро метавон бардошт кард.

Аз навъҳои дигари иҳом, ки дар ғазалҳои шоир дида шуд, иҳоми том мебошад. Иҳоми том он аст, ки вожаи ба коргарифташуда дорои се маънӣ бошад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ гуфтааст, ки «Ва агар иҳомро се маънӣ бошад, онро том гӯянд ва агар аз се маънӣ зиёд бувад, зулвуҷуҳ хонанд ва то ҳафт маънӣ овардаанд» [19, 113]. Ҳумом мегӯяд:

Гар зи туркӣ рехт чашми турки ӯ хуни Ҳумом,

Чунки сайди лоғар аст, аз нанг таркаш мекунад [34, 94].

Дар ин байт «тарк кардан» ба се маънӣ ба кор рафтааст. Сохтори ҳамнишинии калимот чунон назм ёфтааст, ки хонанда дар интихоби маънӣ дар банди тардид мемонад, ки «тарк кардан» ба маънии «раҳо кардан» аст ё «ба тарки зин (зини асб). Ҳатто бо каме тааммуқ маънии дури дигаре ба зеҳн мерасад, ки дар ин сурат бештар бо иҳоми таносуб тавҷеҳпазир аст ва он ин ки «таркаш кардан» худ ба маънии «тирдон сохтан» аст, ки аз лавозими сайёдӣ ва шикоргарӣ аст. Низ дар ҳамин маънии ахир маънии киноии дигаре ба зеҳн

меояд ва он ин аст, ки ба сабаби нангу нафрат аз шикор онро бо тир он қадар мезанад, ки ба шакли таркаш (тирдон) дарояд. Дар байти дигар меорад:

Ба даври чашми масти дилфиребат
Намонад зоҳиди садсола мастур [34, 110].

Калимаи «давр» дар байти мазбур ба ду маънӣ аст: «давра ва замона» ва «давр ва гардиши пиёлаи шароб дар маҷлис», ки бо каме тафаҳҳус онро метавон ба маънии «перомун ва атроф» низ маънӣ кард. Чунонки шоир ин ваҳмафканӣ ва тахайюлро бо ҳамон вожа дар байти дигар чунин расо ва латиф овардааст:

Дар даври чашми масти ту ҳушёр кас намонд,
То масти ишқро кунад акнун маломате [34, 145].

Навъи дигари иҳом, чунин аст, ки калима дорои се, чаҳор ва ҳатто аз он ҳам зиёд маъноҳо бошад, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба он иҳоми зулвуҷуҳ гуфтааст [18, 113]. Мисол:

Моҷарои ғами ишқи ту чунон нест, ки ман
Бар забони қалами сарзада таҳрир кунам [34, 126].

Вожаи «сарзада» маъниҳои «қайчизада ва бурида шуда», «парешону саргардон», «ногоҳу бехабар» ва «мағмуми сархӯрда»-ро бо худ дорад. Ва калимаи «таҳрир» бо таваҷҷуҳ ба калимоти мавҷуд дар байт ба маъноҳои «хутуте, ки наққош даври тасвир мекашад» ва «навиштан ва китобат кардан» ва «печидагии овоз дар гулӯ» омадааст, ки калимоти забон ва қалам ин маъниро тақвият мекунад. Дар зимн, вожаи «сар» дар «сарзада» бо калимаи «забон» низ иҳом мебошанд.

Аз навъҳои дигари иҳом иҳоми таносуб мебошад, ки он бо даргир сохтани зеҳни хонанда бар сари интихоби як маънӣ аз миёни чанд маънии калима лаззати адабӣ мебахшад. Фарқи ин навъи иҳом аз дигар навъҳо он аст, ки дар иҳоми таносуб маънии дувум бо вожа ё вожаҳои дигар робитаи таносуб ё тазодд эҷод мекунад:

Ҳама донанд, ки ҳар отифа варзад кеше,
Кеши ман он ки шавад ҷону дилам қурбонаш [34, 112].

Вожаи «қурбон» дорои ду маъно – «қурбонӣ» ва «тасаддуқ» ва «камондон» аст, аммо дар ин байт маънии аввал мурод шуда ва маънии дувум, ки қасд нест, бо вожаи «кеш», ки он ҳам дорои ду маънӣ – «оин ва дин» ва «тирдон» аст ва маънии дувумаш мурод нест, иҳоми таносуб шудаанд.

Қудрати хаёлпардозӣ ва сухансозии Ҳумом дар истифодаи вожаҳо ва истихдоми калимоти таносубсоз барои пайвастани занҷираи маъниҳо ва истифодаи ҳушмандона аз зарфияти ҳунарии вожагон ҳангоми баёни маонии зарифи балоғӣ ва иҳомдор дар байти зер низ ба кор рафтааст:

Шукуфа рақскунон дар ҳавои боғ равад

Зи завқи нағмаи мурғону зарби дасти чинор [34, 42].

Байти мазбур зимни ин ки моломол аз унсурҳои гуногуни балоғӣ аст, аз назари вуҷуди таносуботи маъноӣ байни калимот салобат ва устувори маъноии қолиби таваҷҷуҳе дорад. Гузашта аз иҳом, дар ин байт саъати ташхис низ ба кор рафтааст. Масалан, шукуфа ҳамчун инсони шодкоми чолок бо зарби дастони чинор аз завқи мурғон, дар ҳавои боғ мерақсад ва мурғ, ки маҷоз аз анвоъи парандагон аст, ҳамчун хунёгари навохон ва чинор чун навозишгари зарбнавозест, ки дар боғи табиат мусиқӣ ва тасбеҳ сар додааст, ташбеҳи заминии бисёр олӣ дар баргҳои чинор ба панҷаи даст аст.

Ҳамчунин, такрори ҳарфи «қ» дар калимаҳои «рақскунон» ва «завқ» ва «ғ» дар «боғ» ва «нағма» ва «мурғон» навъе санъати нағмаи ҳуруф мебошанд,, ки дар байти боло мусиқии хоссеро ба хонанда ва шунаванда илқо мекунанд.

Ҳамчунин, вожаҳои «рақс», «завқ», «нағма», «зарб», «даст» бо ҳам таносуб доранд. Вожаҳои «шукуфа», «боғ», «чинор», «мурғ», «боғ», «даст», «ҳаво» иҳоми таносуби зарифе бо калимоти «рақс», «завқ», «нағма», «зарб» ва «даст» дорад, зеро маънии дигари «ҳаво», ки дар ин ҷо мурод нест, «дам ва боди ҳаво» аст, ки созҳои даҳанӣ ва бодӣ ба онҳо ниёз доранд.

Аз баррасии иҳом дар ғазалҳои Ҳумом маълум шуд, ки шоир барои пушида ва мубҳам ифода кардани рози ирфонӣ ба суханбозӣ ва истифодаи иҳомоти душвор даст мезанад ва хонанда бояд хеле зираку доно бошад, то сухани шоирро фаҳм кунад.

**Талмеҳ.** Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба чизе ва сухани намакин гуфтан аст. Дар истилоҳи улуми адабӣ талмеҳ чунин санъати бадеист, ки зимни он шоир ба ин ё он воқеаҳои таърихии гузашта, шахсиятҳои бузург ва ғайра ишораҳо карда, бо зикри онҳо сухани худро зинат мебахшад. Кадканӣ дар китоби «Растохези калимот» аз талмеҳ чунин таъриф мекунад: «Талмеҳ ишора ба афсонаҳову устураҳои роиҷ дар миёни мардум аст, бо ишора бо сухане, ки бисёр шуҳрат дошта бошад. Арзиши ин санъат бастагӣ ба арзиши тадоӣ дорад, ки аз он ҳосил мешавад. Ҳар қадар устураҳову достонҳои мавриди ишора латифтар бошад, ин санъат тадоии лаззатбахштареро ба вуҷуд меоварад» [93, 280].

Т. Зеҳнӣ дар бораи талмеҳ менависад: «Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯи чизест. Агар талмеҳро қалби талмеҳ қарор диҳем, ба маънои намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст. Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан санъати талмеҳ номида мешавад**…»** [89, 128]. Дар китоби «Балоғат ва суханварӣ»-и Х. Шарифзода талмеҳ чунин шарҳ шудааст: «Маънои луғавии талмеҳ нигоҳ кардан ва ишора кардан ба сӯйи чизест. Дар истилоҳи илми бадеъ ишора кардан ба қисса ё масале маъруфро талмеҳ мегӯянд» [185, 117-118]. Ҳамчунин, донишмандон ишора ба қиссаҳои қуръонӣ ва диниро низ аз навъи талмеҳ арзёбӣ кардаанд.

Аз таҳқиқи талмеҳоти ғазалҳои Ҳумом маълум шуд, ки дар осори ӯ талмеҳоти динӣ бештар ба кор рафтаанд ва низ дақиқ шуд, ки талмеҳоти пайғамбарон, алалхусус ҳазрати Муҳаммад Исо, Мусо, Яъқуб, Юсуф, Сулаймон ва дигарон бештар ба кор рафтаанд.

Дардмандонро зи бӯйи дӯст дармон мерасад,
Муждаи фарзанд пеши **Пири Канъон** мерасад [34, 85].

Дар ғазалҳои Ҳумом талмеҳи пайғамбарон бо сифате вобаста ба кору фаъолияташон ва муъҷизаҳояшон талмеҳ шудаанд. Масалан, Иброҳим бо оташ, Юсуф бо зебоияш, Аюб бо сабру таҳаммулаш ба сахтиҳо, Сулаймон бо тахту бод ва паррандагону девҳо, ки дар фармонаш буданд, Мусо бо асову яди байзо,

Хизр бо чашмаи ҳайвон ё оби ҷовидонӣ ва ғайра ёд шудаанд. Масалан, дар абёти зер девро дар ҳукми фармон кашидани Сулаймон зикр кардааст:

Нафси кофаркешро ишқи ту дар имон кашид,
Девро ҳукми **Сулаймон** боз дар фармон кашид [34, 106].

Ё ин кӣ:

Макун бо Хизр ҳамроҳӣ, на марди оби ҳайвонӣ,
**Сулаймонӣ, вале хотам** дар ангуштат намебинам [34, 135].

Хизр ва чашмаи ҳайвон низ дар ғазалҳои шоир борҳо талмеҳ шудааст:

**Одам видои сояи Тӯбӣ** ҳаме кунад,
Хизр аз канори Чашмаи ҳайвон ҳамеравад [34, 97].

Ё ин ки:

**Хизрро** нури илоҳӣ раҳнамоӣ мекунад,
К-аз миёни тирагӣ бар **оби ҳайвон** мерасад [34, 117].

***

Дар миёни зулмат оби зиндагонӣ ҷуст **Хизр**,
Нури тавфиқаш ба сӯи Чашмаи ҳайвон кашид [34, 106].

Аз пайғамбарони дигар, ки Ҳумом онҳоро зикр мекунад, Яъқуб ва Юсуф мебошанд. Дар куҷое, ки гап аз дурӣ, фироқ ва навмедию сабр бошад, аз Яъқуб сухан ба миён меояд:

**Яъқубро зи Юсуфи** худ дур мекунанд,
Хотам бурун зи дасти **Сулаймон** ҳамеравад [34, 97].

Тавре маълум аст, Яъқуб дар ҳаққи Юсуф зaҷри бисёр кашид ва билохира Худованд ҳардуро бо ҳам расонид. Шоир дар ин маврид гуфтааст:

**Яъқубвор** бе дилу бе дида гаштаӣ,
Юсуф надидаӣ, ки пайи пираҳан шудӣ! [34, 101].

Дар мавриди зебоӣ, нафосат ва ҳусн шоир фақат чеҳраи Юсуфро талмеҳ мекунад:

Бо ҷон чу нафс ёфт маҷоли бародарӣ,
Чун **Юсуфаш** ба Миср гирифтори чоҳ кард [34, 60].

Дар як ғазали мадҳии дигар, ки шоир онро ба Ҳоруни писари Соҳибдевон бахшидааст, чунин гуфтааст:

Бандагиро камар имрӯз бибандед ба ҷон,

Чун набандем миён? **Юсуфи** даврон ин ҷост [34, 69].

Шоир дар мавриди қазову қадар таҳаммул карда, бо овардани қиссаи дар чоҳ андохтани Юсуф ва ба подшоҳии Миср расидани ӯ инсонҳоро ба сабр ва таҳаммулпазирӣ талқин мекунад:

Подшоҳӣ дод **Юсуф**ро саодат баъд аз он,-к,

Ҳам асири чоҳ шуд ҳам заҳмати зиндон кашид [34, 106].

Дар байти дигар ба ҳазрати Исо низ ишора мешавад:

Ҷони муштоқон кашад аз ғамзаи ҷодуи ту

Он ҷафо, к-аз дасти уммат **Исии Имрон** кашид [34, 106].

.Ё ин ки:

Бори дил бар тан ниҳодан кори арбоби дил аст,

Ин, ки **Исо бори** хар бар дӯш гирад, мушкил аст [34, 70].

Дами Исо яке аз суввароти роиҷ дар адаби форсӣ аст ва Ҳумом низ онро талмеҳ кардааст:

**Дами Исо** ба анфосат чӣ монад,

Ки з-ин ҳосил ҳаёти ҷовидонист [34, 78].

Дар байти зер ба Мусо ва кӯҳи Тур ишора шудааст

Ба оташе, ки дар ин шаб зи дур мебинам,

Куҷо расам, ки ба Мусо намерасад қабасе [34, 138].

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ Искандар низ ба сифати пайғамбар ёд шудааст. Қиссаи Сикандар низ марбут ба оби ҳаёт мебошад, зеро ӯ дар ҷустуҷӯи оби ҳаёт ҷаҳонро гашт, аммо наёфт:

Ман зи ғайрат шавам оташкадае, гар ёбад

Огаҳӣ **Хизр, ки Искандари** хубон ин ҷост [34, 69].

Талмеҳоти марбут ба подшоҳони эронӣ низ дар ғазалҳои Ҳумом истифода шудаанд

Амну роҳат дар миёни мулк пайдо мешавад,

**Сояи Кайхусрави фаррух ба Эрон** мерасад [34, 86].

Дигар аз талмеҳоте, ки дар ғазалҳои шоир ба назар расид, марбут ба қаҳрамонони достонҳои ишқӣ-романтикӣ, аз ҷумла, Ширину Фарҳод, Лайлӣ ва Маҷнун ва дигарон мебошанд:

**Фарҳо**д агар дидӣ он чеҳраи **Ширинро,**

Аз даст шудӣ дасташ дар санг тарошидан [34, 138].

Ё дар байти дигар меорад:

Маро, эй хусрави хубон, **чу Фарҳод**

Насибе з-он лаби **Ширин** набошад [34, 86].

Барои зебо нишон додани чеҳраи маъшуқ, гузашта аз Юсуф, ҳамчунин, аз Лайлӣ ва ҳам барои пойдории ишқ ва аҳду вафо ба Лайлию Маҷнун ишораҳо мекунад:

Ҳусни ҳазор **Лайлӣ**, ишқи ҳазор **Маҷнун**,

Дорӣ в-аз он зиёдат дорам ба хоки кӯят [34, 79].

Дигар навъи талмеҳоти истифодашуда дар ғазалҳои шоир марбут ба мавзеъҳои ҷуғрофиёӣ мебошанд. Шоир аз шаҳру мамлакатҳои Ҳиндустон, Хутан, Бағдод, Озарбойҷон, Табрез, Рум, Миср, Суманот, Чин, Туркистон, Ҳиҷоз, Ҳамадон ва ғайра дар ғазалҳояш зикр мекунад:

**Ҳиндустон:**

Тӯтии шириннафасро дар қафас,

Кишвари **Ҳиндустон** ёд оваред [34, 106].

**Хутан:**

Нафсро ёр нахоҳам, ки на з-ин иқлимам,

Чӣ кунам суҳбати ҳинду, ки зи шаҳри **Хутанам** [34, 125].

**Озарбойҷон:**

То кунӣ аҳволпурсӣ хастаи бечораро,

Лутф кардӣ то ба **Рум з-Озарбойҷон** омадӣ [34, 62].

**Миср:**

Чун лабат аз **Мис**р кай хезад набот,

К-аз наботат мечакад оби ҳаёт [34, 62].

**Суманот:**

Пеши нақши рӯят имон оваранд,

Бутпарасони **замини Суманот** [34, 62].

**Чин:**

Чу нақши ту нанигоранд сурате дар **Чин,**

Зиҳӣ ҷамол, ки он лuъбати **Хутан** дорад [34, 82].

**Туркистон:**

Бод чун бигзашт бар зулфи пур аз чини ту гуфт,

Мушк мебояд аз ин кишвар ба **Туркистон** кашид [34, 106].

**Ҳиҷоз:**

Оҷизе, саргаштае донад, ки дар роҳи **Ҳиҷоз**,

Ташнагиҳо аз ҳавои гарми тобистон кашид [34, 106].

**Ҳамадон:**

Оташи ишқи туам дод ҳаёте беҳ аз он-к,

Оби Алванд ба хоки **Ҳамадон** мебахшад [34, 87].

**Рум:**

Ба **Рум** бӯи хушат аз Шимол мешунавам,

Ғуломи боди шимолам, ғуломи боди шимолам [34, 94**].**

Ҳумом, ки дар ҷавонӣ маъмур ва яке аз вузарои даврони Элхонон буд, ба шаҳрҳо ва кишварҳои бисёр шахсан сафар карда буд, чигунагии мардум ва дигар мухтассоти ин шаҳрҳоро медонист ва дар мавориди мухталиф ба он ҷойҳо дар ғазалҳояш ишораҳо кардааст.

Дигар талмеҳоте, ки шоир овардааст, марбут ба чашмаҳо, обҳо ва наҳру рӯдҳо мебошанд. Дар ашъори шоир аз **Даҷла (Фурот), Нил, рӯди Меҳрон ва Оби Алванд** ёд шудааст:

**Даҷла** (Фурот):

Дӯстонат з-оби ҳайвон бенасиб,

Ташнагон ҷон дода наздики **Фурот** [34, 62].

**Нил:**

Ҳарду чашми тирарезам дар фироқи дӯстон

**Нили Мисру Даҷлаи Бағдод** меояд маро [34, 59].

**Рӯди Меҳрон**:

Бадал ба хоки дарат мекунам бар оташ дил,

Ҳавои ҷониби **Табрезу рӯди Меҳронро** [34, 49].

**Оби Алванд**:

Оташи ишқи туам дод ҳаёте беҳ аз он-к

Оби Алванд ба хоки **Ҳамадон** мебахшад [34, 87].

**Тазод ва муқобала.** Дар ин санъати бадеӣ адиб ду шайъ, ду ҳодиса ва калимаҳои ба ҳам зидро истифода мекунад. Шафеии Кадканӣ мегӯяд: «Тазод ё тибоқ ба кор бурдани калимотест, ки дорои мафҳуми мутазодданд» [94, 279]. Ҳамчунин, ин санъатро аз донишмандони тоҷик Т. Зеҳнӣ [89, 70-73], Х. Шарифзода [186, 114-115], У. Тоиров [153, 182-183] ва [152, 734-737] ва дигарон шарҳу тавзеҳ додаанд. Таърифи ин санъатро дар «Донишномаи илми бадеъ»-и У. Тоиров мебинем: «Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари худ калима ва таркибҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам зиданд. Ба таври дигар гӯем, шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари хеш сифат ва хислатҳои ашё ё ду касро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил мегузорад» [152, 734-737].

Дар ғазалҳои Ҳумом низ ин санъат истифодаи вофир дорад:

Туркам зи майи муғона *сармаст,*

Меомаду *ақл рафта* аз даст.

*Махмур* зи бода чашми ҷоду,

*Шӯрида* зи бод зулф чун шаст.

Бар бора *савор* буд чун дид,

Рухсори маро зи зин фурӯ *ҷаст*.

Дастам ба лаби чу лаъл бӯсид,

В-андар қадамам чу хок шуд *паст*.

*Бардошт* зи хок рух, пас он гаҳ

Биншонд марову хеш *нанша*ст.

Як шиша шароб дошт бо худ,
З-он бода, ки ҷуръае кунад маст.
Пур карду яке қадаҳ ба ман дод
В-он хӯрдаму дил зи ғусса ворaст.
Чун маст шудам зи бода гуфтам,
Эй турк, кунун, ки тавба бишкаст.
Медод шароби нобу нуқлам,
Аз пистаи хеш дод пайваст [34, 63].

Тавре ба мушоҳида мерасад, дар саросари ин ғазали шоир натанҳо калимаҳо, балки мисраъҳо ва байтҳо ба ҳам дар таноқузу зиддият омадаанд.

Дар байтҳои зер низ калимаҳои **куфр, имон, кофару муъмин, девона, оқил, нишебу фароз, дарду дармон** ба маъноҳои зидди ҳам омадаанд:

Дар миёни **куфри** зулфат нури **имон** менамояд,
Пеши зулфи **кофари** ту **муъмин** аз эмон барояд [34, 104].

*****

Маломат чун кунам **девонаат**ро,
Ки гар **оқил** бимонад, нест маъзур [34, 110].

*****

Бувад ҳаром сафар бар мусофире, ки равад
Ба азми ёру хабар дорад аз **нишебу фароз** [34, 110].

*****

Фориғам аз дигарон, меҳри ту варзам, ки ҳаст
Меҳри ту ороми ҷон, **дарди** ту **дармон**и дил [34, 114].

Фикрҳо ва ақидаҳои ба ҳам зид дар саросари ғазалҳои шоирони давраҳои мухталифи адабиёти форсу тоҷик дида мешаванд, ки ин масъаларо адабиётшиносон мушоҳида намуда, дар хусуси он изҳори назари хосс доранд. Масалан, Ш. Исрофилниё дар пажуҳише, ки оид ба Носири Бухороӣ ва ғазали асри XIV ба анҷом расонидааст, нақши тазодд ва муқобаларо дар ғазалҳои Носири Бухороӣ ва шоирони асри XIV таҳқиқу муайян кардааст [91, 181]. Муҳаққиқи афғон Муҳаммаддовуд Мунир низ яке аз мухтассоти шоирони

ғазалсарои Ҳирот, махсусан, Абдурраҳмони Ҷомиро дар истифодаи афкори мутаноқиз дидааст [116, 177].

Аз таҳқиқи ғазалҳои Ҳумом муайян шуд, ки ӯ дар 46 байт аз ин санъат истифода кардааст. Мо дар ин ҷо барои ба дарозо накашидани суҳбат аз овардани байтҳо худдорӣ мекунем ва танҳо калима ва мафҳумҳои тазоддиро бо дарҷи сафҳаи девони шоир зикр мекунем: «пиру ҷавон» [34, 1-94], «подшоҳу гадо» [34, 14-70]. «ширину талх» [34, 70], «масту ҳушёр» [34, 111], «бегонаву ошно» [34, 115], «султону бенаво» [34, 150], «шабу рӯз» [34, 5-109], «дӯсту душман» [34, 6-50], «девонаву хирадманд» [34, 89], «сармасту порсо» [34, 89], «субҳу шом» [34, 59], «ёру ағёр» [34, 61], «сару по» [34, 61], «куфру дин» [34, 68], «обу гил» [34, 71], «маҳмилнишин ва мустаъҷил» [34, 71], «меҳрубону номеҳрубон» [34, 72], «бохабар, бехабар» [34, 75], «ташнаву чашма» [34, 76], «хору гулистон» [34, 76], «пирию ҷавонӣ» [34, 78], «шабу саҳар» [34, 78], «бинову нобино» [34, 79], «зиндаву мурда» [34, 86], «дарду дармон» [34, 86], «рӯшану торик» [34, 86], «латофату офат» [34, 86], «шодмону ғамгин» [34, 86], «душвору осон» [34, 97], «баҳору хазон» [34, 97], «зуҳду авбош» [34, 104], «сарандозу хушбош» [34, 104], «ҳаҷру висол» [34, 104].

Агар ба калимаҳои мутаноқиз дар ғазалҳои Ҳумом назар андозем, мефаҳмем, ки онҳо ҳама барои ибрози андешаҳои ирфонии шоир истифода шуда, дар аксари онҳо хислату характери ошиқу маъшуқ бо ҳам қиёс мешавад.

Аз таҳқиқи бадеиёти ғазалҳои Ҳумом чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки аз ҷиҳати басомад ё бакоргирии саноеи мухталифи бадеӣ дар ҷойи аввал тавсиф, дар ҷойи дувум ташбеҳ бо навъҳояш, дар ҷойи севум истиора, дар ҷойи чаҳорум маҷоз ва дар ҷойи панҷум талмеҳ, дар ҷойи шашум иҳом ва баъдан тазодду муқобала қарор доранд.

Хусусияти ба назар намоёни санъати истиора дар ғазалҳои Ҳумом омезиши он бо дигар васоити тасвири бадеӣ, махсусан, ташбеҳ, киноя, маҷоз ва ғайра ба шумур меояд ва ин ҳолат сабаби зеботару расотар ва рангинтар шудани сухани шоир гардидааст.

Аз талмеҳоти мундариҷ дар ғазалҳои Ҳумом чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки шоир ба гузаштаи худ, ба қисса ва ривоёти гуногуни ҳам динӣ, ҳам ишқӣ ва ҳам таърихӣ ошноӣ доштааст ва онҳоро дар мавориди муносиб барои тазйини сухани хеш ба маҳорати волои шоирона истифода кардааст. Гузашта аз саноеъи бадеии номбурда, дар ғазалҳои шоир санъатҳои дигари бадеӣ, амсоли саволу ҷавоб, муболиға ва иғроқ, таҷнис, тансиқуссифот, бароати исеҳлол, таҷоҳули ориф, такрор, эънот, радду-л-садр ила-л-аҷуз, радду-л-аҷуз ила-с-садр ва ғайра низ истифода шудаанд, аммо ин саноеъ нисбат ба санъатҳои таҳқиқшуда дар ғазалҳои шоир ба нудрат ба чашм расиданд ва мо онҳоро ҳини таҳқиқи ҷанбаи мусиқоии ғазалҳои шоир овардем.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомадаро ба таври зер ҷамъбаст мекунем:

1. Дар замони зиндагии Ҳумоми Табрезӣ (асри XIII) бо вуҷуди нобасомониҳо ва ноором иҳо, олимон, нависандагон ва шоирони бузурги ин марзу бум, амсоли Фахриддини Ироқӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрав, Имом Ҳусайни Ҳиравӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ва дигарон ба арсаи фаъолият омадаанд, ки ҳар кадоме барои пойдорӣ ва рушду густариши забону адаби форсии тоҷикӣ асарҳои мондагор эҷод кардаанд [1-М; 7-М].

2. Омилҳое, аз қабили таваҷҷуҳи хосси Элхонони муғул ва алоқаву муносибати бузургтарин вазирони давр, ба мисли Шамсиддин Муҳаммади Соҳибдевон, писари ӯ – Шарафуддин Ҳорун ва Рашиддадин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба Ҳумом ва аз шогирдони бузургтарин донишмандони давр – Хоҷа Насриддини Тӯсӣ ва Мавлоно Қутбиддини Шерозӣ будани ӯ боиси равнақи шоирии Ҳумом гаштаанд. Агар Ҳумом шоири маъруф намебуд, мавриди таваҷҷуҳи ин соҳибназарон қарор намегирифт [1-М; 7-М].

3. Номи падари Ҳумом Алои Табрезӣ муайян карда шуда ва ӯ шоир ҳам будааст. Санаи валодати шоир 1237 ва замони даргузашти ӯ санаи 1314 қабул карда шуд [1-М].

4. Яке аз омилони дарбор ва яке аз вазирони Озарбойҷон будани шоир ӯро водор ба сафар мекард. Аз ин сабаб, ба шаҳрҳои Бағдод, Рум, Ҳиҷоз, Макка, Мадина ва ғайра сафар карда ва гӯё ба зиёрати Хонаи Худо низ ноил шудааст [1-М; 2-М].

5. Аз он ки бисёре аз бузургони мусалмони асри XIII чун Саъдии Шерозӣ, Фахриддини Ироқӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Ҷалодиддини Балхӣ ва дигарон шофеӣ буданд, мумкин аст, ки Ҳумом суннии шофеӣ бошад. Аз баъзе ишораҳое, ки дар ашъораш дорад ва дар диссертатсия баррасӣ кардем, хулоса кардем, ки гароиши ӯ ба мазҳаби шофеист. Ҳумом зоҳиран ҷуссаи хурд ва наҳифу назарногире доштааст. Ӯ дар баъзе рубоиёташ сареҳан худро «ба тан мухтасар» ва «кӯтоҳ» зикр кардааст [1-М; 6-М].

6. Ҳумом дар ашъораш бузургони давлат ва олимони замонашро мадҳ гуфтааст. Ҳатто бо аллома Қутбиддини Шерозӣ нисбати хешовандӣ доштааст. Ва ба қавле, Қутбиддини Шерозӣ китоби «Мифтоҳ-ул-мафотеҳ»-ро бо хоҳиши ӯ таълиф кардааст. Бо Шайх Саъдуддин Иброҳими Ҳамавӣ дӯстӣ ва улфати зиёд доштааст [2-М; 8-М].

7. Ҳумоми Табрезӣ фақат як девон дорад. Ашъораш бо ду забон – форсӣ ва арабианд. Дар қолабҳои қасида, ғазал, маснавӣ, рубоӣ, қитъа, тарҷеъбанд ва муфрадот шеър эҷод кардааст. Ҳумом дар ғазалҳое ба сурати муламмаи форсию лаҳҷаи табрезӣ низ табъозмоӣ кардааст. Мазмуни ашъори Ҳумом мадҳия, мавоиз, маросӣ, ихвониёт ва сурудаҳои ошиқонаву орифона аст. Нусхаҳои хаттии девони Ҳумом хеле камшумор мебошанд. Таърихи истинсохи онҳо марбут ба қуруни XIV-XV мебошанд. Нашри замонавии девони Ҳумом дар таҳияи Рашид Айвазӣ дар ҳоли ҳозир комилтарин девони шоир ба шумор меояд [3-М; 5-М].

8. Аз рӯйи мазмун, мундариҷа ва муҳтаво ғазалҳои Ҳумом, аслан ишқии тасаввуфӣ, андарзӣ, мадҳӣ ва ғайра мебошанд. Аммо ғазалҳои ишқӣ низ дорад. Дар сурудаҳои Ҳумом маъниҳо ё мотивҳои анъанавии шеъри ғиноии классикӣ хеле зиёданд. Аммо маъниҳои тоза низ дар ғазалҳои ӯ дида мешавад [2-М; 3-М; 5-М].

9. Аз таҳқиқи авзони ғазалҳои шоир маълум шуд, ки аз ҷиҳати истифода ё басомад баҳри рамал, музореъ, ҳазаҷ ва муҷтасс нисбати дигар буҳур бештар истифода шудаанд. Ҳамчунин, аз анвои қофия бештар қофияи муқайяд ва махсусан, қофияи муқайяд бо ридфи муфрад, (дар 66 ғазал), қофияи муқайяди муҷаррад (дар 46 ғазал), бештар истифода шуда, аз анвои қофияи мутлақ аз ҳама бештар қофияи мутлақ бо ридфу васл (26 ғазал), қофияи мутлақ бо васл (21 ғазал) ва қофияи мутлақ бо васл ва хуруҷ (14 ғазал) бештар истифода шудаанд [3-М; 4-М].

10. Аз таҳқиқи санъатҳои бадеии мавҷуд дар ғазалҳои Ҳумом маълум гардид, ки дар онҳо бештар тавсиф, ташбеҳ, истиора, кинояву маҷоз, иҳом, тазод, талмеҳ бештар истифода шудаанд [5-М; 8-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Маводди илмии дар диссертатсия омада дар оянда метавонад барои таҳқиқи сохт, архитектоника, мазмуну муҳтаво ва сабки ғазал дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ истифода шаванд.

2. Андешаҳои назариеро, ки дар хусуси устухонбандии ғазал ва, махсусан, ғазали мусалсал, воқеъабанд, даврӣ ва якпора овардем, ҳангоми омӯзиши ин навъи ғазалҳо метавон истифода кард.

3. Таҳқиқи мусиқии дохилӣ ва берунии ғазалҳои шоир имкон фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои мусиқоии шеъри ӯ дақиқтару густардатар таҳқиқ карда шаванд.

4. Дар мавриди ҳунари шоирии Ҳумом ва салиқаи ӯ дар эҷоди ғазал гуфтан мумкин аст, ки шоирони ғазалсаро, ба мисли Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Убайди Зоконӣ, Салмони Соваҷӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон ба ғазалҳои ӯ таваҷҷуҳ карда, ҳар кадоме мисраъ, байт ва ҳатто ғазалҳои комили ӯро дар миёни ғазалҳо ва маснавиҳои худ овардаанд. Ин ҷиҳати эҷодиёти шоир низ яке аз масъалаҳоест, ки ниёз ба таҳқиқи бунёдӣ дорад.

5. Ҳангоми таҳқиқи нусхаҳои хаттии девони шоир маълум шуд, ки он ҳамаи ашъори шоирро фаро нагирифтааст, бинобар ин, зарурати чопи интиқодии девони шоир ҷо дорад ва ин кор бояд дар оянда анҷом дода шавад.

6. Вақти он ҳам расида, ки девони шоир ба хатти имрӯзии тоҷикӣ баргардон ва дар Тоҷикистон чоп шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо:


1. Абевардӣ, Анварӣ. Девон. Ҷилди 1 [Матн] / Анварии Абевардӣ. Бо кӯшиши Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1337. – 561 с.
2. Абевардӣ, Анварӣ. Девон. Ҷилди 2 [Матн] / Анварии Абевардӣ. Бо кӯшиши Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1340. – 847 с.
3. Абевардӣ, Анварӣ. Ғазалиёт [Матн] / Анварии Абевардӣ. Ба саъйи Шермуҳаммад Ёрмуҳаммадов ва Ширинбону Ҳаитова. – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с.
4. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари Ишқ [Матн] / Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Бо тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. – Теҳрон, 1388. – 470 с.
5. Алавӣ, Яҳё ибни Ҳамза. Асрор-ул-балоға. Ҷилдҳои 1 ва 3 [Матн] / Яҳё ибни Ҳамзаи Алӣ ибни Иброҳими Алавӣ. Таҳқиқи Абдулҳамиди Ҳиндуӣ.– Бейрут, 2002.
6. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр ва Асрорнома [Матн] / Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. Бо саъйи Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.
7. Аттор, Фаридуддин. Девон [Матн] / Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. Бо таълиқоти М. Дарвеш. – Теҳрон, 1359. – 687 с.
8. Бурҳон, Муҳаммад Ҳусайн. Бурҳони қотеъ. Чопи дувум [Матн]/ Муҳаммад Ҳусайн Бурҳони Табрезӣ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Ибни Сино, 1342. – 359 с.
9. Бурҳон, Муҳаммад Ҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1 [Матн] / Муҳаммад Ҳусайн Бурҳони Табрезӣ. Таҳияи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб. – 416 с.
10. Ватвот, Рашидуддин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър [Матн] / Рашидуддин Муҳаммади Ватвот. Тасҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон, 1372. – 142 с.

11. Ғазнавӣ, Саноӣ. Мунтахаби ашъор [Матн] / Саноии Ғазнавӣ. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Кароматулло Олимов. – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с.
12. Ғазолӣ, Муҳаммад. Кимиёи саодат. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ. 1 [Матн] / Муҳаммади Ғаззолӣ. Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст, Қудратбек Элчибеков. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 672 с.
13. Давлатободӣ, Азиз. Суханварони Озарбойҷон. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. 2 [Матн] / Азизи Давлатободӣ. – Табрез: Интишороти Сутуда, 1377. – 576 с.
14. Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Ғазалиёт [Матн]/ Амир Хусрави Деҳлавӣ. Мураттибон: Муҳаммадвафо Бақоева ва Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 480 с.
15. Деххудо, А. Луғатнома. Ҷ. 7 [Матн] / Алиакбари Деххудо. – Теҳрон, 1374. – 530 с.
16. Дод, Симо. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ. Вожаномаи мафоҳим ва истилоҳоти адабии форсӣ ва урупоӣ (татбиқӣ ва тавзеҳӣ). Чопи 3 / Симо Дод. – Теҳрон: Марворид, 1385. – 592 с.
17. Донишномаи забон ва адаби форсӣ. Иборат аз 6 ҷилд. Ҷ. 6 [Матн]. – Теҳрон, 1335. – 550 с.
18. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор. Чопи аввал [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бо кӯшиши Мир Ҷалолиддини Каззозӣ. – Теҳрон, 1379. – 250 с.
19. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бо кӯшиши Урватулло Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
20. Балхӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамс [Матн] / Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Меҳрот, 1374. – 748 с.
21. Алиаҳмад, Мавлавӣ Аҳмад. Ҳафт осмон [Матн] / Мавлавӣ Аҳмад Алиаҳмад. – Теҳрон, 1945. – 450 с.
22. Табрезӣ, Муҳаммадалӣ. Райҳонат-ул-адаб. Ҷ. 3 [Матн] / Муҳаммадалии Табрезӣ. – Теҳрон: Ширкати табъи китоб, 1328. – 525 с.

23. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин. Иборат аз 6 ҷилд. Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаммади Муин. – Теҳрон: Амири кабир, 1375. – 2474 с.
24. Ҷоҷармӣ, Муҳаммад. Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор. Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ. Ба кӯшиши Мир Солеҳи Тобонӣ. – Теҳрон, 1350. – 930 с.
25. Навоӣ, Алишер. Маҷолис-ун-нафоис [Матн] / Мир Алишери Навоӣ. Таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2018. – 527 с.
26. Раҷоӣ, Муҳаммадхалил. Маъолим-ул-балоға [Матн] / Муҳаммадхалили Раҷоӣ. – Шероз, 1372. – 447 с.
27. Розӣ, Фахр Муҳаммад ибни Умар. Ҷомеъ-ул-улум [Матн] / Фахр Муҳаммад ибни Умари Розӣ. Бо тасҳеҳи Алӣ оли Довуд. – Теҳрон, 1382. – 606 с.
28. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. Ҷ. 2 [Матн]/ Амин Аҳмади Розӣ. Бо тасҳеҳи Ҷавод Фозил. – Теҳрон, 1340. – 571 с.
29. Ромпурӣ, Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ. Бо кӯшиши Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
30. Румӣ, Ҷалолуддин. Мунтахаби ғазалиёт [Матн] / Ҷалолиддини Румӣ. Таҳияи Асрори Раҳмонфар ва Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2013. – 151 с.
31. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Давлатшоҳи Самарқандӣ. – Хуҷанд, 2015. – 480 с.
32. Сабо, Ҳусайн. Рӯзи равшан [Матн] / Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо. – Теҳрон, 1342. – 460 с.
33. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги луғот ва истилоҳоту таъбироти ирфонӣ [Матн] / Саидҷаъфари Саҷҷодӣ.– Теҳрон: Китобхонаи Таҳурӣ, 1372. – 578 с.
34. Табрезӣ, Ҳумом. Девон [Матн] / Ҳумоми Табрезӣ. Бо кӯшиши Рашиди Айвазӣ. – Теҳрон: Таърих ва фарҳанги Эрон, 1351. – 317 с.

35. Фарғонӣ, Сайф. Девон [Матн] / Сайфи Фарғонӣ. Бо кӯшиши Забеҳулоҳи Сафо. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1341. – 913 с.
36. Фахруззамонӣ, Абдуннабӣ. Тазкираи майхона [Матн] / Абдуннабии Фахруззамонӣ. Ба кӯшиши Аҳмад Гулчини Маонӣ. – Теҳрон, 1373. – 1052 с.
37. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаррирон: М.Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 948 с.
38. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ. 1 [Матн] / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 479 с.
39. Хондмир, Ғиёсуддин. Ҳабиб-ус-сияр. Ҷ. 2 [Матн] / Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайни Хондмир. Зери назари Муҳаммад Дабири Саёқӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Хайём, 1333. – 759 с.
40. Шарвонӣ, Хоқонӣ. Девон [Матн] / Хоқонии Шарвонӣ. Бо эҳтимоми Алии Абдуррасулӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Марво, 1357. – 995 с.
41. Хуҷандӣ, Камол. Девон [Матн] / Камоли Хуҷандӣ. Бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Бадриддин Мақсудов. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
42. Ҳақиқат, Абдуррафеъ. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён. Бахши 2. Ҷилди 3 (аз Мавлавӣ то Ҷомӣ) [Матн] / Абдурафеъ Ҳақиқат. – Теҳрон, 1371. – 501 с.
43. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ҷ. 2 [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон, 1339. – 697 с.
44. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ризоҷулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Меҳралии Ҷурҷонӣ. – Теҳрон: Зуҳро, 1344. – 470 с.
45. Ҳофиз, Шамсуддин Муҳаммад. Куллиёт [Матн] / Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Бо кӯшиши Халил Хатиби Раҳбар. – Теҳрон, 2001. – 467 с.
46. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ Маҳмуд. Бадоеъ-ус-санеъ [Матн] / Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Тасҳеҳи Раҳим Мусулмонёни Қубодиёнӣ. – Теҳрон: Марво, 1378. – 245 с.

47. Табрезӣ, Ҳофиз Ҳусайн. Равзат-уҷ-ҷинон [Матн] / Ҳофиз Ҳусайн Карбалоии Табрезӣ. – Теҳрон, 1324. – 489 с.
48. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс [Матн] / Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Бо тасҳеҳи Маҳдии Тавҳидипур. – Теҳрон: Иттилоот, 1370. – 1214 с.
49. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон [Матн] / Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Бо тасҳеҳи Исмоили Ҳокимӣ. – Теҳрон: Иттилоот, 1371. – 179 с.
50. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. Бо Тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1327. – 513 с.
51. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. Ба кӯшиши Урватулло Тоиров. – Душанбе, 1991. – 464 с.
52. Шарифӣ, Муҳаммад ва Ҷаъфарӣ, Муҳаммадирзо. Фарҳанги адабиёти форсӣ [Матн] / Муҳаммади Шарифӣ ва Муҳаммадризо Ҷаъфарӣ. – Теҳрон, 1390. – 1200 с.
53. Шерозӣ, Саъдӣ. Ғазалиёт [Матн] / Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Таҳияву тадвин, муқаддима ва шарҳи луғот аз Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 480 с.
54. Шерозӣ, Саъдӣ. Бӯстон [Матн] / Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Мураттиб Саҳобиддин Сиддиқов ва ҳозиркунандаи чоп Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 292 с.
55. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт [Матн] / Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Бо тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон: Ҳармас, 1385. – 1422 с.
56. Шерозӣ, Ҳофиз. Ғазалиёт [Матн] / Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ. Ба кӯшиши Шарифмурод Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.
57. Энсиклопедияи насри тоҷику форс (Алии Сафӣ «Латоиф-ут-тавоиф», Самандари Тирмизӣ. «Дастур-ул-мулук», Убайди Зоконӣ. Насру назм). – Душанбе, 2010. – 750 с.

## II. Осори таҳқиқӣ

58. Абдуманнонзода, М.А. Поэтикаи ғазалиёти Саъдӣ [Матн]/ М.А. Абдуманнонзода. – Хуҷанд, 2022. – 165 с.

59. Абдусаттор, А. Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 408 с.
60. Авғонов, А.Ф. Шеъри маснӯъ ва оғози рушди он дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои XI-XII). Дисс... номзади илм. филологӣ [Матн] / Алишер Файзуллоевич Авғонов. – Душанбе, 2017. – 198 с.
61. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми дувум [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1984. – 469 с.
62. Айвазӣ, Рашид. Таассуроти Ҳумоми Табрезӣ аз Саъдии Шерозӣ [Матн] / Рашиди Айвазӣ // Фаслномаи забон ва адаби форсии Донишгоҳи Табрез. – Табрез, 1350. – Шумораи 97. – С. 188-197.
63. Алавӣ, Муҳаммад, Шарифзода Ризо. Маонӣ ва баён [Матн] / Муҳаммади Алавӣ, Ризо Шарифзода. – Теҳрон, 1387. – 148 с.
64. Ализода, Носир, Сафдарпур, Фарниё. Таҳқиқи илми баён дар девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Фарниё Сафдарпур, Носир Ализода // Номаи порсӣ. – Теҳрон, – 1370, шумораи 50. – С. 45-57.
65. Алимардонов, А. Тарҳрезии ғазал дар замони оли Сомон [Матн] / Амрияздон Алимардонов // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. – С. 432-455.
66. Афсахзод, А. Лирика Абд-ар-Рахмана Джами. Проблебы текста и поэтики [Текст] / А. Афсахзод. – М., 1988. – 376 с.
67. Афсаҳзод, А. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ – адиб ва мутафаккири номӣ [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2014. – 256 с.
68. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – шоири ғазалсаро [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе, 1989. – 256 с.
69. Афсаҳов, А. Сайфи Фарғонӣ [Матн] / Ансор Афсаҳов. – Душанбе: Маориф, 1977. – 156 с.
70. Аҳмадӣ, Бобак. Сохтор ва таъвили матн (нишонашиносӣ ва сохторгароӣ) [Матн] / Бобаки Аҳмадӣ. – Теҳрон, 1370. – 384 с.
71. Аҳмадӣ, Алиакбари Ҳафтодар, Ризоӣ, Ғуломаббос, Номдорӣ, Иброҳим. Ошноизудоӣ ва нақши он дар халқи шеър [Матн] / Алиакбар Ҳафтодари

Аҳмадӣ, Ғуломаббоси Ризоӣ, Иброҳими Номдорӣ // Сухан. – Теҳрон. Давраи 5. – 1392. – № 2. – С. 69-88.

72. Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ [Матн] / М. Бақоев.– Душанбе: Дониш, 1975. – 275 с.
73. Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Искусство, 1986. – 258 с.
74. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт (қисми 1). Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Юрий Бобоев. – Душанбе, 1987. – 320 с.
75. Бобомуродов, Ш., Мухторов, З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ [Матн] / Миршакар Бобомуродов, Зайниддин Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
76. Брагинский, И.С. Очерки из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.
77. Брагинский, И.С. Очерки из истории таджикской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1956. – 453 с.
78. Брагинский, И.С. О возникновении газели в персидско-таджикской литературе [Текст] / И.С. Брагинский // Из истории таджикской и персидской литератуpқ. – М., 1972. – 524 с.
79. Браун, Э. Таърихи адабии Эрон [Матн]/ Эдуард Браун. Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат. – Теҳрон, 1351. – 540 с.
80. Валлод, Тофс Ямир. Чингизхон [Матн] / Ямир Тофс Валлод. Тарҷумаи дуктур Шарифи Баёнӣ. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1345. – 420 с.
81. Воҳидов, С. Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / С. Воҳидов // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз се ҷилд. Ҷ. 3. – Душанбе, 2004.– 518 с.
82. Воҳидов, С. Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / С. Воҳидов // Энциклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 8. – Душанбе, 1988. – 634 с.
83. Гелонӣ, Саййид Муҳаммадризо Доӣ. Илми бадеъ дар забони форсӣ [Матн] / Саййид Муҳаммадризо Доии Гелонӣ. – Исфаҳон, 1325. –190 с.
84. Гешакӣ, Шаҳин. Баррасии сабкшиносии девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Шаҳини Гешакӣ. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Курдистон, баҳмани соли 1387. Поённома. – 25 с.

85. Гургонӣ, Шамсулуламо. Абдаъ-ул-бадоеъ. Чопи аввал [Матн] / Шамсулуламо Гургонӣ. – Табрез: Аҳрор, 1377. – 280 с.
86. Додарова, Т.Ш. Мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти «Девони форсӣ»-и Алишери Навоӣ – Фониӣ. Дисс... номзади илм. филологӣ [Матн] / Т.Ш. Додарова. – Душанбе, 2023. – 197 с.
87. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1378. – 600 с.
88. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1379. – 446 с.
89. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Турақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
90. Исрофилниё Ш.Р. Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе, 2013. – 340 с.
91. Исрофилов, Ш.Р. Носири Бухороӣ ва такомули ғазал дар асри XIV. Рис... док. илм. филологӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилов. – Душанбе, 2009. – 373 с.
92. Кадканӣ, Муҳаммадризо. Забони шеър дар насри суфия [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Техрон: Сухан, 1392. – 659 с.
93. Кадканӣ, Муҳаммадризо. Мусиқии шеър [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1373. – 680 с.
94. Кадканӣ, Муҳаммадризо. Растохези калимот [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Бо кӯшиши Ш. Суфизода. – Душанбе: Нашри Файз, 2023. – 400 с.
95. Кадканӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Техрон, 1371. – 732 с.
96. Казакова, У.С. Таъсирпазирии Салмони Соваҷӣ аз шуарои бузурги пешин [Матн] / У.С. Казакова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – № 1 (102). – С. 128-135.
97. Казакова, У.С. Назаре ба ғазали Салмони Совақӣ [Матн] / У.С. Казакова. – Душанбе: Шарқи озод, 2003. – 136 с.

98. Каззозӣ, Мир Ҷалолуддин. Зебоишиносии сухани форсӣ. Бадаеъ [Матн] / Мир Ҷалолуддини Каззозӣ. – Теҳрон: Интишорои ширкати Марказ, 1373. – 218 с.
99. Каззозӣ, Мир Ҷалолуддин. Зебоишиносии сухани форсӣ. Баён [Матн] / Мир Ҷалолуддини Каззозӣ. – Теҳрон: Интишорои ширкати Марказ, 1370. – 220 с.
100. Каззозӣ, Мир Ҷалолуддин. Зебоишиносии сухани форсӣ. Маъонӣ [Матн] / Каззозӣ, Мир Ҷалолуддин. – Теҳрон, 1373. – 320 с.
101. Каримов, У. Муруре бар таҳаввули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаҳои XII-XIII ва аввали қарни XIX. Воситаи таълимӣ [Матн] / У. Каримов ва диг. – Душанбе, 2011. – 164 с.
102. Кахарова, Н. Саади и его роль в развитии газели: автореф. Автор... дис. канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / Н. Кахарова. – Душанбе, 1971. – 21 с.
103. Каҳрезӣ, Халил. Шоҳнома дар девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Халили Каҳрезӣ // Корномаи мутуни адабӣ дар давраи Ироқӣ. – Кирмоншоҳ, 1399. Шумораи аввал. – С. 65-76.
104. Комёр, Ваҳидиён Тақӣ. Бадеъ. Чопи аввал [Матн] / Тақӣ Ваҳидиёни Комёр. – Машҳад: Дӯстон, 1379. – 230 с.
105. Мавсуӣ, Мир Неъматуллоҳ. Фарҳанги бадеӣ (шарҳи беш аз 200 истилоҳ аз бадеъ, баён ва маонӣ). Чопи аввал [Матн] / Мир Неъматуллоҳ Мавсуӣ. – Табрез: Аҳрор, 1382. – 210 с.
106. Мақсудов, Б. Назари Шафеии Кадканӣ ба сабк ва сабкшиносӣ [Матн] / Бадриддин Мақсудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С.189-195.
107. Мақсудов, Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Бадриддин Мақсудов. – Душанбе, 1994. – 166 с.
108. Мақсудов, Б. Фахр дар ғазали Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Бадриддин Мақсудов // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1988. – № 3. – С. 59-64.

109. Маҷсудов, Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ [Матн] / Бадриддин Маҷсудов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 555 с.
110. Маҷсудов, Б. Равиши таҳқиқ [Матн] / Бадриддин Маҷсудов. – Душанбе, 2012. – 96 с.
111. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV [Матн] / Абдулғанӣ Мирзоев // Сездаҳ мақола. – Душанбе, 1977. – 288 с.
112. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 479 с.
113. Молмир, Темур ва Муҳаммадхонӣ, Фотима. Нақду баррасии мадҳисароии Ҳофиз [Матн] / Темури Молмир ва Фотимаи Муҳаммадхонӣ // «Куҳанномаи адаби порсӣ»-и Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ. – Теҳрон. – Шумораи севум, тирамоҳи соли 1392. – С. 18.
114. Муваҳҳид, З. Дирӯз ва имрӯзи шеъри форсӣ [Матн] / З. Муваҳҳид. – Теҳрон, 1394. – 287 с.
115. Мударрисӣ, Фотима. Қоидаафзоӣ дар Девони Шамс [Матн]/ Фотимаи Мударрисӣ // «Пажуҳишнома»-и донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ. Шумораи 46. – Теҳрон, 1388. – С. 86-87.
116. Мунир, М. Породукс ё таркиби маҳолнамо яке аз аносири сабкии шеъри асри Ҷомӣ [Матн] / Муҳаммаддовуди Мунир // Илм ва фановарӣ: бахши филология. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 176-183.
117. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Раҳим Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
118. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳои адабӣ. Воситаи таълимӣ [Матн] / Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе, 1987 – 88 с.
119. Муҳсинӣ, Аҳмад. Радиф ва мусиқӣ дар шеър [Матн] / Аҳмад Муҳсинӣ. – Машҳад, 1382. – 203 с.
120. Муътаман, Зайнулобиддин. Таҳаввули шеъри форсӣ [Матн] / Зайнулобиддини Муътаман. – Теҳрон, 1371. – 414 с.
121. Муътаман, Зайнулобиддин. Шеър ва адаби форсӣ [Матн] / Зайнулобддини Муътаман. – Теҳрон, 1334. – 244 с.

122. Нарзиқул, М. «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва суннатҳои номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIV) [Матн] / Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2020. – 320 с.
123. Нарзиқул, М. Вазни шеъри тоҷикӣ [Матн] / Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе, 2021. – 144 с.
124. Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ [Матн] / Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 82 с.
125. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / Абдуманнони Насриддин. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 392 с.
126. Нафисӣ, С. Сарчашмаҳои тасаввуф дар Эрон [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Иттиҳод, 1347. – 375 с.
127. Низомов, М. Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддини Аттор. Дисс... номз. илм. филол.: 10.01.03 [Матн] / Муҳриддин Низомов. – Душанбе, 2002. – 208 с.
128. Нуров Н.Н. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. Дисс... док. илм. филол.: 10.01.01 [Матн] / Н.Н. Нуров. – Душанбе, 2019. – 418 с.
129. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. Ҷилдҳои савум, чаҳорум ва панҷум. Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 575 с.
130. Нуъмонӣ, Шиблӣ Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. Ҷилди аввал ва дувум. Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2015. – 544 с.
131. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷ. 3 [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақии Гелонӣ. – Теҳрон, 1337. – 510 с.
132. Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Таърихи муғул [Матн] /Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон, 1341. – 560 с..
133. Размҷӯ, Ҳ. Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ [Матн] / Ҳ. Размҷӯ. – Теҳрон, 1347. – 268 с.

134. Раҳмонов, Ш. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 2010. – 310 с.
135. Рейснер, М.Л. Эволюция классической газели на фарси (X-XIV века) [Текст] / М.Л. Рейснер. – М.: Наука, 1989. – 224 с.
136. Рейснер, М.Л., Чалисева, Н.Ю. Образ поэзии в поэзии: литературная рефлексия в персидской классике X-XIV вв. (касыда и маснави) [Текст] / М.Л. Рейснер, Н.Ю. Чалисева // Поэтологические памятники востока образ, стиль, жанр. – М., 2010. – С. 153-242.
137. Ризоӣ, А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] /А. Ризоӣ. – Теҳрон: Ҳумо, 1941. –750 с.
138. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян Рипка. – М.: Прогресс. 1970.
139. Ростгӯ, М. Иҳом дар шеъри форсӣ [Матн]/ М. Ростгӯ – Теҳрон: Сурӯш, 1379. – 259 с.
140. Ростгӯ, М. Ҳунари суханороӣ (фанни бадеъ). Чопи аввал [Матн] / М. Ростгӯ. – Теҳрон: Самт, 1382. – 130 с.
141. Сабур, Д. Офоқи ғазали форсӣ: пажуҳиши интиқодӣ дар таҳаввули ғазал ва тағаззул аз оғоз то имрӯз [Матн] / Дорюши Сабур. – Теҳрон: Пайк, 1370. – 611 с.
142. Саломов, М.Қ. Вижагиҳои забонии ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV [Матн] / М.Қ. Саломов. – Душабне, 2018. – 354 с.
143. Самадов, Т. Анварӣ ва ғазалиёти ӯ [Матн] / Т. Самадов. – Душанбе, 1988. – 164 с.
144. Саноӣ, Ҳаким. Осори мунтахаб [Матн] / Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 554 с.
145. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе, 2001. – 144 с.
146. Сафо, Забеҳуллоҳ. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назму насри форсӣ [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Қақнус, 1386. – 108 с.

147. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 3. Бахши 2 [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Ҳумо, 1339. – 416 с.
148. Силантьев, И.В. Поэтика мотива [Текст] / И.В. Силантьев. – М.: Яз. слав. Культуры, 2004. – 255 с.
149. Солеҳов, М.О. Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик [Матн] / Мирзо Одинаевич Солеҳов. – Душанбе, 2020. – 335 с.
150. Стеблева, И.В. Семантика газелей Бабура [Текст] / И.В. Стеблева. – М.: Наука, 1982. – 206 с.
151. Суратгар, Лутфалӣ. Сухансанҷӣ [Матн] / Лутфалии Суратгар. – Теҳрон: Ибни Сино, 1348. – 203 с.
152. Тоиров, У. Донишномаи каломи бадеъ [Матн] / Урватулло Тоиров. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 950 с.
153. Тоиров, У. Каломи манзум [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе, 2005. – 455 с.
154. Тоҳирӣ, Ҳамид. Рӯйкарде ба иҳом дар ғазалиёти Ҳофиз [Матн]/ Ҳамид Тоҳирӣ // Нашрияи адаб ва забони Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Шаҳиди Боҳунари Кирмон. – Шумораи 28, шумораи паёпай, 1389. – С. 25.
155. Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика [Текст] / Б.В. Томашевский. – М. – 1996.– 334 с.
156. Тоҷибоев, Ш. Тавсиф ва масъалаҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик [Матн] / Ш. Тоҷибоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 164 с.
157. Тоҷиддинӣ, Муҳаммадризо. Оинаи Ҳофиз ва Ҳофизи оина [Матн] / Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ. – Техрон, 1378. –159 с.
158. Фасоӣ, М. Р. Анвои шеъри форсӣ [Матн] / М. Р. Фасоӣ. – Шероз, 1337. – 760 с.
159. Фишоракӣ, Муҳаммад. Нақди бадеъ [Матн] / Муҳаммади Фишоракӣ. Чопи аввал, – Теҳрон, 1379. – 169 с.

160. Фозил, Аббосзода, Таҷлил, Халил. Нақши ҳамгунии комили вожагонӣ дар мусиқии шеъри Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Аббосзода Фозил, Халили Таҷлил // Пажуҳишномаи мутуни адабии давраи Ироқӣ. – Кирмоншоҳ, 1399. – С. 65-76.

161. Фозил, Аббосзода. Баррасии нақшгунаҳои иҳом дар таксири маъноии вожагони девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Аббосзода Фозил // Маҷаллаи Адаби форсӣ. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон. – Теҳрон, 1393. – С. 124-144.

162. Фозил, Аббосзода. Нигоҳе ба мафоҳими сонавии ирфонии чеҳраи маъшуқ дар девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Аббосзода Фозил // Ирфони исломӣ (адён ва ирфон). – Теҳрон, 1394. Шумораи 45. – С. 59-72.

163. Фрейденберг О.М. Методология одного мотива [Матн] / О.М. Фрейденберг. Подг. текста, примеч. Н.В.Брагинской // Труды по знаковым системам. – Уч. записки Тартуского госуниверситета, 1987. – № 6. – С. 120-130.

164. Хуросонӣ, Шуҷоуддин. Ҳанҷараи сабзи ғазал [Матн] / Шуҷоуддин Хуросонӣ. – Кобул, 1385. – 283 с.

165. Ходизода, Р. Коротко о газели [Текст] / Расул Ходизода // Газели: (Избранные газели классиков таджикско-персидской поэзии). – Душанбе, 1968. – С. 3-18.

166. Ҳайдарӣ, Дижам ва Алӣ, Меҳрнӯш. Ҷойгоҳи тахаллус дар ғазалҳои мадҳии Ҳофиз [Матн] / Дижам Ҳайдарӣ ва Меҳрнӯши Алӣ // Маҷаллаи «Бӯстони адаб»-и Донишгоҳи Шероз, соли панҷум, шумораи чаҳорум, 1392. – С. 17.

167. Ҳакимов, А. Аз ғазал то шеъри озод [Матн] / А. Ҳакимов // Садои Шарқ, 1975. – № 12. – С. 27-37.

168. Ҳакимов, С.Т. Имомии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои услубиву бадеии осори ӯ: диссертатсия [Матн] / С.Т. Ҳакимов. – Бохтар, 2021. – 170 с.

169. Ҳиравӣ, Н.М. Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан [Матн] / Наҷиб Моили Ҳиравӣ. – Теҳрон, 1772. – 493 с.

170. Ҳисоракӣ, Муҳаммадризо. Сабкшинохтии ғазалиёти Саъдӣ ва Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Муҳаммадризо Ҳисоракӣ // Пажуҳишномаи нусхашиносии мутуни назму насри форсӣ. – Исфаҳон, 1401. – Шумораи 17. – С. 31-50.
171. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1999. – 186 с.
172. Ҳумоӣ, Ҷ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ [Матн] / Ҷалолуддини Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1371. – 424 с.
173. Чинорӣ, Амир. Нигоҳе нав ба иҳом [Матн] / Амир Чинорӣ // Пажӯҳишномаи нақди адабӣ ва балоғат. Шумораи 2, 1392. – С. 115-134.
174. Шамисо, Сирус. Маонӣ ва баён[Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1370. – 157 с.
175. Шамисо, Сирус. Баён [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Пайк, 1376. – 276 с.
176. Шамисо, Сирус. Нақди адабӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Душанбе, 2017. – 259 с.
177. Шамисо, Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Митро, 1390. – 528 с.
178. Шамисо, Сирус. Нигоҳе тоза ба бадеъ [Матн] / Сируси Шамисо. Чопи ёздаҳум. – Теҳрон: Фирдавс, 1383. –160 с.
179. Шамисо, Сирус. Ошноӣ бо аруз ва қофия [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1378. – 126 с.
180. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1370. – 243 с.
181. Шарипов, Ш.Р. Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳиқораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ). Рис... док. илм. филологӣ [Матн] / Ш.Р. Шарипов. – Душанбе, 2024. – 414 с.
182. Шарипов, Ш.Р. Равишҳои ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ [Матн]/ Ш.Р. Шарипов. Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2017. – №2. – С. 42-47.

183. Шарифзода, Б. Хоқонӣ ва таҳаввули қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIII). Дисс. доктори илмю филологӣ [Матн] / Боймурод Шарифзода. – Душанбе, 2022. – 458 с.
184. Шарифӣ, Муҳаммад. Фарҳанги адабиёти форсӣ [Матн] / Муҳаммад Шарифӣ. – Теҳрон: Муин, 1387. – 1501 с.
185. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
186. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 199 с.
187. Шарифов, Х. Муаммои ғазал [Матн] / Худоӣ Шарифов // Шоир ва шеър. – Душанбе, 1998. – С. 127-137.
188. Шарифов, Х., Тоиров, У. Назмшиносӣ [Матн] / Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
189. Шафақ Р. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Ризозода Шафақ. – Теҳрон, 1341. – 446 с.
190. Шафақ, Р. Тахрихи адабиёти Эрон [Матн] / Ризозода Шафақ. – Теҳрон, 1313. – 410 с.
191. Шкловский, В.Б. Воскрешение слова [Текст] / В.Б. Шкловский // СПб.: Тип. З. Соколинского, 1914. – 16 с.
192. Шкловский, В.Б. Искусство как приём [Текст] / В.Б. Шкловский // Гамбургский счет. Статьи – Воспоминания – Эссе. – М.: Сов.писателӣ, 1980. – 63 с.
193. Эшонӣ, Тоҳира. Сайри ғазали мадҳӣ дар адаби форсӣ (аз Саноӣ то Ҳофиз) [Матн] / Тоҳира Эшонӣ // «Куҳанномаи адаби порсӣ». Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, шумораи севум, 1392. – 28 с.
194. Ю.Н. Тынянов. Проблема стихотворного языка [Текст] / Тынянов Ю.Н. Л., 1924. – 139 с.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Умарзода, Ф. Шарҳи аҳволи Ҳумомуддини Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 213-218.

[2-М]. Умарзода, Ф. Ғазали мадҳӣ дар девони Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 2 (54). – С. 207-213.

[3-М]. Умарзода, Ф. Сохтори ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (110). – С. 201-207.

[4-М]. Умарзода, Ф. Ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 4 (6). – С. 212-217.

[5-М]. Мақсудзода, Б., Умарзода, Ф. Офариниши маънӣ дар ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ [Матн] / Б. Мақсудзода, Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 6. – С. 276-282.

[6-М]. Умарзода, Ф. Ҳумом ва Саъдӣ (Муқоисаи ҳолот ва ҳунари эҷоди ғазал) [Матн] / Ф. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С. 222-230.


### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:


[7-М]. Умарзода, Ф. Шарҳи ҳоли Ҳумомиддини Табрезӣ (1238-1314) [Матн] / Ф. Умарзода // Конференсияи дуюми ҷумҳуриявии илмӣ-назарявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон» бахшида ба 25-

солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 17-18 майи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 60-63.

[8-М]. Умарзода, Ф. Истиқболи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ дар ашъори дигарон [Матн] / Ф. Умарзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Ҷойгоҳи профессор Абдушакур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 184-189.